ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

ВБД: 004 376 – 37.0+930 (2 – тоҷ)
ТКБ: 74. 2.
У-28

Бо ҳуқуқи дастнавис

УСМОНЗОДА ЗАРИФ ҶУМЪАБОЙ

ҲАМКОРИИ КОЛЛЕҶ ВА МУАССИСАҲОИ ФАРҲАНГ – ШАРТИ МУКАММАЛГАРДОНИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ЗЕБОИПАРАСТИИ ДОНИШҶӮЁН

Ҳимояи такрорӣ

Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ, профессор Латифзода Д.Н

ДУШАНБЕ - 2026

МУНДАРИҶА

Муқаддима ……3

Тавсифи умумии таҳқиқот.....12

БОБИ 1. ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ЗЕБОИПАРАСТИИ ДОНИШҶЎЁНИ КОЛЛЕҶҲО ЧУН ПРОБЛЕМАИ ИҶТИМОӢ-ПЕДАГОГӢ 23

1.1. Омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар педагогика..... 23

1.2. Хусусиятҳои ҳамкории мазмунӣ-технологии коллеҷ бо муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули зебоипарастии донишҷӯён 53

Хулосаи боби 1 81

БОБИ 2. ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГӢ ВА МЕХАНИЗМҲОИ ҲАМКОРИИ МУТАҚОБИЛАИ КОЛЛЕҶ ВА МУАССИСАҲОИ ФАРҲАНГ ДАР ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ЗЕБОИПАРАСТИИ ДОНИШҶЎЁН..... 82

2.1. Фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён ва механизмҳои ташаккули он дар раванди ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг 82

2.2. Роҳҳои мукаммалгардонии ҳамкории мутақобилаи педагогии коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар рушди эстетикии донишҷӯён 104

Хулосаи боби 2 123

БОБИ 3. ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ЗЕБОИПАРАСТӢ ВА ҶАЛБИ ДОНИШҶЎЁН БА ФАЪОЛИЯТИ БАДЕӢ-ЭҶОДӢ – ШАРТИ МУҲИММИ ҲАМКОРИИ МУТАҚОБИЛАИ ПЕДАГОГӢ (ҶАМЪБАСТИ НАТИҶАҲОИ КОРИ ОЗМОИШӢ-ТАҶРИБАВӢ)..... 127

3.1. Асоснок намудани вазифаҳои барномаи таҳқиқотӣ 127

3.2. Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг ҷиҳати ташаккули маърифати зебоипарастӣ ва ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти бадеӣ-эҷодӣ.....142

Хулосаи боби 3.....162

Хулоса ва натиҷаҳои асосии илмии кори диссертатсионӣ.....165

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот.....170

Рӯйхати адабиёт.....173

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Масъалаҳои ҷалб намудани насли наврас ба зебоипарастӣ ва зебоиофарӣ, аз ҷумлаи масъалаҳост, ки аз ҳалли он мушкилоти ташаккули фарҳанги эстетикӣ ва рушдёбии инсони комил вобастагии зич дорад. Бинобар ин, зарурияти муҳими такмили системаи тарбияи эстетикӣ, ба талаботи имрӯза мутобиқ намудани мазмун, шакл, методҳо ва воситаҳои таъсиррасонии он ба вуҷуд омадааст.

Одами аз ҷиҳати эстетикӣ зебо, ба дарки санъат сарфаҳм мерафтагӣ, ба фаъолияти зебоипарастӣ ҷалб шуда, махсусан барои барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти фаъолияташон техникӣ хел зарур ва дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ барои педагогикаи иҷтимоӣ ва ҷузъи таркибии он фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ мебошад. Зеро мисли дигар донишҷӯёни макотиби олӣ ва миёнаи махсус онҳо низ бояд аз арзишҳои миллӣ ва умумибашарии зебоипарастӣ бархӯдор буда, тарбияи завқи бадеӣ, муносибати фарҳангофарона ва зебоиофарона низ дошта бошанд, асарҳои бадеиро арзёбӣ карда тавонанд ва ба фаъолияти бадеӣ-эҷодӣ ҷалб шуда, аз онҳо бархӯрдор бошанд.

Бинобар ин, масъалаҳои ташаккули фарҳанги эстетикӣ барои донишҷӯёни коллеҷҳои техникӣ хеле муҳим ва зарур аст, зеро дар шароити боло рафтани нақш ва нуфузи илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиатшиносӣ набояд ин қишри ҷомеа аз арзишҳои эстетикӣ бебаҳра монад, ба фаъолияти эстетикӣ ва намудҳои гуногуни санъат ҷалб нашавад.

Раванди ҷаҳонишавӣ, ки хусусиятҳои миллӣ, анъанаҳои ин ё он этносро дар тарбияи эстетикӣ ба ҳисоб намегирад, пояҳои устувори тарбиявӣ ва фарҳангофариро коста мегардонад. Ҳоло он ки, анъанаҳои бадеӣ унсури таркибии маҷмуъии ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами кори тарбиявӣ ба шумор мераванд. Инчунин, дар сатҳи зарурӣ коркард нашудани методикаи ташаккули фарҳанги эстетикии муҳассилин,

таъмин карда натавонистани ҳамоҳангсозии неруҳои ниҳодҳои мухталифи давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар кори тарғиби арзишҳои бадеӣ ва ҷалбнамоии насли наврас ба эҷодиёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, дигар омилҳо низ садди роҳи мукаммалгардонии корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ гардидааст.

Вобаста ба ин, проблемаи мазкур мубрам, муҳим ва яке аз ҳадафҳои рӯзмарраи тарбиявӣ-эстетикӣ дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Албатта, дар ин кор ҳамкории муассисаҳои таҳсилотӣ, марказҳои фарҳангию фароғатӣ ва оила, ки дорои анъанаҳои миллӣ-фарҳангии хеш мебошад, нақши муайян мебозад. Аз ин рӯ, натиҷаҳои арзанда ва самараноки корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ аз қобилияти дарёфти мавқеи нотакрори ҳар яке аз ин ниҳодҳои иҷтимоӣ-тарбиявӣ дар низоми ягонаи ташаккули комили инкишофи шахсият вобастагии ногусастанӣ дорад.

Ин вазифаи босо масъулиятнок ба зиммаи муассисаҳои таълимии зинаҳои гуногун, муассисаҳои фарҳанг ва дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа вогузор карда шудааст. Аммо дар таҷрибаи тарбияи эстетикӣ аз ҳам дурбудани фаъолияти ниҳодҳои иҷтимоӣ, бахусус, муассисаҳои таълимӣ, (дар таҳқиқоти мо коллеҷҳо) бо муассисаҳои фарҳанг ба назар мерасад, ки дар ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён костагиро ба амал меорад. Махсусан, ҳамкорӣ, аз нигоҳи мо, байни муассисаҳои таҳсилотӣ бо муассисаҳои фарҳанг дар сатҳи зарурӣ ба амал бароварда намешавад. Бинобар ин, яке аз мушкилоти имрӯза дар системаи тарбияи эстетикӣ роҳҳои таъмин кардани ҳамоҳангсозии марказҳои фарҳангию фароғатӣ бо муассисаҳои таълимӣ (коллеҷҳо) ба шумор меравад.

Маълум аст, ки халқи тоҷик дорои анъанаҳои қадимаи бадеӣ ва тарбияи эстетикӣ мебошад, ки аз насл ба насл интиқол дода шуда истодаанд ва истифодаи онҳо дар ташаккули зебоипарастии ҷавонон ҷойгоҳ ва аҳамияти калон доранд. Чунки мардуме, ки таърихи ғанӣ ва бойи чандинҳазорсола дораду мутаффакиронаш аз ҷиҳати афкори эстетикӣ дар тамоми ҷаҳон маълуму машҳуранд, бояд нагузорад, ки

насли ояндаи он аз ҷиҳати бадеӣ камсавод монад, аз донишҳои эстетикӣ ва арзишҳои фарҳанги бадеӣ бархӯрдор нашуда бошад. Ва, умуман, ба арзишҳои маънавию эстетикии ватанию ҷаҳонӣ, комёбиҳои илм ва техникаи муосир технологияҳои имрӯза ҷалб нагардида бошад. Бинобар ин, масъалаҳои таҳқиқи фарҳанги эстетикӣ имрӯзҳо хеле муҳим ва актуалӣ гардидааст. .

Аз ҷумла, зимни суханронӣ дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (с. 2015) Пешвои миллат, сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои тарбия дар руҳи анъана ва фарҳанги миллии халқи тоҷки таваҷҷуҳи хосса намуда, вазифаҳои тарбияи эстетикии насли наврасро дар ҷомеа, чунин муайян намуданд: «Мақомоти дахлдор бояд ба тарбияи зебоипарастии ҷавонон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд» [75,32]. Вобаста ба ин, ҳамчунин, «Вазорати фарҳанг, Кумитаи телевизион ва радио бо мақсади таблиғи ғояҳои миллӣ, тарбияи зебоипарастӣ ва ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ» [75,33]. вазифадор ҳам карда шудаанд. Ҳамзамон, дар Паёми соли 2025 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба «масъалаҳои омӯзиши таърих, фарҳанг, анъанаҳои халқи хеш» [76,33] диққати ҷиддӣ додан, таъкид шудааст.

Ҷъне, зикр намудан ба маврид аст, ки яке аз вазифаҳои имрӯзаи фарҳангикунонии ҷомеа, ғанӣ гардонидани ҳаёти маънавӣ мебошад, ки дар ин ҷода ниҳодҳои тарбиявию муассисаҳои фарҳанг нақши муасир ва ҳатто ҳалкунанда мебозанд.

Ғайр аз ин ҳам, дар Консепсияи тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсия ва барномаи давлатии муассисаҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, ниҳоят, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ва боз дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар қатори вазифаҳои муҳимми рӯз бобати амалӣ намудани тадбирҳои сиёсати давлатии миллии фарҳанг, «оид ба рушди маърифати ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ чораандеши карда» [11], ва тарбияи эстетикии ҷавонон мутобиқи шароити имрӯза, масъалаҳои ҳамоҳангсозӣ, ташкили сохтори муосири

ҳамгирокунанда, истифодаи арзишҳои фарҳанги миллӣ, ва соҳаи фарҳангию фароғатӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шудааст. Вобаста ба ин, вазифаҳои тарбияи эстетикӣ ва нақши муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳангро дар ин кор ба эътибор нагирифтан номумкин аст.

Аммо дар асл, таҷрибаи амалии ҳамоҳангсозии кори муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои фарҳангию фароғатӣ дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ карда нашудааст. Барои ҳамин ҳам ҳадафҳои аниқ, равшан ва мушаххас надоштани муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг дар низоми тарбиявӣ, хусусият, ҷойгоҳ ва нақш онҳо дар ташаккули зебоипарастӣ, коста будани ҳамоҳангсозӣ дар фаъолияти эстетикӣ ва дигар мушкилот сабаби интихоби мавзуи мазкур гардидааст.

Дар маҷмуъ таҳқиқоти мо маълум намуд, ки шароитҳои педагогӣ ва имкониятҳои воқеии иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ, бахусус ҷавонон, заминаи моддӣ-техникии соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар шароити имрӯза ба таври бояду шояд истифода бурда намешавад. Ҳаминро низ бояд зикр кард, ки вазъи корҳои беруназаудиторӣ, фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакон ва наврасон низ талаботи маънавию эстетикии тарбиятгирандагонро ба таври бояду шояд қонеъ намегардонанд, ки боиси ҷалби теъдоди камшумори онҳо гаштааст. Ин ҳама, воқеан ҳам, дар оянда заминаи мусоидро барои эҳёи заминаҳои эстетикии ҳаёти маънавӣ, боло бардоштани завқи эстетикии онҳо таъмин карда наметавонад.

Инчунин, дар сатҳи зарурӣ коркард нашудани методикаи ташаккули фарҳанги эстетикии муҳассилин, коста будани ҳамоҳангсозии инноватсионии институтҳои иҷтимоии мухталифи давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шакул усулҳои муосир дар корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ ва ҷалби насли наврас ба эҷодиёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва боз дигар омилҳо низ садди роҳи мукаммалгардонии корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ гардидааст.

Инчунин мушоҳидаҳо дар рафти таҳқиқот малум намудаанд, ки баъзе донишҷӯён бо сабабҳои мухталиф ба муассисаҳои фарҳанг кам мераванд, дар намоишномаҳо ва спектаклҳо гоҳ-гоҳ ширкат меварзанд

ва доир ба баланд бардоштани маърифати эстетикии худ кам таваҷҷуҳ менамоянд, ки боиси костагии завқи эстетикиашон мегардад. Қисме аз онҳо, ба иттиҳодияҳои ифротгароии самти фаъолияташон ғайри иҷтимоиву тарбиявӣ ворид шуда, даст ба ҷиноят мезананд, байни худ моҷаро ва ҷангу мушткӯбӣ мекунанд. Гузашта аз ин, ташвишовар он аст, ки дар баъзе муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ фанни эстетикаро чун предмети нақшавӣ ва ё факултативӣ ворид нанамудаанд, ё дар ҳаҷми зарурӣ омӯхта намешавад, онро омӯзгорони ғайриихтисос дарс медиҳанд. Аз ин рӯ, ин амал ва мушоҳидаҳо дар рафти таҳқиқот дар коллеҷҳои самти фаъолияташон техникӣ моро ба хулосае овард, ки дар коллеҷҳо таълимӣ сатҳу сифати дониш, азхудкунии таносуби фанҳои дақиқ ва гуманитарӣ (махсусан, силсилаи фанҳои эстетикӣ) чандон баланд нест.

Яке аз норасоиҳои ҷиддии дар низоми тарбияи эстетикӣ ва ҳамгироии ниҳодҳои онҳо мақсаду ҳадафҳои аниқу равшан надоштани муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг мебошад, ки дар ин низом чӣ ҷойгоҳе доранд ва кадом моделҳо (барномаҳо)-и таълимӣ барои Тоҷикистон заруранд.

Бино бар ин, ҳалли ин вазифаҳои муҳим ҷиҳати ташаккули шуури эстетикӣ, ҷалби ҷавонон ба фаъолияти бадеӣ-эҷодӣ, истифодаи анъана ва фарзанги миллӣ , таъмини неру ва рушди қобилиятҳои эҷодии ҷавонон ва аҳолӣ мусоидат менамоянд ва зарурияти таҳқиқоти масъалаи ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди ҳамгироии муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг ҳамчун объекти иҷтимоӣ-педагогӣ ба миён омадааст, ки хеле мубрам ва муҳим мебошад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Масъалаҳои ташаккули фарҳанги эстетикӣ ва умуман тарбияи эстетикии муҳассилин дар низоми таҳсилот ва фарҳанг проблемаи маҷмӯӣ буда, мавриди таҳқиқи илмҳои гуногун қарор дода шудааст. Дар рисолаи мазкур, ин нукта аз мавқеи илмҳои педагогӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Аммо, новобаста аз ин, дар раванди омӯзиши ин масъала, комёбиҳоии илмҳои гуногун,

ҷомеашиносӣ ва гуманитарӣ, аз қабили фалсафа, сотсиология, фарҳангшиносӣ, эстетика, инсоншиносӣ ва дигар илмҳо истифода бурда шудаанд.

Доир ба таҳқиқи ин мавзуъ олимони зиёди ватанию хориҷӣ таҳқиқоти арзишмандеро анҷом додаанд. Қобили зикр аст, ки оид ба ин масъала Апраскина О.А. [16], Апресян, Г.З. [17], Верб, М.А. [26], Каган.М.С. [37; 38], Лармин, О.В. [47], Лихачев Б.Т. [51;52], Разумный В.А. [69], Ястребова, Н.А. [111] ва дигарон дар таҳқиқоташон изҳори назар кардаанд. Аз ҷумла, Институти фалсафаи Академияи илмҳои Россия яке аз таҳқиқоти хешро махсус ба масъалаҳои фарҳанги эстетикӣ бахшидааст [106]. Масалан, Лихачев Б.Т. «одам ва табиатро ҳамчун ду намуди гуногуни иҷтимоӣ-фарҳангӣ баррасӣ намудааст, ки алоҳида вуҷуд дошта наметавонанд ва якҷоя вобастагии мавҷудияти якдигарро шарт мегузоранд» [52,175].

Махсусан, пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ба масъалаҳои «зарурияти ҳамгироии мактаб, оила ва ҷомеа дар тарбияи насли наврас» [11] таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Бештари мутахассисон нуқтаҳои назари хешро ҷиҳати ҳамкорӣ иброз намуда, зарурияти ҳамгироии кори иҷтимоии касбии муассисаҳои таълимиро бо оила, бахусус, дар шароите, ки оила ҳамчун субъекти фаъоли ин ҷараён дар муҳити иҷтимоӣ амал мекунад, бобати кӯшиши тавсиф ва ба низом даровардани онро масъалагузорӣ карда бошанд ҳам, вале пурра таҳқиқ накардаанд.

Дар таҳқиқотҳо зиёда парокандагии масъалагузорӣ, набудани нуқтаи назари маҷмуӣ ва механизми ҳамкории муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг ҳис карда мешавад. Ҳарчанд дар гӯшаю канори дунё, аз ҷумла дар Федератсияи Россия, ИМА ва дигар давлатҳо корҳои фаъоли таҷрибавӣ-озмоишӣ бурда шуда истода бошанд ҳам, аммо ҷумҳурии мо то ҳол дар ин ҷода имконияти маҳдуд буда, маводи назариявӣ ва амалӣ кам ҷамъ шудааст. Аз ин рӯ, дар кадом пойдевор ва бо кадом роҳ ба даст овардани самаранокии имконияти баҳамрасии худинкишофёбии шахсият

ва иқтидори муҳити иҷтимоии муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг ҳамчун масъалаи заруру ҳалталаб боқӣ мемонад. Барои ҳамин ҳам, мавзуи мазкур, ҳамчун, таҳқиқоти бунёдӣ, коркарди илмию амалиро талаб мекунад, то ки шароитҳои муфидро барои инкишофи шахсият, ҳамчунин, барои муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии ниҳодҳои гуногуни ҷомеа дар тарбияи эстетикӣ ба вуҷуд оварда тавонад.

Бояд таъкид сохт, ки дар Тоҷикистон дар самти ҳаллу фасли масоили назариявӣ ва методологии ин мавзуъ олимони соҳаи педагогикаи ватанӣ Муҳаммад Лутфуллозода [54; 55;], Хурам Раҳимов [73], Баён Раҳимов Б. ва Абдулбоқӣ Нуров [72], Файзулло Шарифзода [101] ва дигарон дар таҳқиқотҳояшон андешаҳои хешро доир ба мақсад, вазифаҳо, мазмун, шакл ва методҳои ин унсури муҳимми кори тарбиявӣ баён сохта, «тамоили эҳёи арзишҳои ахлоқию зебоипарастӣ ва ҳамкории ниҳодҳои гуногуни ҷомеаро зарур шуморидаанд» [54, 651].

Масъалаи мазкур дар як қатор монографияҳо, рисолаҳои докторию номзадӣ, мақолаҳои илмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Бевосита ба масъалаҳои тарбияи эстетикӣ рисолаҳои номзадии Р. Абдуллоева [112], А. Саидов [84], мақолаҳои илмии Д. Латипов [48], рисолаи доктори илми фалсафа, профессор С. Раҳимов [71] ва дигарон бахшида шудаанд. Дар мақолаи илмии С.Раҳимов мавсуф қайд мекунад, «дар замони марҳилаҳои аввали Истиқлолият зарурат ба таҳқиқи бадеияту эстетикаи замон, мафкураи нав, арзиши нав хеле рӯзмарра ва доғ гардид. Асари тозаэҷодшудаи миллат бояд дар меъёри арзишҳои ҷаҳонӣ рақобатпазир бошад» [71,28-31]. Ҷанбаҳои педагогии тарбияи эстетикиро бо хонандагони синфҳои болоӣ Р.Х. Абдуллоева дар рисолаи номзадиаш таҳқиқ намудааст. Ӯ «роҳҳои такмили ташаккули шуури бадеӣ-эстетикӣ дар системаи муайяни педагогӣ ва самаранокии методикаи онро арзёбӣ менамояд» [112,14].

Ҳамчунон, қисман, масъалаҳои тарбияи эстетикии донишҷӯён аз ҷониби олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи назди АТТ, Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва иттилооти вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,

кафедраҳои фарҳангшиносӣ ва педагогикаи мактаби олии кишвар таҳқиқ шудаанд.

Доир ба масъалаҳои тарбияи эстетикӣ ва мубрамияти масоили он таҳқиқотҳои комплексии Институти илмӣ-таҳқиқотии педагогӣ ва таҳсилоти бадеии Академияи таҳсилоти Россия Институти илмӣ-таҳқиқотии санъатшиносии Вазорати фарҳанги собиқ Иттиҳоди шуравӣ, Академияи илмҳои Россия (лабораторияи тарбия), дигар коллективҳои илмиро бо роҳбарии А.Н. Леонтев [49], Б.Т. Лихачев [52], Б.М.Неменский [59], Фохт-Бабушкин, Ю.У. ва дигарон [100], Ясенева, Л. Г. [149] низ, зикр кардан ба маврид аст. Ва бояд таъкид намуд, ки дар охири солҳои 70-90-уми асри XX дар доир ба ин масъала як қатор олимон аз қабили Абдуллоев, М.А. [14], Аверьянова, Г.И, [114], Алдреюшин, А.Н. [115], Киргизов, И. [132], Ольхова, О.К. [144], Плотникова, Е.В. [146] Трубина, И.И. [147] низ таҳқиқот бурдаанд. Дар осори илмии онҳо асосҳои назаиявию методологӣ, роҳҳо ва методҳои оптималии такмили тарбияи эстетикиву ахлоқии мактаббачагон дар корҳои беруазмактабӣ бо дарназардошти хусусиятҳои мактаби миллӣ ошкор гардида, масъалаҳои тарбияи мусиқӣ-педагогии мактаббачагон, барқароршавӣ ва инкишофи таҳсилоти мусиқӣ, имкониятҳои ҳамгиройи фанҳои таълимӣ, «таъсиси маҳфилҳои сарояндагӣ, оркестрҳои созҳои миллӣ тарбияи эстетикӣ тавассути санъати мусиқии халқӣ дар Ӯзбекистон» [147] ва дигар паҳлуҳои ташаккули фарҳанги эстетикӣ баррасӣ шудаанд.

Дар омӯзиш ва таҳқиқи ин мавзуъ саҳми олимон М.А.Абдуллоев, Р. Абдуллоева, Д.Латифзода (Д.Латипов), А.Саидов ва дигарон аз он иборат аст, ки дар ҳалли баъзе масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ ба мо кумак расонидаанд. Масъалан, Д.Латифзода «фарҳанги этникӣ ва эҷодиёти бадеии халқро дар низоми педагогикаи этникӣ» [48,5] баррасӣ намудааст. Ӯ қайд мекунад, ки «дар ин иҷрои ин вазифаҳои муҳим нақши институтҳои эҷодиёти мардумӣ хеле бузург аст» [48,5].

Инак, аз таҳлилу муқоисаи асару мақолаҳо ва рисолаҳои ба ташаккули фарҳанги эстетикӣ дар системаи таҳсилот ва фарҳанг

бахшидашуда чунин бармеояд, ки дар ин замина корҳои зиёде анҷом ёфта бошад ҳам, вале проблемаи ташаккули фарҳанги зебоипарастии муҳассилин дар давраи соҳибистиқлолӣ дар раванди ҳамгиройи мутақобилаи фаъолияти коллеҷҳои муосир ва муассисаҳои фарҳанг, шароитҳои самаранокии педагогии фаъолияти тарбиявии муассисаҳои соҳаи маорифу фарҳанг ва волидайн, ҳалли вазифаҳои таълимию тарбиявӣ тавассути ин ниҳодҳои тарбия то ҳол пурра мавриди таҳқиқи махсус ва ҳаллу фасл қарор нагирифтаанд. Ғайр аз ин, дар амалия усулҳои пайдарпай ва муассири ҳамгирокунанда байни маъмурияти муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, аз он ҷумла, коллеҷҳо ва кормандони муассисаҳои фарҳанг дар шаҳрҳои хурд, мавҷуд набудани механизмҳои ҳамоҳангии зарурӣ дар байни онҳо ба назар намерасад.

Хуллас, ин ҳама ва дигар номувофиқатии иҷтимоӣ байни талаботи ҷомеа доир ба масъалаҳои дар заминаи принсипи ҳамгироӣ ба роҳ мондани тарбияи эстетикии донишҷӯён ва номувофиқатии назария ба амалия дар системаи корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ дар самти ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён боиси интихоби мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг – шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» гардид.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, лоиҳаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, барои солҳои 2019–2023 дар мавзуи «Таҳсилоти касбӣ ва муносибати ба салоҳиятнокӣ асосёфта дар таълим ва омодагии касбии донишҷӯён» ва муқаррароти асосии «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Барномаҳои давлатии рушди муассисаҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва солҳои 2021-2025, «Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи фарҳанг, санъат ва табъу нашри Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» ва

боз дигар санадҳои амалкунандаи меъёрии соҳаи таълиму тарбия ва фарҳанг иҷро гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён ва хусусиятҳои он дар шароити таъсиррасонии маҷмуӣ дар раванди корҳои таълимию тарбиявӣ ва беруназаудиторӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуда, барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар раванди ҳамкории функсионалии коллеҷу муассисаҳои фарҳанг таҳия ва мавриди тавибу озмоиш қарор дода шуда, самаранокии истифодаи он собит карда шудааст.

Мақсади таҳқиқот: – муайян ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани шароитҳои ташкилӣ-педагогии мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар раванди ҳамкории функсионалии коллеҷ бо муассисаҳои фарҳанг ва тавсеаи он.

Вазифаҳои таҳқиқот:

- баррасии фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён, хусусиятҳои он дар шароити таъсиррасонии маҷмуӣ дар раванди корҳои таълимию тарбиявӣ ва беруназаудиторӣ дар илми педагогика;

- омӯзиши вазъият ва тамоилҳои рушди ҳамкории мутақобилаи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг доир ба ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- омӯзиши имкониятҳои воқеӣ ва шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии коллеҷу муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён;

- коркард ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар раванди ҳамкории фунсионалии коллеҷу муассисаҳои фарҳанг;

- тариқи озмоиши педагогӣ тасдиқ кардани барномаи ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди фаъолияти якҷояи коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг.

Объекти таҳқиқотро ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар фаъолияти якҷояи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг ташкил медиҳад.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот: раванди ҳамкории функсионалии коллеҷҳо бо муассисаҳои фарҳанг – шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён.

Фарзияи таҳқиқот: мукаммалгардонии ҳамкории мутақобилаи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули зебоипарастии донишҷӯён зимни ба эътибор гирифтани шартҳои зерини педагогӣ муяссар мегардад, агар:

- ҳамкории мутақобилаи зичи ин ниҳодҳо (коллеҷу муассисаҳои фарҳанг) таъмин, ҳамоҳангсозии онҳо зимни баҳисобгирии барномарезӣ ва муносибати интегративии неруи субъектҳои ҳамкорикунандаи ин унсури тарбиявӣ ба роҳ монда шавад;

- номутасилӣ (дискретност) дар фаъолияти тарбиявӣ - эстетикии донишҷӯён аз тарафи ин ниҳодҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар шаҳрҳои хурд аз миён бардошта шавад;

- ҳамгиройи зичи ниҳодҳо дар заминаи барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён бо назардошти хусусияти фарҳанг ва асоснок намудани он бо истифода аз самаранокии анъанаҳои бадеии маҳал ба роҳ монда шуда, роҳҳои мукаммалгардонии он тариқи озмоиш санҷида шавад.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Омӯхтани сарчашмаҳо ва таҳлили маводи лозима вобаста ба мавзуъ дар доираи диссертатсияи мо се марҳиларо дар бар мегирад:

Дар давраи аввали таҳқиқот (солҳои 2017-2019) адабиёти илмии гирдовардашуда доир ба фалсафа, эстетика, сотсиология, фарҳангшиносӣ, педагогиву психологӣ ва боз дигар мавод таҳлил гардида, таваҷҷуҳи асосиро зиёда ба масъалаҳои муҳимми тарбияи

эстетикӣ равона намудан имкон дод, ки диққати аввал бештар ба проблемаҳои асосӣ ҷалб ва нуктаҳои муҳимми фарзияи таҳқиқот асоснок карда шавад. Махсусан, адабиёти илмии олимони тоҷик доир ба тарбияи эстетикӣ таҳлил гардида, таваҷҷуҳ зиёда ба масъалаҳои истифодаи истилоҳ ва мафҳумҳо оид ба ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар шароити ҳамкории коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг дода шуд. Инчунин, консепсияи таҳқиқот таҳия шуда, ҳуҷҷатҳои коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳангӣ, ки масъалаҳои тарбиявӣ-эстетикӣ, дараҷаи тавсеаи онро инъикос мекарданд, мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор гирифтанд.

Дар давраи дуввуми таҳқиқот (солҳои 2020-2022), нақшаҳои кори таълимию тарбиявӣ, вазъи воқеии ҳамкории тарбиявӣ-эстетикии коллеҷҳо бо муассисаҳои фарҳангӣ дар шаҳрҳои хурд, барномаҳои таълимӣ ва чорабиниҳо оид ба тарбияи эстетикӣ, ки тавассути муассисаҳои фарҳанг баргузор карда мешаванд, баррасӣ шудааст; консепсия ва барномаи педагогии ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён дар раванди ҳамгироии коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳангӣ таҳия ва бо истифода аз усулҳои таҳқиқоти педагогӣ пурсиши анкетавӣ, пурсиши масъулини корҳои тарбиявии коллеҷҳо, мушоҳидаи фаъолияти кормандони муассисаҳои фарҳанг ва роҳҳои ҳамкории ин ду ниҳоди муҳимми тарбияи эстетикии донишҷӯён тавсиф ва нишондиҳандаҳои он муайян гардидаанд. Дар ин давраи озмоиши педагогӣ «ҳамкории мутақобилаи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг ҷиҳати ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷуён ва самаранокии он» [31,47] зери назорат қарор дода шуда, иштироки бевоситаи муаллиф ва мушоҳидаҳои ӯ доир ба фаъолияти омӯзгорон ва кормандони муассисаҳои фарҳанги шаҳр нақши ҳалкунанда дошт.

Дар давраи сеюм (солҳои 2022-2024) натиҷаи таҳқиқот дар як қатор пойгоҳҳои таҳқиқотӣ ҷамъбаст ва ба низом дароварда шуда, ниҳоят, хулосаҳои он имкон дод, ки ба барномаи педагогии ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯёни коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг ба таъмини

равандҳои ҳамгиросозии муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ такя карда, бо истифода аз имкониятҳои тарбиявии ин ниҳодҳо ҷавононро пайдарпай бо арзишҳои фарҳангӣ шинос ва онҳоро ба фаъолияти бадеиву эҷодӣ ҷалб намуда, ба рушди фаъолии эстетикии онҳо асос гузошта шавад. Хулоса ва тавсияҳои дар заминаи ҷамъбасти корҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ бадастомада ва самаранокии барномаи педагогии таҳиянамуда ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷуёнро дар раванди ҳамкории функсионалии коллеҷу марказҳои фарҳангӣ ва шароитҳои педагогии мукаммалгардонии онҳо тасдиқ намуд.

Хулоса ва тавсияҳои дар заминаи ҷамъбасти корҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ бадастомада ва самаранокии барномаи педагогии таҳиянамуда ташаккулёбии фарҳанги зебоипарастии донишҷуёнро дар раванди ҳамкории функсионалии коллеҷу марказҳои фарҳангӣ ва шароитҳои педагогии мукаммалгардонии онҳо тасдиқ намуд.

Асосҳои назариявии таҳқиқот дар заминаи принсипи муносибати ҳамгироӣ ба кори тарбиявӣ - эстетикӣ ба роҳ монда шуда, зарурияти истифодаи он дар ин низом, чун маҳаки асосии назариявии таҳқиқот таъкид шудааст. Вобаста ба ин, масъалаи «ҳамоҳангсозии фаъолияти ниҳодҳои иҷтимоии ҷомеа» [102,106], аз ҷумла, муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг, ки ду ниҳоди муҳими тарбиявӣ-эстетикӣ маҳсуб меёбанд, яке аз принсипи муҳимми тарбияи эстетикӣ эътироф ва тасдиқ карда шудааст. Ҳамчунин, «консепсияи инсондӯстонаи шахсият, ҳамчун фардияти худинкишофёфтаи комил, «омилҳо ва шаклу механизмҳои робитаи мутақобила», «консепсия, модел ва барномаҳои онон» [13] , ки барои Тоҷикистон мувофиқанд, худидоракунӣ ва худташкилдиҳӣ чун яке аз роҳҳои самараноки ташкили раванди ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён арзёбӣ гардидааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ то соли 2030», «Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ», Қонуни ҶТ дар бораи муайян гардидаанд, низ асоси назариявии таҳқиқотро ташкил медиҳанд.

Асосҳои методологии таҳқиқотро ғояҳои файласуфон, сотсиологҳо, этнологҳо ва педагогҳо оид ба фарҳанги эстетикӣ чун ҳадафи муҳимми тарбияи эстетикӣ дар низоми таҳсилот; оид ба ҳамкории функсионалии ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар низоми таҳсилот (М.А.Ариарский, Ф.Шарифзода, Ш.Шоисматуллоев,); фаъолияти эстетикии инсон (М.С.Каган), назарияи тарбияи эстетикии муҳассилин (М.А.Верб, Е.В. Бондаревская, Б.Т.Лихачев, М.Лутфуллоев, В.А.Сластёнин ва диг.); ғояҳои ташаккули фарҳанги эстетикӣ дар назария, методика ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ (М.А.Ариарский, Н.И.Ерошенков, В.А.Разумный, В.Е.Триодин, Н.Н.Ярошенко); заминаҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф ва фарҳанг; ниҳоят, арзишҳои фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди тарбия ташкил медиҳанд.

Сарчашмаҳои маълумот инҳоянд:

1. Осори мутафаккирон бахшида ба масъалаҳои эстетикӣ ва тарбияи зебоипарастии муҳассилин.

2. Асарҳо, рисолаҳо, мақолаҳо ва дигар корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ марбут ба тарбияи эстетикӣ.

3. Феҳристи адабиёти илмӣ-методӣ, сарчашмаҳои фалсафӣ, таърихӣ, педагогию психологӣ ва таҳлили муқоисавии онҳо.

4. Омӯзиш, ҷамъбаст ва таҳлили масъалаҳои тарбияи эстетикӣ дар фаъолияти якҷояи муассисаҳои таълимиву фарҳанг ва санадҳои бадастомада.

5. Ба даст овардани иттилоот аз натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ доир ба ташаккули маърифати эстетикӣ ва ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти бадеӣ-эҷодӣ.

Заминаҳои эмперикии таҳқиқот: Хусусиятҳои ташаккули фарҳангӣ-зебоипарастии донишҷӯён дар ҷараёни таълими фанни эстетика, этика ва корҳои беруназаудиторӣ ба диди фалсафӣ, сотсиологӣ, зебоипарастӣ, педагогӣ ва монанд ба инҳо такя намуда, арзёбӣ шудааст; ғоя, падидаҳои педагогии муосир вобаста ба талаботи ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг оид ба корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ ба инобат гирифта шуда, дар

маҷмуъ, ба чунин усулҳои эмперикӣ: омӯзиш ва ҷамъбаст намудани таҷрибаи пешқадам оид ба тарбияи эстетикӣ ва ҳамкории коллеҷу муассисаҳои фарҳанг дар ҷараёни корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ, хонапурӣ намудани анкета, суҳбат, мушоҳида, озмоиш, арзёбиву санҷиш, гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишии педагогӣ, муқоиса ва таҳлил мушаххас карда шудаанд.

Пойгоҳи таҳқиқот – коллеҷи технологӣ ва инноватсионӣ, МД МЭФ Кохи ҷавонони ба номи Лоиқ Шералӣ, Кохи фарҳанги ба номи Олим Бобоев, Муассисаи давлатии мактаби санъати бачагона, 2 адад боғ – Боғи тиллоӣ ва боғи ба номи Камоли Хуҷандӣ, 5 адад-ансамбл, Китобхонаи системаи марказонидашуда бо 29 филиал-китобхонаҳои шаҳру деҳот инчунин, бахшҳои маориф ва фарҳанг ба шумор мераванд. Дар корҳои озмоишӣ омӯзгорон, донишҷӯён ва кормандони фарҳанги шаҳр иштирок доштанд.

Навгонии илмӣ дар он аст, ки:

- асосҳои педагогии ҳамкории функсионалии коллеҷҳо ва марказҳои фарҳангӣ-тарбиявӣ дар доираи шаҳрҳои хурд зимни муносибати маҷмуӣ ба кори тарбиявӣ-эстетикӣ ҳалли худро ёфтааст;

- ташкил намудани тарзҳои ҳамоҳангсозии ниҳодҳои тарбиявӣ зебоипарастӣ ҷиҳати рушди эстетикии муҳассилин бо дарназардошти баҳисобгирии маълумот доир ба муҳити эстетикии ҷавонон, дараҷаи фаъолнокии бадеӣ-эҷодии онҳо ва усулҳои ташкили ин раванд пешгӯӣ шудааст;

- номуттасилии фаъолияти якҷояи ин ниҳодҳо дар кори беруназаудиторӣ, ки дар натиҷаи ҳамкории нокифояи коллеҷ ба фаъолияти муассисаҳои фарҳанг оид ба ташаккули зебоипарастӣ амал мекунанд, бартараф гардиданд; ҷузъҳои асосӣ, самтҳо ва нишондиҳандаҳо (маърифати эстетикӣ, ҷиҳати баҳодиҳии ҳиссӣ ва ҷалбнамоӣ ба фаъолияти эстетикӣ) мушаххас карда шуданд;

- шароитҳои педагогии ҳамкории функсионалии коллеҷ бо муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён муайян гардидаанд;

- ба дараҷаи зарурӣ ба эътибор нагирифтани махсусиятҳои марказҳои фарҳангию тарбиявӣ дар ҳамкорӣ доир ба тарбияи эстетикии ҷавонон, суст гардидани ҳамоҳангсозии неруи тарбиявии муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг низ муайян карда шудааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Фаъолияти якҷояи коллеҷҳои техникӣ ва марказҳои фарҳангию тарбиявӣ оид ба ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён соҳаи худмухтор ва аз дигар ниҳодҳои субъектҳои раванди тарбиявӣ ҷудо набуда, балки қисми таркибии низоми ягонаи ташаккулёфта ва таъсиррасонӣ буда, робита ва муносибатҳо, мувофиқгардонии фаъолият ва ҳамкории иштирокчиёни раванди ташаккули фарҳанги зебоипарастиро ташкил медиҳад, ки дар он нақши ҳалкунандаро ҳамоҳангсозии кори муассисаҳои таълимию фарҳанг мебозанд. Онҳо самт, мазмун ва шаклҳои кори беруазаудитории тарбиявии донишҷӯёнро муайян сохта, ҷиҳати таъмини илмӣ-методии ин унсури муҳимми тарбиявӣ, инчунин, ба барномарезии ғанӣ гардонидани муҳити эстетикии минтақа мусоидат менамоянд.

2. Шартҳои муҳимми фаъолияти ҳамгиройи мутақобилаи педагогии коллеҷҳои техникӣ ва марказҳои фарҳангию тарбиявӣ дар ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ, ки раванди номуттасили таъсиррасонии педагогиро ба фаъолияти таълимию тарбиявии донишҷӯён ва кори беруазаудитории онҳо бартараф карда метавонад, инҳоянд, ки нуктаҳои дигари ба ҳимоя пешниҳодшавандаанд:

а) барномарезии ягона дар заминаи фаъолияти тарбиявӣ-эстетикии коллеҷ бо марказҳои фарҳангиву тарбиявӣ новобаста аз тобеияти идоравӣ, сохти ташкилӣ, ҷиҳати рушди эстетикӣ-ахлоқии донишҷӯён;

б) ҳамоҳангсозии мунтазами нерӯҳои тарбиявии коллеҷ ва муассисаҳои фарҳангӣ ҷиҳати ба натиҷаи ниҳоӣ расидан – банақшагирии маҷмӯӣ (комплексӣ) дар низоми ягонаи тарбияи эстетикӣ буда, табдили

онро барои дар ниҳоди донишҷӯён ташаккул додани фарҳанги зебоипарастӣ ва муносибати эстетикӣ ба воқеият ва санъат вусъат мебахшанд.

3. Барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар раванди ҳамгироии функсионалии коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг аз қисмҳои зерин иборат аст:

- фаъолияти якҷояи коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг дар низоми тарбияи эстетикии донишҷуён тавассути коркарди нақшаҳои муштараки кори тарбиявӣ, таъсиси шуроҳои ҳамоҳангсозӣ, иштироки тарафайни омӯзгорону кормандони фарҳанг дар кори ниҳодҳои тарбиявӣ;

- муайян намудани ҷойгоҳи ҳар як ниҳоди тарбиявӣ - эстетикӣ дар ин низом ва ба такрори фаъолияти якдигар роҳ надодан; бо истифода аз имкониятҳои нерӯи зеҳнӣ ва ҳиссӣ ба эҳсосоти донишҷӯён ҷиҳати азхудкуниии маъниасарҳои санъат ва таъсири ҳиссӣ-эстетикӣ ба неруи тарбиявӣ расонидан;

- истифодаи се ҷузъи таркибӣ (маърифати эстетикӣ, дараҷаи ҳиссӣ-арзёбӣ, ҷалбнамоии донишҷӯён ба фаъолиятии бадеӣ-эстетикӣ), инчунин, тавсеаи шартҳои педагогии ташаккули фарҳанги эстетикӣ, ки фаъолнокии донишҷӯёнро ҷиҳати азхудкунии арзишҳои эстетикӣ ва имкониятҳои муносибати эҷодкорона ба муҳити воқеӣ таъмин менамояд.

4. Ба низом даровардани шаклҳои кори пешрафтаи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, баҳисобгирии хусусиятҳои тарбиявии марказҳои фарҳангӣ, ки ягонагии маърифати эстетикӣ ва ҷалбнамойи донишҷӯёни коллеҷро ба фаъолияти эстетикӣ тавассути консерт - лексия, вохӯрӣ бо шоирону нависандагон, ҳунармандон, ташкили семинару конференсияҳо, ташкили ҷашнвораҳову озмунҳо, иду маросимҳои миллӣ, таъсиси гурӯҳҳои ташаббускорон оид ба ташкили маҳфилҳои фарҳангу санъат, шеърдӯстон, ширу шакар, ҳунаромӯзӣ, иттиҳодияҳои эҷодиву клубҳои баҳсу мунозиравӣ, инчунин, ба дигар тадбирҳои самти фаъолияташон эстетикӣ буда таъмин ва рушди зебоипарастии онҳоро фаъол мегардонанд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Ягонагии ногусастании фаъолияти ниҳодҳои таҳқиқшуда – коллеҷҳои техникӣ ва муассисаҳои фарҳангии шаҳрҳои хурд дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии муҳассилини таҳқиқшаванда бо назардошти хусусиятҳои чунин институтҳои тарбиявӣ асоснок гардидааст, ки ба тамоили тақвияти ҳамкории функсионалии муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ дар фаъолияти тарбиявӣ - эстетикиашон вобастагии ногусастанӣ дорад. Шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги эстетикӣ ва роҳҳои мукаммалгардонии фаъолияти тарбиявӣ-эстетикӣ тибқи принсипҳои муносибати маҷмуӣ ва ҳамгироиӣ дар тарбия муайян, заминаҳои илмии барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ асоснок ва таҳия карда шудаанд. Радабандии (типология)-и дараҷаи фаъолнокии фарҳангӣ ва бадеӣ-эҷодии донишҷӯён коркард ва дар ин раванд вазифаҳои тарбиявӣ-эстетикӣ вобаста ба он ҳама мушаххас карда шудаанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар таҳқиқот барномаи педагогии ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён дар раванди ҳамкории мутақобила ва ҳамоҳангсозии нерӯҳои тарбиявӣ-эстетикии коллеҷҳои техникӣ ва муассисаҳои фарҳанг коркард шуда, шароитҳои педагогии бомуваффақияти пешрафти фаъолияти онҳо дар Тоҷикистон асоснок гардидааст.

Бояд таъкид намуд, ки барномаи таҳиягардидаи ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди озмоиши педагогӣ санҷидашуда имкон медиҳад, ки коллеҷҳо ҳамгироиро бо муассисаҳо ва марказҳои фарҳанг таъмин намуда, фаъолияти тарбиявии муштаракро ба роҳ монанд, аз анъанаҳои бадеии маҳал самаранок истифода бурда, ба шуур, эътиқод ва эҳсосоти эстетикии муҳассилин таъсири мусбат расонанд.

Умуман, натичаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба ҳамкории коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг таҳияшуда барои кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва марказҳои фарҳангию фароғатӣ метавонад, дар корҳои тарбиявӣ-эстетикиашон кӯмак расонад. Маводи дар натиҷаи таҳқиқот бадастомада ва монографияи нашршуда метавонад

барои шуъбаҳои маориф ва бахшҳои фарҳанг ва дигар муассисаҳои таълимию тарбиявии минтақа ва, умуман, ҷумҳурӣ ҳамчун дастури хуби таълимӣ-методӣ ёрӣ расонида, инчунин, дар доираи курсҳои интихобӣ ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф ва фарҳанг мавриди истифода қарор гиранд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия: Дурустӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо асоснокӣ ва саҳеҳии усули методологӣ ва назариявӣ, истифодаи маҷмуи усулҳои ба ҳам вобастаи таҳқиқоти илмӣ, ки ба мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот, тасдиқи пешгӯйиҳои илмии дар фарзия баёнгардида ва нуктаҳои назариявӣ комилан мутобиқанд; мувофиқати муқаррароту хулосаҳои назариявии ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди ҳамкории коллеҷу муассисаҳои фарҳанг ва кофӣ будани сарчашмаҳо ва маводи истифодашуда санҷида шудаанд; истифодаи усулҳои озмоишӣ ва маълумоти аз он бадастомада дар доираи хулосабарорӣ асоснок карда шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба бандҳои шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), аз ҷумла, ба банди 1 – Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва банди 4 – Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мутобиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар доираи омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ, шарҳ ва муқоисаи маълумоти коркардшудаи илмӣ, бадасторӣ, батартибдарорӣ, санҷиш, муайян намудани заминаи назариявӣ-методологии таҳқиқот, аниқсозӣ ва тавсеаи аппарати илмӣ, интихоби методҳои таҳқиқот, асосноккунӣ, таҳия ва

татбиқи барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди ҳамгироии мутақобилаи коллеҷ ва марказҳои фарҳангию маърифатӣ, муайян кардани шароити педагогӣ ва коркарди шаклу усулҳои нави фарҳангию маърифатии донишҷӯён, ҷамъбасту натиҷагирӣ аз раванди корҳои таҳқиқотӣ, пешниҳоди тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон ва кормандони фарҳанг оид ба тарбияи эстетикӣ назаррас аст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои асосӣ дар раванди таълими фанни эстетика ва этика, корҳои беруназаудитории коллеҷҳо, дар нишастҳои илмӣ-методӣ, семинарҳо доир ба масъалаҳои корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ, дар амалия татбиқ намудани онҳо тасдиқи худро ёфтаанд. Инчунин, дар раванди таҳқиқоти озмоишӣ, иштироки бевоситаи унвончӯ бобати ҷамъоварии далелҳо, батартибдарории онҳо ва дар раванди санҷишу дар амалия татбиқ намудани натиҷаҳои он ҳама назаррас аст.

Натиҷаи таҳқиқот тавассути маърузаҳои илмӣ ва суханрониҳо дар конференсияҳои илмии байналмилалӣ: (ш.Самарқанд ва Челябинск), ҷумҳуриявӣ ва дар ҷаласаҳои шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ироа гардидааст.

Интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия. Дар доираи мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 8 номгӯй интишорот чоп гардидааст, ки аз ин теъдод 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва ё тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳуриии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Руссия ба табъ расидаанд. Инчунин, аз ҷониби муаллифи рисола (монография) дар ҳаммуаллифӣ низ нашр гардидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия: Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Муҳтавои диссертатсия дар 190 саҳифаи чопи компютерӣ иншо гардида, ду ҷадвал ва як диограмммаро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аз 173 номгӯй аст.

БОБИ 1. ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ЗЕБОИПАРАСТИИ ДОНИШҶӮЁНИ КОЛЛЕҶҲО ҲАМЧУН ПРОБЛЕМАИ ИҶТИМОӢ-ПЕДАГОГӢ

1.1.Омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар педагогика

Дар назария ва таҷрибаи корҳои тарбиявӣ, ки ба масъалаҳои таҳсилот, тарбия ва фарҳанги миллӣ бахшида шудаанд, вазифаҳои тарбияи эстетикии насли наврас дар ҷомеа муайян карда шуда, таъкид мегардад, ки он яке аз вазифаҳои имрӯзаи фарҳангикунонии ҷомеа, ғанӣ гардонидани ҳаёти маънавӣ мебошад ва дар ин ҷода ниҳодҳои тарбиявию муассисаҳои фарҳанг нақши муасир ва ҳатто ҳалкунанда мебозанд.

Дар стратегия ва барномаҳои давлатии соҳаи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ворид шудани муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳангу ҳунар ба низоми ягонаи таҳсилот тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва бозори ҷаҳонии меҳнат, ба ташаккули фарҳанги зебоипарастии насли наврас диққати ҷиддӣ дода шудааст.

Вобаста ба ин, бояд рушди фарҳанги миллӣ, махсусан, бадеӣ дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ муттасил инкишоф ёфта, дар заминаи он ташаккули фарҳанги эстетикии ҷавонон ба роҳ монда шавад.

Вазифаҳои тарбияи эстетикии насли наврас ва нақши ниҳодҳои тарбиявӣ дар ҳалли онҳо, ҳамзамон дар «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак» таъкид шудаанд. Дар моддаи 18 «Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои омӯзгор» чунин омадааст: омӯзгор «таълимгирандагонро дар руҳияи ватандӯстӣ, зебоипарастӣ, ...арзишҳои фарҳангию миллӣ, таърихӣ ва муқаддасони миллӣ тарбия кунад» [11]. Аз ин лиҳоз, истифодаи «таҷрибаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳамчун меъёри рушди инфиродӣ ва субъектҳои фаъолияти таърихӣ» [32, 58-59] дақиқ карда шудааст.

Вобаста ба ин, мубрамии мавзуъ, аҳаммияти он барои назарияи педагогикаи иҷтимоӣ, фаъолияти амалии эстетикӣ, мукаммалгардонии системаи он, ва нақшу ҷойгоҳи маорифу фарҳанги ҷумҳурӣ дар он, ташкил намудани омӯзишу таҳқиқотро дар ин самт металабад.

Зарурияти самаранок истифода бурдани имкониятҳои муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг дар тарбияи эстетикӣ, куллан бознигарӣ намудани мазмун ва шаклҳои он, масъалаҳои муносибати инсон ба арзишҳои эстетикӣ, иштирок дар худфаъолияти бадеӣ, дарк ва фаҳмиши нави муносибати эстетикӣ ба ҳаёт, ошкор сохтани дурнамои масъалаи мазкур, яке аз вазифаҳои муҳимми ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ маҳсуб меёбад.

Аз ин ҷиҳат, таҳқиқи масъалаҳои фарҳанги эстетикӣ дар низоми муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва фарҳангию фароғатӣ, дар ҳамкории мутақобила ва фаъолияти ҳамҷояи педагогии онҳо бо хонавода ва муассисаҳои фарҳанг аҳаммияти бештарро доро хоҳад буд.

Аз назари муҳаққиқон, фарҳанги эстетикӣ ин маҷмӯи арзишҳои эстетикӣ, аз онҳо бархӯрдор гаштани шахс, маърифати эстетикӣ ва ҷалбнамоӣ ба фаъолияти эстетикиро фаро мегирад. «Зебоӣ тамоми фаъолияти инсонро иҳота мекунад ва муносибати инсонро ба ҳаёт дигаргун месозад» [32,136]. Ҳамзамон, «динамикаи рушди эстетикии шахсро дар раванди муошарати ӯ бо санъат» [32,137], таъмин менамояд.

Файласуф Н.Бердлев фарҳанги эстетикиро тавсиф намуда, онро барои «фаҳмондани сатҳи зебоипарстии инсон истифода бурдааст» [73].

Дар шароити ҳозира мо метавонем фарҳанги эстетикиро чун яке аз рукнҳои асоси фарҳанги миллии тоҷик ва илми фарҳангшиносӣ арзёбӣ намоем.

Олимон дар чунин ақидаанд, ки зебоӣ худи ҳаёт, таҷрибаи иҷтимоӣ ва фарогири ҳамаи намудҳои фаъолияти инсон мебошад. Он ҳам фарҳанги маънавӣ ва ҳам паҳлӯҳои мухталифи фарҳанги моддии инсонро инъикос менамояд. Идеали эстетикӣ бошад, «намунаи олии шуури ҳар як шахс буда, дар худ олитарин арзишҳои фарҳангиро таҷассум менамояд» [66, 46].

Дар тарбияи эстетикӣ консепсия, модел ва барномаҳои гуногун амал мекунанд. Аз тарафи институтҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ восита, шакл ва методҳои мухталиф мавриди истифода қарор мегиранд. Дар байни онҳо барномаҳои тарбияи эстетикӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунанд. Аз натиҷаҳои ин таҳқиқот мо ҳамаҷониба истифода бурдем.

Доир ба мушкилоти фарҳанги эстетикӣ ва актуалӣ будани он озмоишҳои «Институти илмӣ-таҳқиқотии педагогӣ ва таҳсилоти бадеии Академияи таҳсилоти Россия, Институти илмӣ-таҳқиқотии санъатшиносии Вазорати фарҳанги собиқ Иттиҳоди шуравӣ, Академияи илмҳои Россия (лабораторияи тарбия) ва дигар коллективҳои илмиро бо роҳбарии А.Н. Леонтев, Б.Т.Лихачев, Г. Залман, Е.В.Квятковский, Б.М.Неменский, Ю.У.Фохт-Бабушки, П.М.Якобсон низ таҳқиқот бурдаанд» [100].

Доир ба консепсияи тарбияи эстетикӣ ва таҳқиқи мавзуи фарҳанги эстетикӣ олимони зиёди ватанию хориҷӣ дар таҳқиқоти анҷом додаашон корҳои арзишмандеро иҷро кардаанд. (М.А.Абдуллоев, Р.Абдуллоева, М.А.Верб, Д.Б.Кабалевский, Л.Н.Коган, Б.Т.Лихачев Б.М.Неменский, А.Нуров, В.А.Разумный, С.Раҳимов, Ю.У.Фохт-Бабушкин).

Дар китоби «Человек в мире художественной культуры», зери назари Ю.У.Фохт-Бабушкин чунин омаддаст: «дар омӯзиши истифодаи арзишҳои фарҳанги бадеӣ зарур аст, ки ба психолог ва сотсиологҳо, баррасии мушкилоти он дар педагогика, таҳлили системаи паҳн гардонидани асарҳои санъат ва иқтисодиёт муроҷиат намудан шарт аст» [100, 5].

Аз нигоҳи фарҳангшиносӣ ба ҷараёни таҳсилот корҳои М.А.Ариарский, А.К.Андреев, А.П.Валицкая, В.В.Краевский, Д.Латифзода, В.М.Розин, А.Саидов назаррасанд.

Масалан М.А.Верб чунин меҳисобад, ки «фарҳанги эстетикӣ – маҷмӯи сифатҳо, таҳсилоти шахсӣ, махсусият, истиқболи зебоӣ ва иштирок дар бунёди зебоӣ буда, моҳияти он, дар азхуднамоии маҷмуи қобилият, истиқболи бадеӣ ва эҷодӣ назаррас мебошад» [26, 3-10].

Барои таҳқиқоти мо андешаи М.С.Каган дар хусуси он, ки «фаъолияти эстетикӣ ташаккулёбии материя тибқи «қонунҳои зебоӣ» буда, махсусияти ҷамъбасткуниро соҳиб аст ва аз ин хотир, тамоми намуди фаъолияти инсонӣ бо андозаи муайян ҳамчун фаъолияти эстетикӣ матраҳ мегардад» [38,110-124], чун маҳаки назариявӣ ва методологӣ истифода бурда шудааст.

Дар ҷумҳурӣ масъалаи мазкур дар як қатор монографияҳо, рисолаҳои докторию номзадӣ, мақолаҳои илмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Бевосита ин дар заминаи арзишҳои миллӣ дар рисола ва мақолаҳои илмии корманди шуъбаи фалсафаи фарҳанги институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи назди АИ ҶТ профессор С. Раҳимов аз ҷиҳати назариву методологӣ ва нигоҳи миллӣ хуб анҷом дода шуд, ба мо кӯмаки хеле зиёд расонид. Ӯ «Эстетикаи зороостризмро чун хориқаи илмӣ» таҳққиқ кардааст [71, С.23-29].

И.Каримова, А.Нуров, Б.Раҳимов, М.Саидов, Ф.Шарифзода, Ш.Шоисматуллоев дар омӯзиш ва таҳқиқи мавзуи баррасишаванда саҳми арзанда гузоштаанд.

Д.Латифзода низ ин мавзуро дар мақолаҳои илмӣ ва дастури таълимӣ баррасӣ ва таҳқиқ карда, омилҳои мутаассири ташаккули фарҳанги этникӣ ва эстетикӣ, ба монанди «ҳолати демографӣ, мутобиқгардонии ташаккули шахс ба табиат, омилҳои забонӣ, мазҳабӣ, ва санъатро» [48, 44-50], муҳим мешуморад. Ӯ қайд мекунад, ки соҳаҳои гуногуни фарҳанг – театр, мусиқӣ, китобхонаву осорхона, воситаҳои ахбори омма ва ҳифзу истифодаи ёдгориҳои таърихӣ ва ғ., «муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳангиву фароғатӣ дар ҳалли вазифаҳои тарбияи эстетикӣ метавонанд дар илми педагогикаи мардумӣ мавриди таҳқиқи уарор бигиранд» [48,25].

Ба ақидаи академик М.Лутфуллоев «зебоипарастӣ яке аз сифатҳои муҳимми инсонро ташкил медиҳад. Он дар инсон ҳар гуна зуҳуроти эҳсос намудани зебоиро ба вуҷуд меорад» [54, 288]. «Идеали эстетикӣ дар

педагогикаи халқи тоҷик инъикос шудааст, ки мазмуни асосии тарбияи эстетикии насли наврасро муайян мекунад» [54, 118-121].

Академики тоҷик Ф.Шарифзода қайд мешавад, ки «камбудиҳои таълиму тарбия, аз он ҷумла, тарбияи эстетикӣ дар коста будани он ва адами муносибати ягонаи комплексӣ ва ҳамоҳангсозӣ» [101,304] аён мегардад. Ба ақидаи ин олими тоҷик «тарбияи таҳаммулпазирӣ дар шароити гуногунфарҳанги Тоҷикистон, тамоюли муҳим ва пешқдам буда, аҳамияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сиёсӣ дорад» [101, 382].

Дар мақолаҳои илмии Саидов А.Р. ташаккули фарҳанги эстетикӣ чун «натиҷаи илмӣ-фарҳангӣ ва педагогӣ арзёбӣ» [165,118-121] шуда, «зарурати аз ҳар ҷиҳат омодагии омӯзгорон ба истифодаи арзишҳои эстетикӣ, аз ҷумла санъат, роҳҳо ва механизмҳои тарбия, таълим ва инкишоф дар ин раванд» [84, 118-121] таъкид шудааст.

Муҳаққиқи дигар Зоҳидова С.Н. равандҳои тарбияи эстетикиро роҷеъ ба «ташаккули фарҳанги эстетикии хонандагони хурдсоли мактабӣ дар мақолаи илмии худ мавриди таҳлил қарор додааст» [155, 240-243]. Умуман, тарбияи эстетикӣ чун яке аз унсурҳои муҳим ва ҷудонашавандаи ташаккули инсони комил, дар таҳқиқоти олимони соҳаи илми педагогика ва амалияи таҳлили зебоишиносӣ дар низоми маориф ва фарҳанг таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудаанд.

Аз таҳлили адабиёти илмӣ оид ба масъалаҳои тарбияи эстетикӣ бар меояд, ки он яке аз унсурҳои муҳимми тарбиявӣ ба шумор рафта, ҷиҳати ба олами зебоӣ ва зебоиофарӣ ҷалб намудани насли наврас нақши муҳим мебозад.

Дар ин таҳқиқот собит шудааст, ки тарбияи эстетикӣ имкон медиҳад, ки инсони ҳамаҷониба инкишофёфта ва ба дарки зебоӣ сарфаҳм мерафтагӣ, дар фаъолияти инсон дидани ҳама гуна зебоиҳо, махсусан, санъат, эҷодиёти бадеиро ташаккул медиҳад. Ин ва дигар хулосаҳои олимон дар ҳалли баъзе масъалаҳои назариявию методологӣ дар кори мо кӯмаки беандоза зиёд расонидаанд.

Истилоҳи мафҳуми эстетика дар «Фарҳанги тафсирии забони

тоҷикӣ» чунин тавсиф карда шудааст: «Эстетика таълимоти фалсафиест, ки қонунҳои умумӣ, моҳият, пайдоиш ва тараққиёти санъатро таҳқиқ менамояд ва қонунҳои тараққиёти онро аз нуқтаи назари зебоии ҳаёт ва инъикоси он дар асарҳои санъат меомӯзад» [99,671]. Аз ин нукта бармеояд, ки эстетика қисми ҷудонашавандаи тарбияи эстетикӣ мебошад, ки мақсади он ташаккули фарҳанги зебоипарастии насли наврас маҳсуб меёбад. Ё худ тарбияи эстетикӣ дар системаи (низоми) таҳсилотӣ ва фарҳангӣ қисми ҷудонашаванда ва мутассили инкишофи комили инсон маҳсуб меёбад. Вазифаи он аз ташаккул додани маърифати эстетикӣ, инкишоф додани ҳолатҳои бадеӣ-эҳсосии ҷавонон тавассути санъат, ҷалби васеи онҳо ба намудҳои гуногуни эҷодиёт ва такмил додани неруҳои эстетикӣ-ахлоқӣ иборат мебошад.

Ҳадафи асосии он натанҳо шиносонидан бо зебоӣ ва фақат аз худ кардани соҳаи санъат мебошад, балки, тамоми паҳлӯҳои шахсияти инсонро онҳоро фаро мегирад. Яъне, мақсади тарбияи эстетикӣ ҳам ташаккули маънавию ахлоқӣ, ҳам тарбияи ватандӯстиву худшиносӣ ва ҳам аз худ кардани зебоиҳои фарҳанги ҷисмонӣ мебошад. Бинобар ин ташаккули ҳаматарафаи шахс танҳо тавассути ҳамкории ногусастании ниҳодҳои мухталифи иҷтимоӣ-фарҳангӣ муяссар мегардад.

Дар Консепсияи миллӣ «Дар бораи тарбия дар ҶТ» ин вазифаҳо чунин муайян карда шудаанд: «ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстии анъанаю расму оинҳои мусбати миллии кишварро дар тарбияи мардум дастгирӣ карда, барои истифодаи осори пуарзиши илмӣ, адабӣ, таърихӣ, динӣ ва асару дастурҳои Сарвари давлат доир ба тарбияи шаҳрвандон тадбирҳо” андешада шаванд» [8,9].

Ҳамин тариқ, ҳам кормандони соҳаи маориф ва фарҳанг ва ҳам худи мардум мефаҳманд, ки зебоӣ дар ҳаёт ва кори таълиму тарбия ёвари ҳақиқӣ мебошад. Вай ба одамон, хусусан, насли наврас ҳиссиёти хушнудона ва некбинона меорад, дар онҳо хоҳиши эҷодкориро бедор мекунад, онҳоро аз ҷиҳати маънавӣ бой менамояд. Тарбиятгирандагон аз таъсири пайравикунӣ ба эстетикаҳои шахсиятҳои алоҳида ва ҳам

коллективҳои бутун баҳра мебаранд.

Бояд тазаккур дод, ки ташкил намудани тарзҳои ҳамоҳангсозии ниҳодҳои тарбиявӣ зебоипарастӣ, махсусан муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг ҷиҳати рушди эстетикии муҳассилин бо дарназардошти баҳисобгирии маълумот доир ба муҳити эстетикии ҷавонон, дараҷаи фаъолнокии бадеӣ-эҷодии онҳо ва ташкили ин раванд бояд роҳандозӣ карда шавад. Дар назария ва амалияи педагогика «номуттасилии фаъолияти якҷояи ниҳодҳо робитакунанда дар кори беруназаудиторӣ, ки дар натиҷаи такяи нокифояи коллеҷ ба барномаи ягонаи ташаккули зебоипарастӣ бо марказҳои фарҳангию тарбиявӣ амал мекунанд» [105, 50-53] бартараф ва механизмҳои ҳамкории функсионалии коллеҷ бо муассисаҳои фарҳангӣ дар ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ бояд мустаҳкам карда шавад.

Фарҳанги зебоишиносии муосир эстетикаи муҳити зист, фарҳанги рӯзгор ва фарҳанги варзиш, эстетикикунонии соҳаи маиширо фаро мегирад. Аз ин рӯ, таҳқиқ ва омӯзиши илмии масъалаҳои ташаккули маърифати эстетикӣ, ҷалб намудани оммаи васеи аҳолӣ ба фаъолияти эстетикӣ, ташкили оқилонаи корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ дар соҳаи фароғати мардум, коркардҳои илмӣ-методӣ, «инкишофи намуд ва жанрҳои мухталифи эҷодиёти бадеӣ ва ташкили онҳо дар корҳои беруназаудиторӣ ва муассисаҳои фарҳанг, коркарди масъалаҳои назариявӣ ва методологии он дар илми педагогика ва амалияи корҳои тарбиявӣ» [108, 59-61] , хеле муҳим ва мубрам мебошанд.

Умуман, аз баррасӣ ва таҳлили масъалаҳои тарбияи эстетикӣ дар илми педагогика ба хулосае омадан мумкин аст, ки эстетика тамоми паҳлӯҳои фаъолияти ҳаётии инсонро фаро гирифта, шахсро чун инсони комил, донандаи адабиёт ва санъат, шахси ба фаъолияти эстетикӣ ҷалбшуда, аз арзишҳои зебоипарастӣ бархӯрдор ҳаматарафа ташаккул медиҳад. Мисоли равшани ин гуфтаҳоро мо дар иштироки ҳазорҳо нафар ҷавонон дар озмунҳои илмӣ-техникӣ ва бадеӣ, аз он ҷумла, “Тоҷикистон - Ватани азизи ман”, мушоҳида карда метавонем.

Барои ҳамин ҳам, дар доираи чунин мазмун системаи маориф ва фарҳанги ҷумҳурӣ ба истифодаи арзишҳои милливу башарии инсоният, истифодаи онҳо «дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ, истифодаи анъанаҳо ва арзишҳои фарҳанги миллӣ ва ҳунарҳои халқӣ, инкишофи сатҳи маърифати эстетикии хеш ва ҷустуҷӯи анъанаҳои қадима ва ҳамзамон шаклҳои инноватсионии ороиши бадеӣ, созмон додани маҳфилҳои эҷодиёти бадеии ҷавонон дар назди муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангию фароғатӣ» [41,208], яке аз вазифаҳои муҳими рӯз ба шумор меравад. «Барои қонеъ гардонидани талаботҳои фарҳанги онҳо Марказҳои фарҳангию фароғатӣ нақши хоса доранд» [148, 138].

Маълум аст, ки шавқу рағбат ба масъалаҳои зебоишиносӣ ва зебоифаҳмӣ дар фарҳанги бадеии мо таъриху дуру дароз дошта, халқи тоҷик аз замонҳои қадим фарҳангфаҳму фарҳангофар буд. Аз китобҳои қадима ва дастхатҳо маълум мегардад, ки дар онҳо инъикоси ороишоти бадеӣ завқи эстетикии мардумро бедор мекард, онҳо ба дарки маънии он сарфаҳм мерафтанд.

Бояд қайд кард, ки муҳити экологӣ ва табиати Тоҷикистон бо манзараҳои мухталифу нотакрори худ шуҳрат дошта, онҳо инъикоси худро дар намудҳои мухталифи санъат ва эҷоди бадеӣ, офаридаҳои рассомон ва нависандагон, офаридаҳои ҳунарҳои мардумӣ – тасвирӣ, театрӣ, мусиқӣ ёфтаанд. Аз ин рӯ, истифодаи онҳо дар тарбияи эстетикӣ нақши хеле муҳим мебозад. Бахусус, эълон шудани солҳои 2019-2012 ҳамчун Соли рушди деҳот, ҳунарҳои мардумӣ ва сайёҳӣ мавқеъ ва аҳаммияти «фолклор, ҳунарҳои амалии бадеӣ, коргоҳ ва иттиҳодияҳои эҷодиёти мардумиро, ки ба анъанаҳои маҳаллӣ такя мекунанд» [41,208-209], дар ташаккули фарҳанги эстетикӣ тавассути эҷодиёти бадеии халқ боз ҳам баландтар намуд.

Дар педагогикаи мардумӣ (Г.Н. Волков, А.Э. Измайлов, А.Нуров, Б.Раҳимов ва диг.) масъалаи тарбияи зебоипарастӣ нисбатан васеътар буда, барои фаҳмидани аҳаммияти назариявии санъати халқӣ дар тарбияи бачагон ёрӣ мерасонанд ва дарки онро дар инкишофи бадеии

бачагон зиёд мекунанд. Олимони тоҷик А.Нуров ва Б.Раҳимов таъкид мекунанд, ки «тарбияи эстетикӣ дар шароити демократӣ ва гуманикунонии ҷамъият ба таври махсус садо медиҳад» [72,198].

Баҳри ҳалли душвориҳои таҳқиқот дар бисёр ҳолат ба мо мероси бойи педагогии омӯзгорони барҷаста ба монанди Н.К. Крупская, А.С. Макаренко, Б.Т.Лихачев, В.А.Сухомлинский, К.Д.Ушинский, Л.А.Грицай , М.Ф. Шабаева ва дигарон мусоидат карданд, ки дар кори тарбиявӣ ба назар гирифтани руҳ, меҳнат, ахлоқ ва эстетикаро зарур мешумориданд. Ва ин комилан дуруст аст. Зеро, «инкишофи комили шахсият ҷиҳатҳои ақливу ҷисмонӣ, маънавӣ ва фаъолнокиро тақозо менамояд» [126, 14-15]. Ва ин аз бисёр ҷиҳат ба тарбияи зебоипарастӣ дар заминаи миллӣ бо истифода аз ҳамаи ниҳодҳои ҷомеа вобаста аст.

Қобили махсуси тазаккур аст, ки дар моддаи 5 – уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» масъалаҳои «эҳё ва ҳифзи намунаҳои фарҳанги халқӣ ҳамчун принсипи асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг» [12] қайд карда шудааст.

Ин амал аз он шаҳодат медиҳад, ки аз ибтидо ин фарҳанг дар заминаи қадимтарин анъанаҳои мардумӣ ба вуҷуд омада, имрӯз низ вазифаи зебоипарастии хешро иҷро карда истодааст. Ва имрӯз ҳам экспедитсияҳои фолклорӣ-этнографӣ мавриди омӯзиши таҳқиқотчиён қарор гирифта, ҷамъбаст мегаранд ва яке аз василаҳои муҳими тарбияи эстетикии ҷавонон гардидааст.

Аз таҳқиқоти олимон аён аст, ки дар асрҳои миёна тарбияи эстетикӣ бештар барои инкишофи маънавияти мазҳабӣ шаҳрвандон нигаронида шуда буд.

Пажуҳишгари шинохтаи Осиёи Марказӣ И.И. Неъматов барои муайян кардани ҳудуди фарҳанги мардумии аҷдодони халқи тоҷик мафҳуми «Тоҷикистони таърихӣ»-ро таҳлилу баррасӣ намудааст. Анъанаҳое, ки ҳанӯз дар асрҳои хеле қадим ба вуқӯъ пайвастаанд, асос ва сарчашмаи пешрафти фарҳанги эстетикӣ мебошанд, ки пайваста инкишоф ёфта, аз ҷониби мардум ҷамъоварӣ шудаанд. Аз ин рӯ, нақши

анъана, махсусан, анъанаҳои бадеӣ, дар тарбияи эстетикӣ бузург буда, онҳо аҳ насл ба насл интиқол дода мешаванд.

«Фарҳанги халқӣ ва ҳунарҳои халқӣ», - омадааст дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» [12] дар тарбияи эстетикӣ нақш ва ҷойгоҳи махсус доранд. Онҳо аз сарчашмаи илҳоми халқ ба вуҷуд омада, ҷӯшу хурӯш, эҳсои дили инсонро дар худ таҷассум менамоянд ва онро дар шакли суруд, рақс, оҳанг, саҳнаи театрикунонидашуда, маҳсули касбу ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили дӯзандагӣ, чокбурӣ, чокдӯзӣ, атласу адрасбофӣ, чакандӯзӣ, ҳунарҳои пухту пази хӯрокҳои миллии анъанавӣ, созҳои мусиқӣ, кандакорӣ ва боз ба халқ бар мегардонанд.

«Ҳар як соҳаи фаъолияти одамон дорои анъанаҳое аст, ки хусусиятҳои он дар мазмуну муҳтавои фарҳанги мардумӣ, аз он ҷумла, эҷодиёти бадеии халқ, санъати ороишӣ-амалӣ дар Тоҷикистон инъикос ёфтааст» [168,46]. Вобаста ба ин, ғояи Тошхоҷаева, С.А. оид ба «педагогикаи халқӣ дар тарбияи насли наврас тавассути ҳунарҳои мардумӣ дар рушд ва пойдории фарҳанги миллӣ» дар тарбия дар рӯҳи арзишҳои миллии эстетикӣ аҳаммияти бузург дорад [168, 279-281].

Бино бар ин, фарҳанги бадеии мардумӣ мавзуи муҳим ва мубрами омӯзиш, таҳлил ва арзёбӣ ва истифода дар раванди таълим мегардад. Ин унсури фарҳанг асоси бунёдии тарбияи эстетикии ҳар халқу миллат ба шумор меравад.

Арзишҳои фарҳанги зебоипарастӣ тавассути муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг аз ҷониби кулли мардум, махсусан ҷавонон мавриди истифода ва эҷод қарор мегиранд ва онҳо аз як насл ба насли дигар интиқол меёбанд.

Фарҳанги эстетикӣ марҳилаҳои гуногунро аз сар гузаронидааст. Ва дар ҳар як марҳилаи инкишофи он таҷриба ва мероси бойи тарбиявӣ мавҷуд аст. Истифодаи ин ганҷинаи бой дар кори тарбиявӣ яке аз вазифаҳои муҳимми олимон ва тарбиятгарон маҳсуб меёбад. Зеро ин

таҷриба дар заминаи амалияи иҷтимоӣ ба вуҷуд омада, аз насл интиқол дода мешавад.

Дар ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар шароити ҳозира истифодаи эҷодкорона ва оқилона аз консепсияҳои даврaҳои гуногуни тараққиёти фарҳанги эстетикӣ ба мақсад мувофиқ аст. Чунончи «дар замони шуравӣ масъалаҳои тарбияи эстетикӣ бо тарбияи ахлоқии одами шуравӣ дар робитаи зич буда, заминаи онро идеяҳои марксистӣ-ленинӣ ташкил медоданд. Он ба тариқи комплексӣ (маҷмӯи) роҳандозӣ карда мешуд. Тарбияи эстетикӣ ба ҳамаи ҷанбаҳои тарбия тавъам буда, бештар ба тарбияи ахлоқӣ иртиботи ногусастанӣ дошта, таассуроти шодиву андӯҳи инсонро якхела инъикос мекунад» [81,36-46]. Ин самту намуди фаъолияти тарбиявӣ кори ҳамаи институтҳои иҷтимоӣ-фарҳангиро фаро гирифта буд. Дар асоси барномаҳои махсус идора ва ташкил карда мешуд. Ҷиҳати амалисозии таҳқиқот дар ин самт институтҳои махсуси илмӣ-таҳқиқотӣ ташкил карда буданд.

Инчунин, омӯзиши «таҷрибаҳои пажуҳишгоҳҳо ва марказҳои махсуси тарбияи эстетикӣ таъсис дода шуда буданд», ки барномаҳои таҳқиқотӣ ва таълимиро коркард намудаанд» [92]. Онҳоро дар кори тарбиявӣ-эстетикӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Ёдовар бояд шуд ки барномаи давлатии тарбияи эстетикӣ таҳия ва амалӣ гардонида шуда буд, ки ҳазорҳо одамонро ба арзишҳои эстетикӣ ҷалб намуда буд. «Таҷрибаи судманди шарқу ғарб оид ба тарбияи эстетикӣ, таҳлили марказҳои тарбияи эстетикӣ, истифодаи методҳои таҳқиқ дар ин кор судманд буда метавонанд» [32, 66].

Тарбия ҳамчун хориқаи педагогӣ ва тарбияи эстетикӣ чун ҷузъи таркибии ташаккули инсони комил бо мазмуни осори педагогикаи халқӣ, фолклори халқӣ: зарбулмасалу мақолҳо, афсонаву ҳикояҳо робитаи зич дорад.

Дар таълифоти хеш дар бораи тарбияи эстетикӣ Ушинский К.Д., Макаренко А.С., Сухомлинский В.А., Шабаева М.Ф., Орифӣ М., Раҳимов Х. ва чанде дигар саҳми арзанда гузоштаанд. Онҳо оид ба

таъсири мутақобилаи назарияи педагогика ва ҳамзамон педагогикаи халқӣ, ки боиси такмил ва ғановати ҳамдигарӣ гаштаанд, изҳори назар намудаанд.

Омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ ва илмӣ-методӣ нишон медиҳад, ки омилҳои асосии тарбияи эстетикӣ аз нигоҳи педагогикаи халқӣ, яъне тарбияи мардумӣ, мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Зеро яке аз унсурҳои муҳимтарини педагогикаи халқӣ - табиат маҳсуб меёбад.

Д.М. Лихачёв одам ва «табиатро ҳамчун ду намуди гуногуни иҷтимоӣ-фарҳангӣ баррасӣ намудааст, ки алоҳида мавҷуд буда, якҷоя вобастагии мавҷудоти якдигарро шарт мегузоранд» [51,175]. Бинобар ин табиат ба инсон таъсири калон мерасонад.

«Бо табиат ҳамсозӣ кардан маънои мутобиқшавӣ бо табиат, яъне ба зебоиро дорад» [67, 46]. Дар педагогкаи халқӣ «мутобиқшавӣ бо табиат аз тарбияи мардумӣ сарчашма мегирад. Халқ аз табиат, мардум аз табиият ҷудонашаванда мебошад ва маҳз дар ҳамин маънои олӣ ва ҳамоҳангии беҳтарини ҳаёт дар рӯйи Замин ифода меёбад» [72, 199].
«Ҳунарҳои дастии занона, мусиқӣ ва суруд низ ба ин шаҳодат медиҳанд». [72, 199-200].

Тибқи иттилои пажуҳишгари чех Я.А. Коменский, ки асосгузори дидактика буд, такид мекард, ки «дониш натиҷаи таҷрибаи инсон аз табиату ҷамъият аст, пас худи табиат бояд дар маърази таълим қарор бигирад, на гуфтаҳое дар бораи он» . Ӯ муқобили он буд, ки «талаботҳо танҳо дар доираи китоб маҳдуд шаванд» [Великая дидактика. – М., 1955, саҳ. 277].

В.А. Сухомлинский, пешниҳод намуда буд, ки «нозук будани ҳис, таассурот, муносибати эмотсионалию эстетикӣ ба олами иҳотакарда ва, инчунин, ба фарҳанги эҳсос ва идрок вобастагӣ дорад» [95,171]. Ҳамон қадаре, ки «эҳсос ва идрок нозук бошад», зикр мекунад, ӯ «ҳамон қадаре, ки одам дар олами иҳотакарда тобиш ва оҳангро бинаду шунавад, ҳамон қадаре, ки баҳои эмотсионалии шахс ба далелҳо, ашё, зуҳурот, ҳодисаҳо амиқтар ифода ёбад, ҳамон қадар андозаи соҳаи

эмотсионалии тавсифдиҳандаи равонии инсон фарохтар аст» [95, 172]. Илова ба ин, В.А. Сухомлинский қайд намудааст, ки «фарҳанги ҳиссиёти эстетикӣ сатҳи баланди фарҳанги умумии ҳаёти мактабӣ, махсусан, фарҳанги ахлоқӣ – муносибат ба одам ҳамчун ба арзиши олиро тақозо мекунад. Арзишҳои эстетикӣ дар вақти ҳукмронии дағалӣ, бепарвоӣ, бетартибӣ дар муносибатҳои хурди рӯзмарра оҷиз шуда мемонанд» [95, 176].

Ба ақидаи В.А.Сухомлинский, тарбияи эстетикӣ аз моҳияти ҳиссиётан ғании муносибатҳои байни аъзоёни коллектив: шафқат, самимият, садоқат оғоз меёбад. Дар пайвасти мутавозини зебоии муҳити иҳотакардаи одам ва зебоии худи ӯ нақши барандаро зебоии муносибатҳои байниҳамии одамон мебозад ва ин зебоӣ пеш аз ҳама, «дар адолат ва ҳақгӯйӣ ифода меёбад» [95,172]. В.А.Сухомлинский, ҳамчунин ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии тарбияи ахлоқию эстетикиро ба воситаи табиат инкишоф додааст

Пайвастагии зичи тарбияи эстетикӣ ва экологиро қайд намуда мавсуф таъкид кардааст, ки «низоми тарбия аз тариқи табиат, мутобиқшавӣ ба табиат ва ҳаёт буда, қудрати он дар ҳамин зоҳир мешавад» [95, 172]. Ба андешаи ӯ: «ҳикмати олии ҳаёт ин аст, ки шахс ба табиат бовар намуда, ҳаёт мегузаронад, ба атроф таваҷҷуҳ мекунад, барои идоракунӣ аз болои худ имконият медиҳад [95, 182]. «Принсипи мутобиқат бо табиат принсипи олитарин, принсипи асосии тарбияи комил ва тамоми инсоният мебошад» [95, 176].

Дар тарбияи эстетикӣ, ба ақидаи Ю.Д.Красилников «ба ҳисоб гирифтани принсипи истифодаи нормаҳои рафтор ва эстетикӣ, хусусиятҳои эҷодиёти халқ, фолклор, ҳунару оинҳои миллӣ, афзалиятнокии манфиатҳои умумибашарӣ дар мазмуни лоиҳаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ» [41,107-108], «муносибатҳо нисбат ба ороиши бадеӣ-эстетикии меҳнат ва таҳсилот» [41, 108], хеле мубрам ва муҳим мебошад.

Мутаффакири барҷастаи соҳаи педагоггика А.С.Макаренко зикр мекунад, ки «кӯдаконро ба он ҷалб намудан зарур аст, ки дар онҳо дар

мактаб, дар синфхона ва хона вазъияти эстетикиро ба вуҷуд оваранд» [56,216-218]. Яъне ӯ аҳаммияти калон доштани «бедорсозии кӯшиши дарёфти зебоиро дар мактаб, хона, тамоми ҷойҳое, ки онҳо вақти худро мегузаронанд, ба коре машғул мешаванд ё фароғат мекунанд, тарбияи эстетикии хонандагонро, ҳамчунин, чӣ гуна муҳим будани онро» [56,219], қайд намудааст.

Масъалаҳои тарбияи эстетикӣ дар асарҳои машҳури дигар олимон ва педагогҳои рус, М.А. Верб, К.Д.Ушинский, Б.Д. Лихачев, Подласый И.П., Савин Н.В., Скрипин А.Г., Сластёнин В.А. Харламов И.Ф., Шатская В.Н. инъикоси худро ёфтааст, ки дар онҳо ҳадаф, мазмун, вазифаҳо, шакл ва методҳои тарбияи эстетикӣ равшану возеъ муайян карда шудаанд.

Масъалан, В.А.Сластёнин чунин мешуморад, ки «ташаккули фарҳанги эстетикӣ – ин раванди мақсадноки рушди қобилиятҳои шахс ҷиҳати ҳаматарафа дарк намудан, дуруст фаҳмидани санъат ва воқеият" мебошад» [65,320].

Олими рус М.А.Верб чунин меҳисобад, ки «фарҳанги эстетикӣ – маҷмуи сифатҳо, таҳсилоти шахсӣ, махсусият, истиқболи зебоӣ ва иштирок дар бунёди зебоӣ буда, моҳияти он бошад дар азхуднамойии маҷмуи қобилият, истиқболи бадеӣ ва эҷодӣ мебошад» [25, 3-10].

Таҳқиқот ва консепсияи файласуфи рус М.С.Каган аҳаммияти хеле бузург дорад. Мутобиқи консепсияи мавсуф «тамоми намуди фаъолияти инсонӣ бо андозаи муайян, ҳамчун фаъолияти эстетикӣ, матраҳ мегардад [38, 110-124]».

Ҳамин тариқ, ташаккул додани шахсияти фарҳангӣ ва маърифати зебоипарастӣ, - дар инсонҳо, аз ҷумла, ба наврасону кӯдакон яке аз вазифаҳои муҳимтарини ҷомеа ба шумор меравад.

Ба андешаи М.А.Ариарский «дар ниҳоди ботинӣ ҷорӣ намудани муносибати эстетикӣ ҳамаи ҳаёти одамизодро фаро мегирад» [17,215-216]. Аз ин рӯ, «нақши ҳалкунандаро дар шахсият ҳамчун субъекти фарҳанг, фарҳанги эстетикӣ мебозад» [17, 215-216].

Олими соҳаи педагогикаи тоҷик С.Сулаймонӣ фарҳанги зебоишиносиро чун «маҷмуи арзишҳои эстетикӣ, ки равишиҳои эҷод ва истифодаи ин арзишҳоро таъмин менамояд» [91,154-155] тавсиф кардааст. Ба ақидаи ӯ «фарҳанги зебоишиносӣ чунин унсурҳоро дорост: шуури эстетикии инсонҳо, ҷилваҳои зебоишиносӣ, фаъолияти гуногун – тарбияи эстетикӣ». Ӯ «меҳвари аслии фарҳанги зебоишиносиро меъморӣ ва фарҳанги бадеӣ» мешуморад [91,154-155].

Мо дар таҳқиқоти хеш ба хулосае омадем, ки зери мафҳуми фарҳанги эстетикӣ маҷмӯи арзишҳои зебоипарастие фаҳмида мешавад, ки онҳо аз ҷониби муҳассилин дар раванди корҳои таълимию тарбиявӣ азхуд карда мешаванд, ба василаи ҷалбшавӣ ба фаъолияти эстетикӣ арзишҳоро густариш медиҳанд ва умуман, қобилияти дарки санъат, воқеият ва фаъолияти ҳаётии худро тибқи қонуниятҳои зебоӣ ба роҳ мемонанд. Ҷиҳати дигар, он аст, ки арзишҳое, ки ба фаъолияти ӯ вобаста мебошанд, маҳсулашон арзёбӣ карда мешавад ва маҳсули ин арзишҳои эстетикӣ, интихоби дурусти онҳо, ҷиҳати ташаккули комили шахсияти инсон мусоидат менамоянд. Аз ин рӯ, бобати арзёбии ин унсури тарбия бояд ҳамаи муҳассилини ҷумҳурӣ, новобаста аз ихтисосашон фаро гирифта шаванд. Зеро маҳз дар сурати баланд бардоштани маърифати эстетикӣ ва ҳангоми ҷалбшавӣ ба худфаъолият ва татбиқи худташкилкунӣ ба арзишҳои эстетикӣ самараноктару фаъолонатар ошноӣ пайдо карда метавонанд.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, масъалаҳои ташаккули фарҳанги эстетикӣ аз ҷониби олимони соҳаҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Наздикии нуктҳои назари олимон махсусан, дар он зоҳир мегардад, ки ин падидаи фарҳангӣ дар маҷмӯъ, тариқи муносибаи комплексӣ таҳқиқ ва аз ҷониби олимони соҳаи педагогика, натиҷаҳои таҳқиқоти илмҳои фалсафа, сотсиология, этнология чун асоси назариявӣ ҳаматарафа истифода бурда шавад.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки фарҳанги эстетикии

ҷомеа фарогири тамоми муносибатҳои эстетикии ҷомеа, арзишҳои эстетикии он, паҳлӯи зебоиофарӣ, «эстетизатсияи фаъолияти ҳаётии инсон буда, муносибати комплексиро» - ро [65,322-323], талаб менамояд.

Сохтори фарҳанги зебоипарастӣ унсурҳои азхудкунӣ ва бунёдиро дар худ таҷассум менамояд. Ба ақидаи олимони Академияи илмҳои Россия, «моҳияти фарҳанги эстетикӣ» «чун яке аз намудҳои фарҳанги бадеӣ ташаккул додани қобилияти дарккунии зебоӣ, дуруст фаҳмидани он дар санъату ҳаёт, азхудкунӣ ва тавлиди арзишҳои фарҳангӣ, қонеъ гардонидани шавқу ҳавасро ба шуғлҳои ҳунарҳои мардумӣ, ки арзишҳои эстетикиро воқеӣ мегардонанд, фаро мегирад» [106, 240-243]. Дар фарҳанги эстетикӣ қобилиятҳои эҷодии мардум зоҳир мегардад.

Дар тарбияи эстетикӣ аз натиҷаҳои таҳқиқоти олимони соҳаи фалсафа, сотсиология, этнология, педагогикаи этникӣ ва махсусан педагогикаи иҷтимоӣ, консепсияҳои онҳо, андешаҳои олимони шарқу ғарб, таҳқиқгарони зебоишиносӣ истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст. Таҳқиқот дар ҷодаи тарбияи эстетикӣ нишон медиҳанд, ки он дар самтҳои афзалиятнок ба роҳ монда шудааст Дар самтҳои ошкоршуда олимони соҳаҳои гуногун метавонанд омӯзиш ва таҳқиқот баранд.

Омӯзиши самтҳои таҳқиқотии фарҳанги эстетикӣ ва таҷрибаи кори муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ имкон дод, ки мо унсурҳои зерини онро ҷудо намоем: «фаъолияти маърифатӣ-зебоипарастӣ, кори фарҳангию равшаннамоӣ оид ба зебоиофарӣ, фаъолияти зебоишиносӣ дар соҳаи фароғат ва маишӣ, эҷодиёти бадеии касбӣ ва шавқӣ, арзёбии фаъолияти эстетикӣ, худомӯзӣ ва худинкишфёбӣ дар соҳаи эстетика» [58, 41-83]. Ба фарҳанги зебоишиносии муосир эстетикаи муҳити зист, фарҳанги рӯзгор ва фарҳанги варзиш низ ворид гардидаанд.

Аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани фарҳанги эстетикӣ, рушд додани фаъолияти эстетикӣ, ҷалби васеи омма, бахуссус ҷавонон ба арзишҳои эстетикӣ, такя ба коркардҳои илмӣ-назариявӣ ва методологӣ, таъмини ҳамоҳангсозии ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар корҳои тарбиявӣ имкон медиҳад, ки системаи тарбияи эстетикӣ дар як низоми

муайян ташкил ва идора карда шавад.

Таҳлили адабиёти илмӣ моро ба хулоса меорад, ки ташаккули фарҳанги эстетикӣ як падидаи маҷмӯӣ буда намудҳои мухталифи фаъолияти зебоипарастии инсонро фарогир мебошад. Аз ин хотир, дар ин система зинаҳо ва институтҳои гуногуни иҷтимоӣ-фарҳангӣ бояд ҷалб карда шаванд, иқтидори ҳамоҳангсозандаи хешро дар тарбияи эстетикӣ истифода баранд ва онро дар асоси меъёр ва нишондиҳандаҳои комплексӣ (маҷмӯӣ) арзёбӣ намоянд.

Аз нигоҳи олимони соҳаи педагогика ва назария ва методикаи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ мафҳуми фарҳанги эстетикӣ паҳлӯҳои гуногуни шахсиятро фаро гирифта, ба он «муносибати эстетикӣ ба табиат, санъат, таъсиррасонии асарҳои адибон, рассомон, композиторон, – вассофони зебоӣ ба эҳсосот, муносибати эстетикии одамон ба санъат дохил мешаванд» [65,322]. «Инро дар педагогика тарбияи бадеӣ менамояд» [65,323-324]. Тарбияи бадеӣ дар фарҳанги эстетикӣ ҷойгоҳ ва мақоми махсусро ишғол менамояд. Маҳз дар ин самтҳо ва ҷалбнамоӣ ба фаъолияти эстетикӣ қувваҳои эҷодии ҳар як фард татбиқи худро меёбанд ва арзишҳои эстетикӣ дар ниҳоди онҳо ташаккул меёбанд. Аз нигоҳи илмии М.Ариарский «дар ташаккули фарҳанги эстетикӣ, таъсиррасонӣ ба эҳсосоти ҷавонон ва ҷалбнамоӣ онҳо ба арзишҳои миллӣ ва башарӣ эстетикӣ ҷойгоҳ ва мақоми махсусро ишғол менамояд» [17, 266].

Дар тарбияи эстетикӣ муайян намудани принсипҳои он хеле муҳим аст. Принсипҳои асосии зерин ба ташаккули фарҳанги эстетикӣ мусоидат карда метавонанд: М.А.Ариарский «системанокӣ ва комплексӣ будани ташаккули фарҳанги эстетикӣ, истифодаи ҳамаи воситаҳои дастрас дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, робитаи он бо дигар унсурҳои тарбиявӣ ва ғ.»-ро номбар мекунад [17,108]. Илова ба ин, Ю.Д.Красильников «ягонагии ҷанбаҳои ахборотӣ ва бадеӣ, эстетизатсияи фароғат, дастрасии умумии арзишҳои эстетикиро ҷудо мекунад» [41,104-108]. «Истифодаи маҷмӯи метод, шакл ва воситаҳои

фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҷиҳати такмили донишҳои назариявӣ ва методӣ оид ба асосҳои назариявии эстетика» низ аз тарафи ин олимон тавсиф карда шудаанд» [17, 94-96].

Илова ба ин, ҷалбнамоӣ муҳассилин ба фаъолияти эстетикӣ ягонагии ҷанбаҳои ахборотӣ ва бадеӣ, эстетизатсияи фароғат, дастрасии умумии арзишҳои эстетикӣ, истифодаи шаклҳои анъанавӣ ва инноватсионии фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҷиҳати такмили кори тарбияи эстетикӣ муҳим ҳисобида мешаванд.

Дар омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои ташаккули фарҳанги эстетикӣ ва дигар назариёти илмӣ асосҳои назариявию методологии он, муайян сохтани консепсияи он аҳаммияти аввалиндараҷа доранд. Масъалан, Разумний, В.А. «таълими ҳамагонии эстетикиро дар таҳқиқот», муҳим меҳисобад [70, 69].

Дар осори нашрии таҳия шуда оид ба тарбияи эстетикӣ (монография, мақолаҳои илмӣ ва дастурҳои таълимӣ-методии дар самти фарҳанги эстетикӣ ва ғ.) сохтор, моҳияти ин истилоҳ, мақсад, вазифаҳо, самт, восита, шакл ва методҳои фаъолияти иҷтимоӣ-педагогии муайян карда шудаанд, ки мо дар таҳқиқоти худ аз онҳо истифода бурдем. Аз ин лиҳоз, таҳлили адабиёти илмӣ моро ба хулоса овард:

- фарҳанги эстетикӣ махсусияти ҷамъбасткунандаро соҳиб аст;

-тамоми намуди фаъолияти инсонӣ, ба низом даровардан ва ҳамоҳангсозии он, бо андозаи муайян ҳамчун фаъолияти эстетикӣ ҳам арзёбӣ карда мешавад.

Таҳқиқотчиён моделҳои гуногуни тарбияи эстетикиро таҳия ва пешниҳод кардаанд. Омӯзиши нуқтаи назари олимони соҳаи педагогика оид ба тарбияи эстетикӣ ва таҷрибаи амалӣ, таҳқиқи муассисаҳои фарҳанг ва коллеҷҳо дар ҷумҳурӣ, нишон доданд, ки олимон дар шароити ҳозира якчанд моделҳои ташкили раванди ташаккули фарҳанги эстетикиро ошкор намудаанд: «модели локалӣ, анъанавӣ, модели интегратсионӣ, ки тавассути он ҳамкории мактаб, муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакон

ва ҷавонон ё муассисаҳои фарҳанг татбиқ мешавад ва модели инноватсионӣ, ки он муносибати ҷаддиро дар созмондиҳии тарбияи эстетикӣ роҳандозӣ намуда, ҳамаи фаъолияти мактабро эстетикӣ мекунонад, кори хонавода ва аҳли ҷомеаро ба ин мақсад равона месозад» [93,45]. Ин нуктаро ба асос гирифта, мо модели ҳамкории мутақобилаи муассисаҳои таълимӣ, аз он ҷумла, коллеҷҳо, муассисаҳои фарҳангро дар ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён таҳия ва тавассути кори озмоишӣ-таҳқиқотӣ онро дар таҷриба аз санҷиш гузаронидем.

Ҳамзамон, аз таҳлили вазъи тарбияи эстетикии насли наврас дар ҷумҳурӣ, таҳлили ҳисоботҳои шуъбаи маориф ва фарҳанги шаҳр ва ноҳия, суҳбат бо кормандони онҳо, омӯзиши ҳуҷҷатҳои коллеҷҳо, пурсишу суҳбатҳо бо донишҷӯён, баррасии фаъолияти бевоситаи кормандони системаи фарҳанг оид ба тарбияи эстетикӣ бармеояд, ки самтҳои ин унсури муҳими тарбияи ҷавонон дар низоми фарҳангу маориф чунинанд:

- ташаккул ва баланд бардоштани шуури эстетикӣ (зебоипарастӣ) таввасути ахудкунии донишҳо оид ба адабиёт, санъат, каломи бадеъ, суханварӣ, арзишҳои эстетикии дигар;

- ҷалби кӯдакон аз синни томактабӣ ба намудҳои фаъолияти зебоипарастӣ. Идома додани он дар зинаҳои болоии таҳсилот;

- эстетикикунонии таҳсилот, саҳни муассисаи таълимӣ, фарҳангӣ, синфхона ва аудиторияҳо ва ғ.;

- истифодаи имкониятҳои эҷодиёти мардумӣ, намунаҳои асили санъати миллӣ, оилаҳои ҳунармандони ноҳия ва шаҳр дар ҷалбнамоӣ ба эҷодиёти эстетикӣ;

- ғанӣ гардонидани соҳаи фароғати донишҷӯён ҷиҳати ташаккули фарҳанги эстетикии омӯзгорон, устоҳои коллеҷ ва кормандони муассисаҳои фарҳангӣ ва дигар самтҳо.

Албатта, инсон аз ҳамаи манбаҳои гуногуни воқеият таассуроти эстетикӣ мегирад. Вале аз ҳама дастрастарини он табиат аст. Зебоиҳои

табиат ба воситаи гуногунрангӣ, хушу форамии рангҳо, овозҳо, шаклҳо ва, инчунин, ба воситаи аз рӯйи қонунияти муайяне ивазшавии ҳодисаҳои олами зинда эҳё мешавад. Муҳассилин аз кӯдакӣ ҳис кардан, донистани зебоиро ёд мегиранд. Дар онҳо таассуроти амиқи эстетикӣ ва намунаҳои беҳтарини арзишҳои эатсетикӣ ба вуҷуд меоянд.

Яке аз воситаҳои муҳими тарбияи эстетикӣ насли наврас санъат мебошад, ки онро Л.С.Виготский «консентратсияи бадеии воқеият ва ё аслиҳаи ҷамъиятие номида буд, ки вай маҳрамона ҷиҳатҳои шахсиятҳои вуҷуди моро ба доираи ҳаёти иҷтимоӣ ҷалб месозад» [27].

Санъати миллӣ дар ҳамаи давру замонҳо муаррифгари миллат ба ҳисоб меравад. «Санъат, – ба ақидаи олимони соҳа, метавонад яке аз омилҳои самаранок, пуркувват ва бо чизе иваз нашавандаи рушди эстетикӣ шахс ва ташаккули заминаи эҷодии ӯ ба шумор меравад» [32, 137].

Дар раванди ҷаҳонишавӣ ҳифзу рушди санъати миллӣ муҳимият касб мекунад. Санъат дар шакли образҳои бадеӣ ва нақшҳои офаридашда ба ҳиссиёти ҷавонон таъсир расонида инъикос ва азнавсозии олам ҳодисаи фавқулода мураккаб ва бисёрмаъно мебошад. Ба воситаи он ҷиҳатҳои идеологӣ, ахлоқӣ ва эстетикии таъсиррасонӣ ба шахсияти инсони комил аён мегардад. «Яке аз вазифаҳои асосии санъат имрӯз ташаккул додани ҷаҳони маънавӣ, рафъи хурофот дар шуур ва ниҳоди ҷавонон мебошад. Маҳз санъати миллӣ натанҳо миллати моро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ мекунад, балки дар тарбияи ҳисси зебоипарастию худшиносии ҷомеа, инкишофи ҳувияти миллӣ саҳмгузор аст» [32,85-87]. Бино бар ин, «дар солҳои охир пролемаҳои тарбияи эстетикии қишрҳои мухталифи кишвар, бахусус, насли наврас мубрамияти махсус пайдо мекунад» [32, 137-138].

Дар ҷомеаи мо, ки тарбияи наслҳои оянда дар рӯҳияи ватандӯстиву худшиносӣ ва арзишҳои зебоипарастӣ дар маркази диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, масъулияти асосӣ дар ин самт ба души аҳли фарҳангу ҳунар аст.

Вазифа тарғиб ва ташвиқи санъат ба дӯши кормандони муассисаҳои фарҳангӣ вогузор карда шудааст. Дастури кормандони соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ чунин мебошад: «одаме, ки нишоти эҷодии ин ё он намудаи санъатро аз сар гузаронидааст, назар ба одами аз доираи дарки санъат баромада, санъатро хеле чуқуртар ва интенсивноктар дарк карда метавонад» [91, 42]. Тибқи ин дастур кормандони соҳа мекӯшанд, ки ҳар чи бештар ҷавононро ба фаъолияти бадеӣ-эҷодӣ ҷалб намоянд.

Дар таҳқиқоти хеш У.Ф.Суна, махсус қайд мекунад, ки «асарҳои санъат барои фаҳмидани ҳаёт, ҳақиқати зиндагӣ, мушкилоти ҷомеа, номувофиқиҳои он кӯмак расонида, паҳлӯҳои мусбат ва манфии онро арзёбӣ менамоянд, тахаюлоти шахсро инкишоф медиҳанд. Ва ҳар як намуди санъат имкон медиҳад ки тавассути образҳои бадеӣ, воқеаҳои пайдарпай, амалиёти оқилонаи саҳнавӣ дар динамикаи он ҳаётро омӯзад ба он баҳои сазовор дода тавонад» [92, 27-28].

Масъалан, дар мисоли санъати мусиқӣ, зарб, ҳис кардан тавонистани он, ва таровати овозҳо, оҳанги маожрӣ ё минорӣ вазиятҳои гуногуни ҳаётиро дарк кардан мумкин аст, аз онҳо хулосаи зарурӣ бароварда, ҳаётро ба самти дуруст равона сохтан имкон дорад. Аз диди таҳқиқотчӣ Ю.Н.Петрова, «тавсифҳои ботинии муносибатҳои инсон бо санъат хеле суст ва мунтазам, аз овони кӯдакӣ ташаккул меёбанд» [32, 137].

Бояд зикр кард, ки дар байни намудҳои санъат, мусиқӣ ҷойгоҳи махсус дорад ва аз ҷиҳати таъсиррасонӣ мақоми махсусро ишғол менамояд. Санъати мусиқӣ яке аз шаклҳои паҳнгаштаи санъат дар байни ҷавонон, аз ҷумла донишҷӯён маҳсуб меёбад. Дар ин бора А.В.Луначарский навишта буд: «Мусиқӣ – анбӯҳи овозҳост ва, инчунин, мусиқӣ анбӯҳи ҳиссиётҳоест, ки онҳоро одамони ҳассос ба воситаи овозҳо фаҳмида мегирад» [53, 21-24].

Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» собит сохт, ки ин гуна чорабинӣ дар инкишофи олами маънавӣ, боло бардоштани эҳсости эстетикии ҷавонон нақши муассир дорад.

Адабиёт муҳимтарин воситаи муошрати фарҳангӣ ва ҷалб гардидан ба арзишҳои эстетикӣ буда, инсонро аз таърих, арзишҳои фарҳангии он, қаҳрамонони миллат огоҳ менамояд. [32,137-138]. Маҳз «тавассути адабиёт, - кайд мекунад, Н.И.Ерошенко, муошрати бадеӣ, зебогӣ, сухангӯйи фаҳмо доир мегардад ва шахс аз хониши асарҷои бадеь, арзишҳои эстетикӣ бархӯдор мегардад, ба арзишҳои фарҳангӣ васеътар ҷалб мешавад» [30, 123].

Умуман, бояд зикр кард, ки адабиёт ва санъат воситаҳои муҳими таъсиррасонӣ ба инсон ва тариқи образҳои бадеӣ имкониятҳои хеле зиёди инъикос намудани воқеаҳои зиндагӣ, ба фарҳанги миллӣ ҷалб кардани ҷавононро доранд ва ба тарбияи эстетикии онҳо мусоидати фаъол менамоянд. «Ин вазифаи муҳимро намудҳои гуногуни санъати саҳнавӣ - театр, рақс кино, пантомимо, намуд ва жанрҳои дигари санът низ тавассути саҳнаҳои театришуда, филмномаҳо, барномаҳои ҷолиби телевизионӣ, зинатҳои ороишӣ ва ҳамоҳангии мусиқӣ дар саҳна ифода намудани воқеаву ҳодисаҳоро бо мазмуну мундариҷаи ғанӣ ва баланд бардоштани завқи эстетикии аҳолӣ иҷро мекунанд» [52, 31-32].

Масалан, дар театр ба одамон зебогиро тавассути ҳаракат, сухан, амалиёти саҳнавӣ, бозии ҷолиби актёрон одамонро ба ҳаёҷон меорад. Образҳои дар театр ва синамо офаридашуда вақтҳои тӯлонӣ хотирмонанд. «Аз ин рӯ, нақши сифатии театр дар ҳаёти бадеии ҷомеа, хеле ҳалкунанда боқӣ мемонад» [100,104].

Ба фаъолияти эстетикӣ ҷалб шудани одамонро Б.Брехт чунин тавсиф менамояд, «агар аз санъат ҳаловат бурдан хоҳед, ҳеҷ гоҳ бо истифодаи қулай ва арзони як худи натиҷаи меҳнати бадеӣ қонеъ нашавед. Худи меҳнатро аз сар гузаронидан даркор аст» [32]. Яъне ба фаъолияти эстетикӣ ва санъат ҷалб шудан лозим аст.

Яке аз воситаҳои муҳими тарбияи эстетикӣ ва ташаккули фарҳанги зебопарастӣ ҷашну маросимҳо мебошанд. Тавассути онҳо завқи эстетикии одамон ташаккул меёбад.

Дар низоми рушди завқи зебоипарастӣ дар одамон иду маросимҳои миллии мардуми тоҷик, махсусан, Иди Наврӯз, Сада, Меҳргон низ аҳаммияти хоса доранд. Ба андешаи олимони соҳа педагогикаи фарҳанг Ф.Мирҳмадов ва М.Турсунова «идҳои миллии тоҷикон таҷассумгари бадеии шукргузории мардуми тоҷик аз истиқлолият ва давлатдории миллӣ гардидаанд» [58, 83].

Солҳои охир ташкил ва баргузории ин идҳо ба ҳукми анъана даромадааст. Чунин идҳо на танҳо дар майдонҳои калону варзишгоҳҳо, хона ва қасрҳои фарҳанг, балки дар худи таълимгоҳҳо низ ташкил карда мешаванд. Коллеҷу макотиби олӣ дар ташкил ва баргузории чунин идҳои миллӣ аз ҳамаи воситаҳои таъсиррасонии худ ба монанди дастаҳои ҳунарии санъат, ташкили намоиши ҳунарҳои мардумӣ, ки ба анъанаҳои миллии мо такя менамоянд, озмунҳо барои гирифтани ҷойҳои намоён оид ба намоиши таомҳои миллии қадима, намоишҳои китоб, бозиҳои миллӣ ва ғайра ҳамаҷониба истифода мебаранд. Ҳамаи ин воситаҳои таъсиррасонӣ барои ташаккули завқи эстетикии муҳассилин мусоидат менамоянд. Дар баъзе таълимгоҳҳо даъват намудани волидайни муҳассилин низ анъана шудааст, ки ин амал барои хубтару пуртаъсиртар гузаронидани иду маросимҳои миллӣ кумаки зиёд мерасонад. Дар иду маросимҳо ҳамаи воситаҳои таъсиррасонӣ аз қабили рақс, суруд, мусиқӣ, бозиҳои миллӣ, гӯштингирӣ, образҳои қаҳрамонони афсонавию воқеӣ – баҳор, бобои деҳқон, мусобиқаҳои варзишӣ, аспдавонӣ, бузкашӣ, имитатсияи ҷамъоварии ҳосил, дигар амалиёти саҳнавӣ ва воситаҳои таъсиррасонии ҳиссӣ-эстетикӣ дар шакли комплексӣ (маҷмуй)-и истифода бурда мешаванд. Чи тавре, ки Кисилева Т.Г. ва Красилников Ю.Д. қайд мекунанд, «технологияҳои самти этникӣ заминаи асосии аз эҳё намудани анъанаҳои фарҳанги миллӣ, фолклор, санъати амалию ороишӣ ва касбу ҳунарҳои мардумиро ташкил

медиҳанд» [41,525], ки завқи зебоишиносии иширокчиёни идҳои миллиро ташаккул медиҳанд, ба шахс таъсир эмотсионалӣ мерасонанд.

Барои он ки арзишҳои эстетикӣ ба таври мунтазам дарк шаванд, зарур аст, ки муҳассилин аз ҳисси эстетикӣ, яъне ба зебоӣ ҳассосияти махсус доштан, ба фаъолияти эстетикии самаранок ва аҳаммияти иҷтимоӣ дошта фаъолона ҷалб карда шаванд. Ин захираи донишҳо идеали эстетикии иштироккунандаҳоро тақвият мебахшанд.

Инак, мо дар фавқ ҷиҳатҳои ҷудогонаи мафҳуми томи фарҳанги эстетикии шахсро номбар кардем.

Бояд ёдовар шуд, ки меҳнат, муносибатҳои иҷтимоӣ, муҳити атроф, фарҳанги маишӣ, аз он ҷумла, зебоӣ, либос, хӯрокҳои миллӣ, истиқоматгоҳ, табиат ва рафтори ҳамрӯзаи одамон дар муносибатҳои эстетикиашон низ ба тарбиягиранда таъсири зебоипарастонаву ахлоқӣ мерасонанд.

Робита, муошират фарҳангӣ бо намуд ва жанрҳои гуногуни санъат ба зебоишиносии одамон таъсири зиёди ҳиссӣ мерасонад. Аз ин рӯ, аз тарафи омӯзгор – тарбиятгар, ташкилотчии фароғат тарғиби санъат, фаҳмонда додани ҷиҳатҳои образноки асарҳои санъат, мутобиқ кунонидан ба муҳими эстетикӣ, зебогии табиат, рушди завқи зебоипарастӣ мақом ва ҷойгоҳи хоса доранд. Ба воситаи намуд ва жанрҳои мухталифи санъат – «рассомӣ, ҳайкалтарошӣ, рақс, театр, мусиқӣ ва архитектура дар ҷавонон ҳиссиёти фарқ карда тавонистани арзишҳои зишт, танқиди онҳо, муносибати хуб ба арзишҳои асили ахлоқӣ-эстетикӣ ташаккул дода мешавад» [91,135].

Зарур аст, ки омӯзгорони коллеҷ ва кормандони муассисаҳои фарҳанг дар байни донишҷӯён «шакл ва воситаҳои гуногунрангӣ тарғибу ташвиқи санъат ва таъсиси худфаъолияти бадеиро ба роҳ монанд» [30,135]. Ин амал имкон медиҳад, ки онҳо натанҳо асарҳои саҳнавиро бинанду шунаванд, балки дар муҳокима ва арзёбии онҳо

фаъолона ширкат варзанд. Ба донишҷӯён қувваи ахлоқиву эстетикии санъат, таъсири онро ба шуур ва рафтори эстетикӣ фаҳмонанд.

Дар асарҳои адабиёт ва санъат имкониятҳои ба таври образҳои бадеӣ таҷассум намудани ҳақиқати зиндагӣ ниҳоят зиёданд. Ба гуфтаи олими рус И.Н.Ерошенков «Хонадани асарҳои бадеӣ ва тамошои асарҳои саҳнавӣ рағбатро ба хондан зиёд намуда, таҳлил ва арзёбии асарҳои бадеиро меомӯзонад» [30,122-123]. Инро озмунҳои ҷумҳуриявӣ дар соҳаи эҷодиёти илмӣ, техникӣ ва бадеӣ, хосса, санъат, бори дигар собит сохтанд.

Бино бар ин, дар ташаккули фарҳанги эстетикӣ таҳсилоти эстетикии ҳамагонӣ нақши ҳалкунанда дорад. Зебоиро шинохтан, аз зебоӣ илҳом гирифтан, рӯҳи тоза афрухтан, руҳбаланд гардидан аст. Ба ақидаи А.В. Луначарский «қобилияти зебоифаҳмӣ ба шаҳрванд имкон медиҳад, ки боигарии ахлоқӣ, маънавӣ ва маърифатии хешро ғанӣ гардонад ва зиндагии зебо ташкил кунад» [53, 288-289]. Ин суханон водор месозанд, ки мо дар ташаккули системаи донишҳои эстетикӣ, аз муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакон, маҳфилҳои дар онҳо ташкил кардашуда, муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ ҳамаҷониба истифода барем. Дар ин кор мактабҳои мусиқӣ, бадеӣ, санъат, дарсҳои инфиродӣ аз созҳои мусиқӣ, ҳамсаройӣ, машғулиятҳои мусиқӣ дар хонавода ба мақсади рушди зебоипарастии кӯдакон низ кӯмаки хуб расонида метавонанд.

Моҳият, мазмуну мундариҷа, принсип ва функсияҳои тарбияи эстетикӣ, қонунҳои зебоӣ дар воқеият ва санъат, дар ҷомеа ба муҳассилин бояд фаҳмонда шаванд. Махсусан, дар ниҳоди муҳассилин ташаккул додани ҷаҳонбиние, ки дар ҳалли номувофиқатиҳои муҳити эстетикӣ, ташакккули фарҳанги эстетикӣ монеъа эҷод мекунанд ва фикру андешаҳо онҳоро ба роҳи нодуруст мебарад, мубориза бурдан, хеле мубрам ва зарур мебошад.

Аз ин рӯ вазифаҳои тарбияи эстетикиро чунин муайян намудан мумкин аст:

- ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ, баланд бардоштани маърифати эстетикӣ;

- инкишоф додани ҳиссиёти зебоиписандӣ, сарфаҳм рафтан ба асарҳои санъат;

- ба эҷодиёти эстетикӣ ҷалб намудан;

- баҳодиҳии дуруст ба асарҳои бадеӣ, хулосагирӣ кардан аз рӯйи онҳо ва истифодаи онҳо дар ҳаёти ҳамарӯза;

- татбиқ кунонидани идеалҳои олии зебоипарастӣ дар таҷриба ва ҳаёти ҳамарӯза ва ғ.

Ҳалли ин вазифа, албатта, бо «технология, шакл, восита ва усулҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба роҳ монда шуда, муҳассилинро бо меъёрҳои умумӣ ва услуби таҳлили ҳодисаҳои эстетикӣ мусаллаҳ намудан лозим аст» [41,405]. Ба ақидаи И.Н.Ерошенков аз «воситаҳои аёният, воситаҳои ахбори омма, матбуот, радио, махсусан, телевизион, васеъ истифода бурда, хонандагонро бо меъёрҳои умумӣ ва усулҳои таҳлили ҳодисаҳои эстетикӣ мусаллаҳ намудан лозим аст» [30,125].

Дар ҳалли ин вазифаҳо низоми ягонаи тарбияи эстетикӣ дар ҷумҳурӣ, институҳои гуногуни давлат ва ҷомеа – аз боғча сар карда, то таҳсилоти баъди мактаби олӣ ва созмонҳои ҷамъиятиро фаро мегирад, нақши ҳалкунанда дорад.

Масалан, муҳим нест, ки дар оянда мактаббачагон санъаткор шавад, аммо ҷалб шудани онҳо ба машғулиятҳои санъат қобилиятҳои фикрӣ, бадеии кӯдакон ва наврасонро сайқал ва рушд медиҳад, чун шахсияти комил ба воя расонидани онҳо мусоидат мекунад.

Донишҷӯён низ дар давраи дар макотиби олӣ хонданашон метавонанд, дар худи таълимгоҳ, берун аз дарс, дар маҳфилҳои ҳаваскорӣ иштирок намоянд. Ё ин, ки ба хонаи фарҳанги ноҳия рафта, ба чорабиниҳои фарҳангӣ ва маҳфилҳои санъати он шомил шаванд. Ин ба онҳо имконият медиҳад, ки дар раванди фаъолияти фарҳангию

маърифатӣ, ҷалбшавӣ ба фаъолияти бадеӣ, мусиқӣ, зебогӣ, ки бевосита ба эҷоди образҳои бадеӣ робита дорад, фаъолона иштирок намоянд ва арзишҳои эстетикиро чуқуртар, ҳамаҷониба дарк намоянд, шавқу рағбати эстетикиашонро қонеъ гардонанд.

Системаи тарбияи эстетикӣ ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки аз нуқтаи назари эстетикии хеш дифоъ намояд, маърифати эстетикиашро боло бардорад, ба асари адабӣ ва санъат баҳо дода тавонад, ба дастаи ҳаваскории таълимгоҳ ҷалб шавад. Тавассути он тарғибгари санъат гардад. Дар чорабиниҳои фарҳангию фароғатӣ фаъолона ширкат варзад, завқи бадеии хешро ташаккул бидиҳад.

Ташаккули қобилияти эҷодӣ-бадеӣ, дар навбати худ, усулҳои махсусро тақозо мекунад. Бо роҳи мушоҳида арзёбии идроки биноӣ, нишонаҳои қобилияти табиӣ ва рағбати хонандагонро муайян намуда, баъдан, фаъолияти эҷодии онҳоро ба низом даровардан лозим аст. Дуруст аст, ки «ба воситаи машқкуниҳои доимӣ комёбиҳои пештара мустаҳкам карда шуда, вобаста ба маҳорату малакаҳои нав ба нав дар онҳо намудҳои фаъолият низ ба тадриҷ мураккаб карда мешаванд. Барои ин ҳамеша дар хотир доштан лозим аст, ки машғулиятҳои мусиқӣ, хореографӣ ва расмкашӣ танҳо дар сурати хушнудӣ овардан хонандаро аз ҷиҳати эстетикиву ахлоқӣ бой месозанд. Ба эҷодиёти бадеии бачагон баҳои дуруст додан ҳам боиси пешрафти қобилияту истеъдодҳои онҳо мегардад» [117, 65].

Саидов А.Р дар таҳқиқоти худ моҳият ва роҳҳои асосии ташаккули фарҳанги эстетикии наврасону ҷавононро чунин муайян кардааст: «аввалан, раванди мақсадноки таъсиррасонӣ ба хонандагон; шаклгирии қобилияти дарк кардан ва дида тавонистани зебоӣ дар ҳаёт ва санъат ва баҳо додан ба он; сеюм, ташаккул додани завқ ва идеали эстетикии шахс; ва чоҳорум, инкишофдиҳии қобилият ба эҷод кардан ва сохтани зебоӣ аст» [84,13].

Омӯзгор ва корманди фарҳанг бояд ба ҷиҳати эстетикӣ, бой намудани ҷиҳати ҳиссӣ-эстетикӣ, корҳои бадеӣ-иттилоотӣ - маърифатӣ,

дар доираи зебоӣ суръат бахшидани фаъолияти эҷодӣ бештар диққат дода, ба ҳодисаҳои омӯхташаванда аз нуқтаи назари эстетикӣ баҳо диҳад.

Арзишҳои зебоипарастиро аз худ кардани ҷавонон ва ба фаъолияти эстетикӣ ҷалбшавии онҳо ҳам дар раванди дарс ва ҳам дар раванди ба фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ дар доираи чорабиниҳои оммавӣ-фарҳангӣ ва тамринҳо дар машғулиятҳои маҳфилҳои эҷодӣ амалӣ мегардад. Зеро, чунон ки таҳқиқотҳои махсус нишон медиҳанд, «фаъолият ҳамон вақт мазмуни эстетикӣ пайдо мекунад, ки агар он асил, хусусияти эҷодкорона дошта, инчунин инъикосгари худфаъолият, муҳити солими ҷомеа ва самти иҷтимоӣ дошта бошад» [36,17] ва донишҷӯро ба шаклҳои инноватсиониву фаъол ҷалб намояд. Тарзҳои инноватсионии ҳамоҳангсозиро таъмин кунад. Дар сурати дигар, тарбияи эстетикӣ самараи хуб намедиҳад.

Ҷавонон ҳамчун субъекти фаъолияти истеҳсолӣ ва пешбарандаи арзишҳои эстетикӣ баромад мекунанд, ки он манбаи бунёдкорӣ ва созандагӣ ва манбаи асосии зебоипарастӣ ва фаъолияти эҷодӣ мебошад. Аз ин рӯ, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, аз ҷумла, фаннҳои фарҳангу эстетика, ки аз фаъолиятҳои асосии донишҷӯ маҳсуб меёбад, мубрамияти махсус пайдо мекунад.

Ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ соҳаи фарҳанги маиширо низ дар бар мегирад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки тарбияи эстетикии соҳаи маишии донишҷӯён, тарзи либоспӯшӣ, муносибат ба атрофиён, муошират ва муомилаи дуруст бо наздикон, шарикдарсон, ороиши зебо ва тозаи хобгоҳи донишҷӯйӣ ва дигар унсурҳи фарҳанги зебоипарастӣ дар соҳаи маишӣ, нишонаи фарҳанги ахлоқии волои муҳассилин ба шумор мераванд». Р.Амиров «ҷалбшавӣ ба намуҳои гуногуни эҷодиёти бадеии халкро дар соҳаи маишӣ ва оила махсус» [14,38-41], қайд мекунад. Ин паҳлӯҳои фарҳанги эстетикӣ бояд дар зери назари омӯзгорон ва

устоҳои таълими истеҳсолии коллеҷ бошанд. Дар ин самт мубраммияти мазмуни таҳсилот бояд дар ҷойи аввал гузошта шавад.

Шарти муҳимми педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ ин - истифода аз ҳамаи ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ҳамкории онҳо дар системаи фаъолиятҳои эстетикӣ ба шумор меравад. Зеро дар таҷрибаи кори тарбиявӣ ноустувории муносибатҳои муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг, номутаасилӣ дар фаъолияти тарбиявӣ, суст кор кардани созмонҳои ҷамъиятӣ, набудани ҳамоҳангсозӣ дар фаъолитяи онҳо, ба эътибор нагирифтани хусусиятҳои кори тарбиявии коллеҷҳои техникӣ, ҳайати миллӣ-этникии донишҷӯён, муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сабабҳои дигар ба костагӣ ва паст гардидани сатҳи сифати корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ сабабгор шудааст. Фарҳанги эстетикиро бояд ҳамчун намунаи олии фарҳанги бадеӣ шинохт.

Дар шароити ҳозира, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсан Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба он проблемаю норасоиҳое, ки дар соҳаи фарҳанги эстетикӣ мавҷуданд, тадбирҳои мушаххас андешида истодаанд. Зарур аст, ки дар ташаккули фарҳанги эстетикии ҷомеа аз консепсия, лоиҳа ва барномаҳои давлатии соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ самаранок истифода намуда, «доир ба майлу рағбати зебоипарастӣ ва инкишоф додани ҳунари эҷодиву анъанаҳои бузурги фарҳангсолори халқамон» [80,64], чораҳои таъхирнопазир андешида шаванд.

Вазифаҳои гузошташуда дар назди кормандони соҳаи маориф ва фарҳанг ҷоннок намудани масъалаҳои тарбияи эстетикиро талаб менамояд. Зарур аст, ки ин система куллан дигаргун карда шуда, ба фарҳанг ва анъанаҳои бойи бадеӣ такя намуда, ҷиҳати интиқоли онҳо ба насли наврас чораҳои зарурӣ андешем. Лоиҳа ва баромаҳои тарбияи эстетикиро мукаммал гардонем.

Педагогика ва фарҳангшиносӣ дар кори иҷтимоӣ ва тарбиявӣ ҳамчун меҳвари таркиби фаъолияти ташаккули шахсият баромад мекунад, чунки масъалаҳои иттилоотӣ, ғанӣ гардонидани дониш ва эстетикикунонии раванди таҳсилот ва умуман, ҳаёти донишҷӯён дар

ҷомеа, муносибат дар гурӯҳҳо, масъалаҳои ҳифз, инкишоф, тайёрии шахсият барои худинкишофёбӣ, асосан, бо технологияҳои педагогӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳал мегардад. Барои ҳамин ҳам, асосҳои педагогии кори тарбияи эстетикӣ бояд элементҳои назарияи педагогӣ ва фарҳангшиносӣ «оид ба дар ниҳоди инсонҳо ташаккул ва рушд додани маҷмуи сифатҳои ҳамида, аз ҷумла, инкишофи завқи бадеию зебоишиносӣ ва монанди инҳоро ба инобат гирад» [57,324]. Илмҳои мазкур бояд шартҳо, мазмуну мундариҷа, восита, шакл ва методҳо ва технологияҳои самараноки ташаккули фарҳанги эстетикӣ, барнома ва модел (амсилаҳо)- и мухталифро ба омӯзгорон, волидайн ва кормандони муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ, санъат пешниҳод кунанд, онҳоро вобаста ба хусусиятҳои кори таълимию тарбиявии коллеҷҳои техникӣ дар робита бо устоҳои таълимӣ - истеҳсолӣ дар амал татбиқ намоянд ва аз озмоиш гузаронанд.

Илова ба ин, «масъалаҳои таҳқиқи фарҳанги эстетикӣ, ҷамъбасти таҷрибаи пешқадам, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷ дар самти истифодаи раванди таълим, меҳнат, муошират, табиат, соҳаи маишӣ тавассути таҳияи барномаҳои инноватсионии ташаккули фарҳанги муоширати эстетикии ҷавонон дар заминаи намудҳои гуногуни санъат ва ҳамкории муассисаҳои таълимию тарбиявӣ бо муассисаҳои фарҳанг, набояд аз мадди назар дур монад» [96,111-114]. Ҳамзамон, масъалаҳои таҳқиқи фарҳанги эстетикӣ, консепсия ва таҷрибаи амалии муосири муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг дар ин самт, «ташаккули фарҳанги эстетикии ҷавонон, принсип, омилҳо ва роҳҳои амалишавии он, таҳия ва пешниҳоди модел ва барномаи педагогии аз ҷиҳати илмӣ ва таълимӣ - методии асоснокшудаи ташаккули фарҳанги эстетикии ҷавонон тавассути фаъолияти муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳангию фароғатӣ, истифодаи самараноки он дар кори амалии тарбиявӣ - эстетикӣ» [96, 115] – ин ҳама, аз ҷумлаи масъалаҳоеанд, ки дар ин рисола чун объекти омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Дар заминаи таҳқиқи маводи назариявӣ оид ба роҳҳои асосии ташаккули фарҳанги эстетикии наврасон ва ҷавонон чунин хулоса кардан мумкин аст: муҳим он аст, ки дарки ҳиссӣ-эстетикӣ, фаъолияти иттилоотӣ-маърифатӣ (дар шакли бадеӣ) ғанӣ, эстетикикунонии соҳаи таҳсилот бой гардонида шуда, онҳо ба кори эҷодии гуногунҷанба ҷалб шаванд.

Ҳамзамон, аз таҳлили вазъи тарбияи эстетикии насли наврас дар ҷумҳурӣ, таҳлили ҳисоботҳои шуъбаи маориф ва фарҳанги шаҳр ва ноҳия, сҳбат бо кормандони онҳо, омӯзиши ҳуҷҷатҳои коллеҷҳо, пурсишу суҳбатҳо бо донишҷӯён, баррасии фаъолияти бевоситаи кормандони системаи фарҳанг оид ба тарбияи эстетикӣ бармеояд, ки ин унсури тарбияи ҷавонон дар низоми фарҳангу маориф мушкилоти зиёдеро дорост. Чунончи:

- коста будани ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ бо муассисаҳои фарҳанг дар тарбияи эстетикии муҳассилин;

- эътибори ҷиддӣ надодан ва ёрии илмиву методӣ ва амалӣ нарасонидан ба муассисаҳои фарҳангу маорифи деҳот оид ба тарбияи эстетикӣ ва ғ.

Дар фаслҳои оянда рафъи ин камбудиҳо аз ҷониби мо боз ҳам мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода мешаванд.

1.2. Хусусиятҳои мазмунӣ-технологии ҳамкории коллеҷ бо муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули зебоипарастии донишҷӯён

Таҳлили адабиёти илмӣ ва таълимӣ нишон дод, ки моҳият ва вазифаҳои тарбияи эстетикӣ ба тариқи гуногун тавсиф карда мешавад. Тарбияи эстетикиро тарбияи зебоипарастӣ, зебоифаҳмӣ, тарбияи нафосат низ мегӯянд. Ин самти тарбияро илми махсуси зебоишиносӣ (эстетика), меомӯзад, ки предмети онро «қонуниятҳои зебойӣ, таъсир ба эҳсосот, ва ё ҳиссиёт», «ифодакунандаи яке аз илмҳои фалсафӣ доир ба зебоишиносиро дорад» [84,5].

Ҳамзамон, илми эстетика масъалаҳои эстетикӣ ва тарбиявӣ-эстетикиро ҳамаҷониба мавриди таҳқиқи қарор медиҳад ва онҳоро бо методҳои ба худ хос меомӯзад. Тарбияи эстетикӣ фарогири тарбияи нафосат ва зебоӣ мебошад. «Зери мафҳуми зебоӣ мардум ба маънои васеаш ҳаётро дар ташаккули доимӣ, ҳаракат ба сӯи инкишофу беҳбудӣ мефаҳманд» [84,6].

Ташаккули фарҳанги эстетикӣ дар ниҳоди донишҷӯён ташаккули фаҳмида гирифан ва дарк кардани санъат, инкишоф додани назариёти бадеӣ, нақди санъат, меҳру муҳабати онҳоро нисбат ба зебоиҳои ҳаёт ва ба ҳаёт ворид шудани зебоиҳоро инкишоф медиҳад ва тарбия менамояд.

Дар адабиёти таълимӣ фарқиятҳои байни тарбияи нафосат ва тарбияи бадеӣ ҷудо карда мешаванд, агарчи онҳо байни ҳамдигар робитаи зич дошта бошанд ҳам. «Тарбияи нафосат, қайд мекунад, А.Н.Малюкова, маънои басе васеъ дорад ва на танҳо ба воситаи санъат, балки ба воситаи ҳаёт, меҳнат ба ҳамдигар таъсиррасонии одамон ва ҳис кардани зебоиро дар бар мегирад» [141, 36].

А.Р.Саидов қайд мекунад, ки «низоми таҳсилоти бадеӣ, муассисаҳои системаи таълиму тарбияи бадеиро фарогир мебошад ва вазифаҳои омодасозии мутахассисони соҳаи тарбияи эстетикӣ ва зебоиофариро дар ҳаёти ҳамарӯза бо истифода аз намудҳои гуногуни санъат, омода менамояд» [84, 26].

Малюкова А.Н. система таҳсилоти бадеиро тавсиф намуда, зикр мекунад, ки он «фарогири санъат, адабиёт, мусиқӣ, санъати тасвирӣ, рақс, кино, театр ва дигар намудҳои фаъолияти бадеӣ - тарбия мебошад» [141,88]. Ба низоми таҳсилоти бадеӣ муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳанг ва санъат дар зинаҳои мухталиф, мактаб – коллеҷ – донишада низ мансубанд.

Ҳамин тариқ, танҳо тарбияи эстетикӣ василаест ба сӯйи зебогиҳои ҳаёт, роҳест ҷиҳати дарки олами зебоӣ аз ҷониби инсон ва тарбияи зебоифаҳмии одамон.

Фаҳмиши зебоӣ бо таъсири олам ва зебоӣ дар инсон ташаккул меёбад. Ин аст, ки қонуниятҳои инкишофи бадеии башарият бо қонуниятҳои инкишофи иҷтимоӣ вобастагии зич доранд.

Имрӯзҳо дар давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд дараҷаи зебоифаҳмии шаҳрвандон махсусиятҳои худро дошта то рафт баланд гардида истодааст. Ҳамчунин, беҳтар гардидани тарбияи нафосатро пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ низ тақозо менамояд.

Ҳамин тариқ, тарбияи эстетикӣ ба қонуниятҳои зебоипарастӣ эстетикӣ сарфаҳм рафта тавонистан аст. Лозим ба таъкид аст, ки дар шароити истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаҳои педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ, ошкор сохтани ҷанбаҳои миллӣ ва умумибашарии он яке аз масъалаҳои мубрам ва дорои аҳаммияти калон дошта, дар педагогика ва фарҳангшиносии бунёдӣ ва амалии муосир падидаи нав ба шумор меравад.

Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд мекунад: «рушди муосири иқтисодиёт ва баланд бардоштани рақобатнокии он бидуни рушди сармояи инсонӣ ғайриимкон мебошад. Вобаста ба ин сатҳи рушд ва самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ барои давлату Ҳукумат аҳаммияти аввалиндараҷа дорад» [78,39].

Барои ин ҳалли вазифаҳои зерин ба мақсад мувофиқ аст:

- дар заминаи арзишҳои нодири эстетикӣ, намунаҳои беҳтарини ахлоқӣ, фарҳангӣ ва равонӣ-педагогии миллӣ ташкил намудани корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ;

- ба инобат гирифтани ниёзҳои маънавию эстетикии муштариён барои дарёфту роҳи қонеъ гардонидани онҳо;

- роҳандозӣ намудани низоми таълиму тарбия, бахусус зебоиофарии ҷавонон бо назардошти имконоту тақозои замони муосир ва арзишҳои миллӣ-фарҳангӣ.

Вазъи имрӯзаи ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, қабули Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [11], «Дар бораи фарҳанг» [13], таҳия ва амалӣ гардидани Консепсияи миллии таҳсилот, Консепсияи

миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияи рушди фарҳанги миллӣ, татбиқи стратегия ва барномаҳои давлатии соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва тарбиявӣ, аз он ҷумла, барномаҳои маҳаллии фарҳангӣ тақозо менамоянд, ки дар таҳқиқотҳои соҳаи фаъолияти таҳсилотӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ, аз он ҷумла, дар фарҳаги эстетикӣ, муносибати нав зоҳир карда шавад.

Аз ин ҷиҳат, омӯзиш ва таҳқиқи проблемаҳои гуногуни тарбияи фарҳанги зебоипарастии муҳассилин дар низоми таҳсилот ва фарҳанг, ҷиҳатҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар ташаккули он дорои аҳаммияти махсус хоҳад дошт. «Омӯзиш ва баррасии ин масъала то андозае барои муайян намудани сиёсат ва стратегияи раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои зинаҳои гуногуни таҳсилот тибқи ҳамкорӣ бо хонавода ва муассисаҳои фарҳанг бо дар назардошти синну соли муҳассилин ва ба эътибор гирифтани шавқу рағбати онҳо бо имкониятҳои инфрасохтори муассисаҳои маориф ва фарҳанг мусоидати фаъол карда метавонад» [48, 141 -144].

Боиси тазаккур аст, таҳқиқоти мо ошкор сохт, ки шароитҳои педагогӣ ва имкониятҳои воқеии иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ, бахуссус ҷавонон, махсусан, донишҷӯён, заминаи моддӣ-техникии соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангиро дар шароити имрӯза ба таври зарурӣ истифода намебаранд. Баъзе донишҷӯён вақти фароғатии хешро на дар марказҳои фарҳангиву эстетикӣ, Қасрҳои ҷавонон, балки дар видео-салону, марказҳои дилхушие, ки барномаҳояшон “сабук” мебошанд, гузаронида доир ба баланд бардоштани маънавиёт ва завқи эстетикиашон кам андеша менамоянд. Камбудии ҷиддии дигар он аст, ки дар баъзе муассисаҳои таълимии кишвар фанни эстетикаро омӯзгорони ғайри ихтисос дарс медиҳанд. Ин амал ва мушоҳидаҳо дар рафти таҳқиқот, бахусус, дар коллеҷҳои самти фаъолияташон техникӣ моро ба хулосае овард, ки дар ин муассисиҳои таълимӣ сатҳу сифати дониш, азхудкунии таносуби фанҳои дақиқ ва гуманитарӣ (махсусан, силсилаи фанҳои эстетикӣ) чандон баланд нест.

Ҳаминро низ бояд зикр кард, ки «вазъи корҳои беруназаудиторӣ, фаъолияти марказҳо ва муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакону наврасон низ талаботҳои маънавию эстетикии тарбиятгирандагонро дар сатҳи сифатан нав қонеъ намегардонанд, ки боиси ҷалби теъдоди камшумори онҳо гаштааст» [58,12-13]. Ин ҳама, воқеан ҳам, дар оянда заминаи мусоидро барои эҳёи заминаҳои эстетикии ҳаёти маънавӣ, боло бардоштани завқи эстетикии онҳо таъмин карда наметавонад.

Вазифаҳои муҳимтарини муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии ҷомеаро дар шароити соҳибистиқлолӣ муайян намуда, Сарвари давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зикр менамояд, ки насли ояндаро бояд дар «заминаи анъанаҳои фарҳанги миллӣ ва арзишҳои милливу умумибашарӣ тарбия намоем» [79]. Анъанаҳо ва арзишҳои эстетикӣ бояд тамоми раванди таълиму тарбияро фаро гиранд ва самаранок истифода бурда ҳам шаванд. Чунин дастурҳои Пешвои миллат ба масъалаҳои тарбияи эстетикӣ низ пурра дахл доранд, зеро шахси ватандӯсту худшинос мероси фарҳангиро пос медорад, аз он эҷодкорона истифода мебарад, тавассути дарки зебоӣ ба олам бо назари нек менигарад.

Вазифаи ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён на танҳо аз инкишоф додани донишу маърифати эстетикӣ балки ҷалб намудан ба эҷодиёти эстетикӣ иборат мебошад.

Муҳим он аст, мазмуми корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ ба фарҳангии миллии ва осори гаронбаҳои адабии халқи тоҷик такя намояд, дар заминаи он насли наврасро тарбия кунад. Ҳамчунин, пайваста ба ташаккули фарҳанги ахлоқӣ бобати донистани ҷамъият ва табиат аҳаммияти зиёд дорад. Ҷалбнамоӣ ба намудҳои гуногуни фаъолияти эҷодӣ ба инкишофи шуури эстетикӣ ва тасаввурот, ташаккули маҳорат ва малакаҳои эҷодии меҳнатӣ, сифатҳои ахлоқӣ, мардонагӣ, интизомнокӣ, тарбияи иродаи нек, инсондӯстӣ, ташаккули ҳисси зебоӣ ва дарки мақсадноки он мусоидат мекунад. Дар тарбияи эстетикӣ чунин паҳлӯҳо ба назар гирифта мешаванд: «мақсад, вазифа, самт, объекти

таъсиррасна̄, восита, шакл ва методҳои ва усулҳои методии корӣ, ки барои мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтани сарчашмаҳои воқеии тарбия, корҳои методӣ ва моҳияти он тақвият мебахшанд, ташаккули ҳиссиёти эстетикӣ ва баҳодиҳиву арзёбиро ба амал меоранд» [73, 41]. Истифодаи самараноки шакл ва методҳои он хеле муҳим аст. Аз ин лиҳоз, мебояд таъкид сохт, ки тарбияи эстетикӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ, аз он ҷумла, дар коллеҷҳо ва ниҳодҳои фарҳангию фароғатӣ қисми ҷудонашаванда ва мураттаби рушди шахсият мебошад.

Масъалан, қасрҳои фарҳанг. Вазифаи онҳо танҳо аз инкишоф додани танҳо маърифати эстетикӣ иборат набуда, рушди ҳолатҳои бадеӣ-эҳсосиро дар бар мегирад. Такмили додани қуввaҳои ахлоқӣ, фикрӣ ва ҷисмонии онҳо, ҷалб намудан ба фаъолияти эҷодӣ-эстетикӣ низ яке аз функсияҳои асосии хона ва қасрҳои фарҳанг ҷиҳати тарбияи эстетикӣ мебошад» [41,296-297]. Яъне, онҳо низ ҳадафҳои тарбияи эстетикӣ ва ташаккули фарҳанги умумӣ ва зебоипарасро иҷро мекунанд.

Пӯшида нест, ки сол то сол эстетика фаррохтар ба ҳаёти одамон ворид шуда истодааст. Ҳам кормандони фарҳанг ва ҳам худи мардум мефаҳманд, ки зебоӣ дар кори таълиму тарбия ёвари ҳақиқӣ мебошад. Вай ба одамон, хусусан ба насли наврас ҳиссиёти хушнудонаву некбинона меорад. Фарҳанги эстетикӣ корҳои насли наврасро маънан бой намуда, дар ӯ хоҳиши эҷодкориро бедор мекунад, иштирокро дар муассиаҳои фарҳанг зиёд мекунад.

Дар педагогикаи тоҷик ва фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангии «тарбияи эстетикӣ муҳимтарин унсури ташаккули инсони комил, насли наврас ба шумор меравад. Ин унсури муҳими тарбия на ҷудогона, балки дар пайвастагӣ бо дигар унсурҳои тарбия роҳандозӣ карда мешавад» [48, 58]. Он махсусан бо тарбияи интеллектуалӣ, ахлоқӣ, тарбияи варзиш, ташаккули шуури экологӣ ва ғайра алоқаи зич дорад. Таҳти мафҳуми ташаккули фарҳанги эстетикӣ васеа ва рушди фаҳмиши арзишҳои эстетикӣ дар шуур ва ниҳоди ҷавонон, ҷалби мавсуф ба фаъолитяи эстетикӣ фаҳмида мешавад.

Чунончи, аз таҳлили адабиёти илмӣ бармеояд, ки фарҳанги эстетикӣ чунин унсурҳо ё худ арзишҳоро дорост: «шуури эстетикии инсонҳо, ҳиссиёти зебоишиносии фаъолияти гуногуни инсон, қобилияти зебоифаҳмӣ, шинохти зебоӣ, зуҳуроти эҳсос кардани зебоӣ, зиндагии зебо» [55,288-289], фаъолияти эстетикӣ-бадеӣ, нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои арзёбии фарҳанги зебоишиносӣ намудҳои мухталифи он. Ба фарҳанги зебоишиносии муосир, чи тавре, ки дар фасли гузашта зикр карда будем, зебогии муҳити зист, фарҳанги рӯзгор ва фарҳанги варзиш, либосҳои миллӣ ворид гаштааст.Бинобар ин, дар фаъолияти мутақобила ва ҳамҷояи низоми маориф ва фарҳанг ба арзишҳои зикршуда аҳаммияти калон бояд дод.

Олимон дар чунин ақидаанд, ки перомуни инноватсияҳо ва «ҳамкории ниҳодҳои ташаккули фарҳанги эстетикӣ бояд чунин нуктаҳо ба назар гирифта шаванд: мавзуъ, восита, шаклҳои тарбия ва методҳои корӣ, ки барои мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтани сарчашмаҳои воқеии тарбия ва корҳои методӣ мусоидат мекунанд ҳиссёти эстетикӣ ва баҳодиҳиро ба амал меоранд» [130,112].

Дар таҳқиқоти хеш ба чунин самтҳои ташаккули фарҳанги эстетикӣ таваҷҷуҳи бештар намудем: омода намудани донишҷӯён ҷиҳати азхуднамоии арзишҳои эстетикӣ, тарғибу ташвиқи намуду жанрҳои гуногуни санъат дар ташаккули ҳиссиёти эстетикӣ; фарҳанги халқӣ ва нақши он дар рушди қобилиятҳои бадеӣ-эҷодӣ ва ғ. Дар таҳқиқот вазифа гузошта шуд, ки вазъи маърифати эстетикӣ, ҳолатҳои бадеӣ-ҳиссӣ донишҷӯёнро дар раванди азхудкунӣ ва ҷалбшавӣ ба эҷодиёти бадеии ҳаваскорӣ баррасӣ ва таҳлил намоем. Бинобар ин, дар кори тарбиявӣ-эстетикӣ ҳамкории ниҳодҳои таълимӣ ва фарҳангӣ-фароғатиро муҳим шуморида ва он ба асос гирифта шуд.

Дар рафти таҳқиқот зинаҳои тарбияи эстетикӣ аз аёми кӯдакӣ муайян сохта шуд. Чунончи:

- дар зинаҳои аввал вазифаи якум ба кӯдак дар азхудкуниии асосҳои зебоишиносиро ёд додан аст;

- ёрӣ расонидан лозим аст, ки зебоиҳои санъат, табиат ва муносибатҳои ҷамъиятиро фаҳмида аз худ карда тавонад.

- мактаббачагонро бо ҷиҳатҳои эстетикӣ, воқеият ҳавасманд намудан лозим аст, то ки онҳо зебоиро дар кадом шакле, ки зуҳур наёбад, ҳис кардаву фаҳмида тавонанд;

- вазифаи дуюм нисбатан мураккаб буда, дар ин зина дар симои маънавию ҷисмонии мактаббача нишонаҳои зеборо такмил додан мувофиқи мақсад аст.

Вазифаи сеюм аз синни кӯдакӣ қобилиятҳои бадеиву эҷодиро инкишоф додан, кӯшиши ба ҳаёти гирду атроф зебоӣ даровардан, ахлоқи намунавӣ доштан ва дар муҳити эстетикӣ зистан аст. Дар робита ба тарбияи эстетикӣ зарур шуморидем, ки ба безебӣ ва зуҳуроти зидди арзишҳои эстетикӣ, рафтори бад дар мавзеҳои зебои кишвар, намуди зоҳирӣ, шароити нохуши зиндагӣ муносибати оштинопазирона дошта, инчунин ба беғоягӣ, каммазмунӣ, бадеияти пасти асарҳои санъат нописанд набошанд.

Таҷрибаи кори тарбиявӣ-эстетикӣ нишон медиҳад, ки дар амал қонунҳои зебоипарастӣ, ҷалбшавӣ ба эҷодиёти бадеӣ ва ташкили фароғати ҷавонон, истифода аз асарҳои санъат хеле коста мебошанд.

Маълум аст, ки дар байни муҳассилини ҷумҳурӣ аз ҳамаи намудҳои паҳншудатарин мусиқӣ, кино ва адабиёт буда, онҳо манбаи асосии таҷрибаи эстетикии бачагон ба шумор мераванд. Махсусан, бачагон ба санъати эстрадӣ таваҷҷуҳи калон доранд. Қобилиятҳои бадеӣ дар аксарияти бачагони синну соли наврасӣ ба мусиқиву рақс нисбатан бештар аст. Ба назар гирифтани ин талаботи маънавии муҳассилин хеле муҳим аст. Он имкон медиҳад, ки рушд ва инкишоф, мураккабшавӣ ва ғанӣ гардидани мундариҷаи фаъолияти эстетикӣ маҳоратҳои сайқалёфтаро тақозо доранд, ки баъзан набудани онҳо ҷараёни рушди комили қобилияти бадеии хонандагони калонсолро боз медоранд. Масалан, дар Арманистон омӯзиши рақс барои ҳамаи хонандагон ҳатмӣ мебошад. Агар хонанда аз фанни рақс баҳо нагирад, дар синфаш

мононда мешавад. Дар ҷумҳурии мо бошад, нисбат ба рақсе, ки он аз тарафи писарбачагон иҷро мешавад, баъзан тасаввуроти нодуруст ҷой дорад.

Бинобар ин, чи тавре, ки И.Н.Ерошенков кайд мекунад, «дар ташаккули фарҳанги эстетикии хонандагон хусусиятҳои ба худ хосе, мисли, хусусиятҳои синну солӣ, фарқиятҳои синнусолии байни писарбачагону духтарон, талабот ва шавқу рағбати онҳо низ бояд ба назар гирифта шавад [30,130]». Тамоили умумии таҳсилоти бадеии насли наврас ин омилҳоро ба эътибор намегирад, ки боиси пайдо гардидани нуқсонҳо дар тарбияи эстетикӣ мегардад. Ғайр аз ин, баъзе вазифаҳои тарбияи эстетики низ амалан иҷро намегарданд. Ҳамоҳангсозии муассисаҳои таълимиву фарҳанг сустанд, хусусияти инноватсионӣ надоранд, раванди инкишофи комили қобилияти бадеиро дар кӯдакон боз медорад.

Хусусан, зери роҳбарии педагогӣ гирифтани шаклҳои номуташаккили эҷодиёти бадеии ҷавонон тавассути фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба талабот пурра ҷавогӯ нест.

Вобаста ба ин, робита бо санъат ва зебоӣ дар эстетикунонии ҳаёти маънавӣ тасаввуроти васеъро ба вуҷуд оварда, дар онҳо муносибати зебоиписандиро ташаккул медиҳад.

Таҳқиқоти мо дақиқ намуд, ки санъат, махсусан санъати мусиқӣ, мусиқӣ ҳис карда мусиқӣ ва мусиқифаҳмиро ташаккул медиҳад, диди кӯдаконро ба муҳит дигар месозад; онҳоро маънаван ғанӣ мегардонад; фарҳанги ахлоқиро ташаккул медиҳад.

Бахусус, таҳқиқоти дар коллеҷҳои техникии вилояти Суғд гузаронидашуда, нишон медиҳанд, ки омӯзгорон бо истифода аз фанҳои ҷомеашиносиву гуманитарӣ, махсусан, фарҳангшиносӣ дар раванди дарс мақсад мегузонад, ки донишҷӯёнро бо олами бойни фарҳанги бадеӣ шинос намоянд, онҳоро ба раванди аз худ намудани асарҳои санъат ҷалб созанд ва ба хулқу атвори онҳо таъсири ғоявӣ ва эстетикӣ расонанд.

Дар раванди дарсҳо донишҷӯён зери роҳбарии устодонашон тавассути олами мусиқӣ, театр, санъати тасвирӣ шуур, эҳсосоти эстетикиашонро ташаккул медиҳанд. Ба ин восита онҳо на танҳо вазифаҳои тарбияи эстетикӣ, балки маънавию ахлоқиро низ ҳал менамоянд.

Лозим аст, ки донишҷӯён шаклҳои бадеии асарҳои санъатро фаҳмида, аз ғояву образҳои қаҳрамонони асарҳо хулосаҳои дуруст бароранд. Аз онҳо лаззати эстетикӣ гиранд. Дар ин амалҳои тарбиявӣ омӯзгорон ва устоҳои таълимии коллеҷҳо саҳми хле калон гузота метавонанд.

Новобаста аз он, ки коллеҷҳои техникӣ мутахассисони махсуси санъатро тайёр намекунанд, онҳо бояд дар давраи донишҷӯӣ дар ташаккули қобилияти эҷодӣ-бадеии донишҷӯён бо истифода аз усулҳои махсус саҳм гирифта, инсони аз ҷиҳати эстетикӣ бомаърифатро омода созанд. Пеш аз ҳама, бо роҳи мушоҳида, суҳбат, санҷиш сатҳи эстетикиии шогирдро фаҳмида, дар тарбияи эстетикӣ дизайни истеҳсолотро мавриди истифода қарор бидиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки ба воситаи машқкуниҳои доимӣ дар маҳфилҳои ҳаваскорони санъати коллеҷ комёбиҳои пештараи донишҷӯён мустаҳкам карда шуда, вобаста ба ин барои маҳорату малакаҳои нав ба навро соҳиб шудан намудҳои фаъолият низ ба тадриҷ мураккаб карда мешаванд.

Бояд дар хотир дошт, ки «машғулиятҳои мусиқӣ, хореографӣ ва расмкашӣ танҳо дар сурати ба хушнудӣ овардани донишҷӯро аз ҷиҳати эстетикиву ахлоқӣ бой месозанд» [63,102]. Ба ақидаи Ю.Б. Алиев, «ба эҷодиёти бадеии донишҷӯён баҳои дуруст додан, онҳоро ҳавасманд намудан ҳам боиси пешрафти қобилияту истеъдодҳои онҳо мегардад» [63,104]. Ҳамчунин, дар асоси омӯзиши маводи назариявӣ роҳҳои асосии ташаккули фарҳанги эстетикии наврасону ҷавононро дар доираи чунин масъалаҳо хулоса кардан мумкин аст: ташаккули ҷиҳати образнокӣ-

ҳиссӣ, тарғиби иттилоотӣ - бадеӣ, васеъ ҷалб гардидан ба фаъолияти бадеӣ-эҷодӣ. Ҳалли ин вазифаҳо ба зиммаи омӯзгор ва ҳамкории ӯ бо корманди фарҳанг вогузор карда мешавад.

Дар ин бобат кори трабиявӣ-эстетикӣ ҳамон вақт самара мебахшад, ки агар он хусуситяти инноватсионӣ ва эҷодӣ пайдо кунад.

Шаклҳои оммавӣ, гурӯҳӣ инфиродӣ дар пайвастагии ҳамдигар истифода ва амалӣ карда шаванд. Фароғат тарзи муташаккилонаро молик буда, ҳамкорӣ бо муассисаҳои фарҳанг таъмин карда шавад. Дар акси ҳол дар тарбияи эстетикӣ натиҷаи хуб ба даст оварда намешавад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон мақомоти дахлдори соҳаи маорифу фарҳангро зери назари танқид гирифта, зикр намуданд, ки «роҳбарони муассисаҳои илмиву тадқиқотии соҳа омилҳо ва сабабҳои паст будани сатҳи дониши хонандагону донишҷӯёнро пурра таҳқиқ накарда, андешидани тадбирҳоро дар хусуси тағйир додани ин раванд аз мадди назар дур кардаанд» [77,23]. Дар вохӯрӣ масъалаҳои тарбияи эстетикӣ низ махсусан, зикр карда шуданд. Аз ин таъкидҳо чунин хулоса кардан мумкин аст:

-дар корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ, дар муассиаҳои таълимӣ ва фарҳанг норасоиҳо мавҷуданд;

-тарғиби арзишҳои эстетикӣ дар байни аҳолӣ, бахуссус ҷавонон ба таври бояду шояд роҳандозӣ нашудааст;

«- бояд ҳамаи ниҳодҳои тарбиявӣ рӯ ба тарбияи эстетикӣ оварда, истифодаи арзишҳои миллии эстетикӣ аз ҷониби ҳамагон омӯхта шаванд» [69, 72];

«- ба рушди эҷодӣ насли наврас, инкишоф қобилияту истеъдоди онҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода шуда, кори ҳамоҳангсозии тарбияи эстетикиро бояд роҳандозӣ намуд» [69, 77-78].

Аз ин рӯ, ба интиқол додани арзишҳои фарҳанги миллӣ ва дар ин замина тарбия намудани насли наврас, тарбияи насли наврас ва ҷавонон тавассути фаъолияти педагогӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ҳифзи ёдгориҳои

таърихӣ, кори муассисаҳои маорифу фарҳанг, махсусан, дар мавзеъҳои деҳот бояд диққати ҷиддӣ дод. Бесабаб ҳам нест, ки Сардори давлат ба рушди фарҳангу зебоипарастӣ аҳаммияти калон дода, самаранок ташкил намудани онро талаб менамояд.

Дар заминаи сиёсати имрӯзаи давлатии фарҳангу маорифи Тоҷикистон чунин вазифаҳо ва роҳҳои амалӣ сохтани онр муайян кардан мумкин аст:

- соҳаи таҳсилот, фарҳанг ва санъати пурғановати мо эҳё ва рушду нумуъ намояд;

- заминаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг миёнаи умумӣ, иловагӣ ва фарҳанг мустаҳкам гардида, нақши онҳо дар тарбияи маънавии шаҳрвандон ва рушди фарҳанги эстетикии онҳо баланд бардошта шавад;

- дар ҷумҳурӣ бояд системаи тарбияи эстетикии насли наврас дар ҳамаи зинаҳои таҳҷилот ва соҳаи фарҳангию фароғатӣ он мунтазам мукаммал гардонида шавад;

- ҳамаи ниҳодҳои ҷомеа, аз он ҷумла, хонавода, муассисҳои таҳсилоту ва фарҳанг ва ҷомеа ба кори самараноки тарбиявӣ-эстетикӣ ҷалб карда шаванд.

Ташаккули фарҳанги эстетикии кӯдак хонавода хеле нақши муҳимро мебозад: асоси маърифати эстетикиро инсон аз оила мегирад.

Мактаб, ҳамчун муассисаи давлатӣ, дар тарбияи ҳаматарафаи насли наврас нақши асосӣ ва марказиро мебозад ва дар деҳот ягона даргоҳи маърифати эстетикӣ ба шумор меравад. Вай дар заминаи арзишҳои фарҳанги миллӣ шогирдонро тарбия намуда, маърифати эстетикӣ, қонунҳои зебоӣ, табиат, ҷамъият ва тафаккури инсониро инъикос менамоянд, мусаллаҳ гардонида, маърифати эстетикиро рушд медиҳад. «Вазифаи тарбиявӣ-эстетикии мактаб дар самти ташаккули муносибати эстетикӣ, инкишофи маърифати эстетикӣ ва ҷалбнамоӣ ба фаъолияти эстетикии мактаббачагон муносибати маҷмӯӣ ва системанок намудан аст» [96, 44].

Дар ҳар як дарс омӯзгорро зарур аст, ки алоқамандии маводи таълимиро бо масъалаҳои тарбиявӣ-эстетикӣ таъмин намояд. Махсус, кабинетҳои эстетикӣ дошта бошад. Бо барномаҳои таълимӣ аз фанни суруд ва мусиқӣ, дигар фанҳои самти эстетикӣ, китобҳои дарсӣ, нишондодҳои методӣ, бо кабинетҳои зебоипарастӣ, лабораторияҳо, асбобҳои аёнӣ ва технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ таъмин бошад, ба танҳоӣ ин вазифаҳоро иҷро карда наметавонад.

Кори тарбиявӣ-эстетикӣ кори ҳамагон мебошад. «Ҳамоҳанг сохтани қувваҳои мактаб, оила ва аҳли ҷомеа, муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ дар тарбияи насли наврас аз ҷумла, «аз ҷиҳати тарбияи зебоипарастӣ ташаккулёфта» [12], яке аз вазифаҳои муҳим ва зарурӣ дар шароити имрӯза мебошад Зеро одами ҳамарафа зеборо оила, мактаб ва муҳити иҷтимоӣ дар ҳамкории зич тарбия менамоянд.

Ниҳодҳои дигари муҳими тарбияи эстетикӣ ва ташаккули он муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ, кинотеатрҳо, театрҳо барои кӯдакон ва наврасон (ин гуна муассисҳо дар кишвари мо хуб фаъолият доранд), радиву, телевизион, матбуоти даврагӣ, воситаҳои ҳозиразамонаи таъсиррасонии иттилооотӣ-маърифатӣ ва бадеӣ, боғҳои фарҳангию фароғатӣ, гулгашҳо, марказҳои эстетикӣ, фарҳангию фароғатии ҷавонон ва ғайра мебошанд, ки ба шуур ва ҳиссиёти ҷавонон бетаъсир буда наметавонанд. Инфрасохтори тавсифшуда ҷиҳати таҳияи нишондиҳанда ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба фаъолитяии эстетикӣ нақши хеле муҳим мебозанд.

Тарбияи насли наврас – насли ояндасоз, эҷодкор ва бунёдгар, фаъол, худшинос ва ватандӯст, башардӯст ба арзишҳои эстетикӣ, ба халқи худ садоқатманд ва тарбияи шахси комил, аз ҷиҳати эстетикӣ инкишофёфта вазифаи асосии мактаб, оила, аҳли ҷомеа ва муассиаҳои фарҳанг мебошад. Ин нуктаи муҳим дар қонуни ҶТ «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» дақиқ зикр карда шуда,

«мусоидат ба таъмини хонандагон дар маҳфилҳои илмӣ, адабӣ, эҷодӣ ва маҳфилҳои дигар мусоидат кардан» [11], қайд карда шудааст

Албатта, ташаккули фарҳанги эстетикӣ дар ҷомеа, бисёр масъалаҳои муҳимро дар бар мегирад, ки вазифаи он ташаккули комили шахс, зебоипарастии кӯдакон, наврасон ва ҷавонон мебошад. . «Манбаи зебоӣ, табиат, ҳар гуна аксҳо, мусаввараҳо, ҳайкалу муҷассамаҳо, асарҳои бадеӣ, нақшу нигор, иншоотҳо, асарҳои саҳнавӣ, суруду мусиқӣ, сару либос, ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, лавозимоти рӯзгор ва ғайраҳо мебошанд, ки дар инсон эҳсоси зебопарастӣ ба вуҷуд меоранд», гуфта мешавад дар «Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ» [8].

Муҳити имрӯзаи ҷумҳурии мо ҷиҳати ҳалли вазифаҳои ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ имкониятҳои хеле фаровон дорад ва фаъолияти ҳамаи ниҳодҳои ҷомеаро ба ҳалли вазифаҳои тарбиявӣ-эстетикӣ равона карда истодааст.

Ногуфта намонад, ки масъалаҳои назария ва амалияи ҳамкории мутақобилаи муассисаҳои таълимӣ, фарҳанг, хонавода ва аҳли ҷомеа дар тарбияи ҷавонон аз ҷониби олимони соҳаи педагогика ва фарҳангшиносӣ мавриди омӯзиши қарор гирифтаанд. Аммо ин принсипи муҳим дар кори амалии тарбиявӣ-эстетикӣ пурра амалӣ карда намешавад. Яъне дар низоми тарбияи эстетикӣ қавӣ набудани ҳамгироии ниҳодҳо, анику равшан набудани мақсаду ҳадафҳои муассисаҳои таълимиву фарҳангӣ дар низоми тарбияи эстетикӣ ва чи ҷойгоҳе доштани ҳар яке аз онҳо дар ин низом ва кадом модел (барномаҳое) иртибот доранд, ки он ҳама барои Тоҷикистон заруранд.

Бино бар ин, вазифаи имрӯзаи ниҳодҳои иҷтимоӣ-педагогии ҷомеа таъмин намудани ҳамкории функсионалии институтҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ баҳри самаранок ташкил кардан ва босифат гардонидани ташаккули фарҳанги зебоипарастии ҷавонон мебошад. Онҳо бояд нақшаҳое таҳия намоянд, ки дар он ҷойгоҳи ҳар як муассисаи таълимӣ ва фарҳанг аниқ ва дақиқ муайян карда шавад,

зеро ташаккули «қобилияти зебоифаҳмӣ ба шаҳрванд имконият медиҳад, ки боигарии ахлоқӣ, маънавӣ ва маърифатии хешро ғанӣ гардонад ва зиндагии зебо ташкил кунад» [8,19].

Алоқамандии ниҳодҳои ҷомеа бояд дар асоси робитаи функционалӣ, ёрирасонӣ ба якдигар, ҳамкорӣ, дастгирии ҳамдигар ба амал бароварда шуда, вазифаҳои тарбияи эстетикиро иҷро кунанд.

Оила, ҳамчун коллективи нахустини тарбиявӣ-эстетикӣ, бо хусусиятҳои махсуси худ – маърифати эстетикӣ, зебогии муҳити хонаводагӣ, ороиши бадеии он, даргоҳи зебоипарастӣ будан ва муносибатҳои падару модар ба зебоиофарӣ фарқ мекунад. Дар натиҷаи алоқамандии ҳаёти оилавӣ ва ҷамъиятии насли наврас, робитаи он бо мактаб навраси аз ҷиҳати эстетикӣ босавод ва ба ҷомеа имруза зарур ба камол расонида мешавад.

Бо мурури инкишофи ҷамъиятӣ ва тағйирёбии муносибатҳои иқтисодву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ оила ҳам тағйиру инкишоф меёбад.

Муносибатҳои ҷамъиятӣ бо ҳар гуна роҳу воситаҳо ба тарбияи оилавӣ, аз ҷумла эстетикии он таъсир мерасонад. Чунки оила аз таъсири ҷамъиятӣ, аз таъсири муҳити фарҳангиву эстетикӣ дар канор истода наметавонад. Бино бар ин, оила низ як ҷузъи таркибии низоми тарбияи эстетикии насли наврас буда, бо дигар ниҳодҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ вазифаҳои ташаккули фарҳанги зебоипарастии ҷавононро ҳадафи худ бояд гузорад.

Ба ҷуз ин, дар сатҳи зарурӣ коркард нашудани методикаи ташаккули фарҳанги эстетикии муҳассилин, таъмин карда натавонистани ҳамоҳангсозии инноватсионии муассиаҳои таълимӣ ва фарҳанг, дигар созмонҳои ҷамъиятӣ ва методҳои муосир дар кори тарғиби арзишҳои бадеӣ ва ҷалбнамоии насли наврас ба эҷодиёти бадеии халқ ва боз дигар омилҳо садди роҳи мукаммалгардонии корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ гардидааст. Аз ин лиҳоз, зарур ба таъкид аст, ки ҳалли ин ҳама вазифаҳо ҷиҳати боло бардоштани маърифати эстетикӣ, шавқмандгардонии фаъолияти эстетикӣ, истифодаи анъанаҳои бадеии

халқ, ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти бадеӣ-эҷодӣ, ба таъмини неруъ ва рушди қобилиятҳои эҷодии ҷавонон ва аҳолӣ мусоидати фаъол менамоянд.

Дар ин кор банақшагирии тарбияи эстетикӣ, масъалаҳои ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ нақш ва ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд. Аз ин лиҳоз, масъалан, ҳамкории ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва оиларо метавон дар нақшаи зерин пешниҳод намуд:



Аз ин рӯ, нақши оила низ баробари муассисаҳои таълимӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеа дар ташаккули фарҳанги эстетикии хонаводаву кӯдак хеле бузург аст [96, 58].

Ба воситаи фарҳанги эстетикӣ мардум ва умуман, наслҳоро дар руҳияи суннатҳои бадеии гузаштагон тарбия намудан, дилбастагии бепоёнро нисбат ба арзишҳои бадеии ниёгон ташаккул додан, ки афзалият ва аҳаммияти худро то имрӯз нигоҳ доштааст, дар роҳи тарбияи эстетикӣ хизмати бебаҳо карда метавонад. Ба хусус, мутафаккирони пешини мо низ ба масъалаҳои фарҳанг, таҳсилот ва тарбия, аз он ҷумла, ба тарбияи эстетикӣ дар асарҳои худ фикру андешаҳои муҳимро дарҷ намуданд, ки дар байни онҳо ақидаҳои олими бузурги тоҷик Абуалӣ ибни Сино басе ҷолиби диққат мебошанд. Ақидаҳои эшон доир ба таъмин намудани рафтори тафриқавӣ, ки имрӯз

дар педагогикаи муосир хеле маъмул аст, дар ҷодаи тарбияи эстетикӣ аҳаммияти калон доранд. Зарурати ин принсипи тарбияро таъкид карда, мутафаккири бузург қайд карда буд, ки «Бояд ба ҳар кас муносиби завқу истеъдодаш санъат омӯхт, вагарна таълиму тарбия натиҷаи номатлуб медиҳад». Илова ба ин, ӯ «таълими гурӯҳӣ (дарси синфӣ)» - ро ташвиқ мекард, ки ин нукта дар Аврупои Fарбӣ танҳо 700 сол баъд арзи вуҷуд кардааст [98].

Ин нуқтаҳои зикргардида бори дигар исбот менамоянд, ки ба назар гирифтани хусусиятҳои фардӣ, миллӣ, этникӣ ва маҳаллӣ дар кори тарбиявӣ-эстетикӣ хеле муҳиманд. Зеро, гарчанде ки ҳама истедоди комил надоранд ва ҳунарманд шуда наметавонанд, аммо дарки зебоифаҳмӣ, баҳо дода тавонистан ба асарҳои эҷодӣ ва санъат бояд хоси ҳамагон бошад.

А.С. Макаренко ҳушдор додааст, ки «аввалин таҳкурсии ҳиссиёт, фикр, хулқ ва шуури бача дар оила гузошта ва дар он ташаккул дода мешавад. Кӯдакро ҳама чиз: одамон, ашёҳо, ҳодисаҳо, пеш аз ҳама, одамон тарбия мекунанд. Агар одам бад тарбия ёфта бошад, пас, ба ин, пеш аз ҳама мураббӣ гунаҳкор мебошад. Дар тарбияи насли наврас нақши аввалиндараҷаро мактаб бозад ҳам, аввалин таҷрибаи ҳастиро ба кӯдак маҳз оила медиҳад, маҳз дар оила хислат ва симои маънавии ӯ ташаккул меёбад» [56, 216-218].

«Тарбияи бачагон, – менависад А.С. Макаренко, – соҳаи муҳимми зиндагии мост. Бачагони мо шаҳрвандони ояндаи мамлакати мо ва шаҳрвандони ҷаҳон мебошанд. Онҳо таърихро эҷод хоҳанд кард. Бачагони мо падар ва модарони оянда мебошанд, онҳо ҳам бачагони худро тарбия хоҳанд кард. Бачагони мо бояд ҳамчун шаҳрвандони хуб, падар ва модарони хуб ба камол расанд. Вале бо ин ҳам тамом намешавад, бачагони мо умеди айёми пирии моанд. Тарбияи дуруст пирии хушбахтонаи мост, тарбияи бад ғаму ғуссаи ояндаи мо, ашкҳои дидаи мост, дар назди дигар одамон, дар назди тамоми мамлакат гуноҳи мост» [56, 216 - 218].

Баъди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» «бо падару модар дар ба масъалаҳои давомот, дониш ва интизоми кӯдак ҳамкорӣ намудани мактаб, оила ва ҷомеа» [12] дар тарбияи насли наврас таваҷҷуҳи махсус зоҳир шуда истодааст. Бисёрии коршиносон нуқтаҳои назари хешро ҷиҳати ҳамкорӣ иброз намуда, зарурияти ҳамгироии кори иҷтимоии касбии муассисаҳои таълимиро бо оила, бахусус, дар шароите, ки оила ҳамчун субъекти фаъоли ин ҷараён дар муҳити иҷтимоӣ амал мекунад, бобати кӯшиши тавсиф ва ба низоми тарбияи эстетикӣ ворид сохтани онро, масъалагузорӣ карда бошанд ҳам, вале пурра баррасӣ ва таҳқиқ накардаанд. Дар таҳқиқотҳо зиёда парокандагии масъалагузорӣ, набудани нуқтаи назари маҷмӯӣ ва механизмҳои ҳамкории муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг дар тарбияи эстетикӣ ҳис карда мешавад. Масъалаи мазкур дар як қатор кишварҳо, аз ҷумла, Федератсияи Россия, ИМА, Олмон дар ин самти корҳои фаъоли таҷрибавӣ-озмоишӣ роҳандозӣ шудааст, аммо дар ҷумҳурии мо то ҳоло дар ин ҷода имкониятҳо маҳдуд буда, маводи назариявӣ ва таҷрибавӣ кам ҷамъ шудааст. Аз ин рӯ, зарурати масъалаи истифодаи иқтидори муҳити иҷтимоии муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг, механизм ва роҳҳои самараноки ҳамкории мутақобила номаълум мемонад.

Муҳим он аст, ки «хонавода дар ҳамкорӣ бо дигар ниҳодҳои ҷомеа дар кори тарбиявӣ - эстетикӣ муҳим солимӣ, зебоӣ ва нафосатро ба вуҷуд оварда тавонад, аъзоёни худро аз арзишҳои зебоипарастӣ бархурдор кунад ва анъанаҳои бадеии оиларо ҳифз ва ғанӣ гардонад. Дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг вазифаҳои тарбияи эстетикиро иҷро намояд» [96, 89].

Лозим ба таъкид аст, ки саҳми падару модар дар таъсири тарбиявӣ - эстетикии номаҳдуд буда, обрӯю эътибор ва муносибати падару модар ба арзишҳои эстетикӣ ва фаъолияти эстетикӣ дар ба воя расонидани фарзанд ҷойгоҳи ниҳоят муҳимро ишғол менамояд.

Барои ҳамин ҳам, сиёсати имрӯзаи фарҳангии давлати мо ба он нигаронда шудааст, ки анъана ва арзишҳои фарҳанги миллии мо эҳё ва

рушду нумӯъ ёфта, нақши онҳо дар тарбияи зебоиписандии шаҳрвандон, махсусан, насли наврас тарбиятдидагии фарҳангии онҳо боло бардошта шавад. «Барои таҳқиқи ин масъала зарурияти ошкор сохтани омилҳо ва хусусиятҳои ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар низоми таҳсилот ва фарҳанг ба миён омадааст. Яъне, муайян намудани махсусиятҳои тарбияи эстетикӣ дар шароити ҳамкории мутақобилаи муассисаҳои таълимӣ бо хонавода ва муассисҳои фарҳанг пеш омадааст» [96, 61].

Инчунин, таҳқиқоти мо нишон дод, ки дар баробари муваффақиятҳо дар кори ба арзишҳои эстетикӣ ҷалб намудани ҷавонон, махсусан, донишҷӯён масъалаҳои ҳалталаб ва мушкилот кам нестанд. Чунончи, яке аз камбудиҳое, ки имрӯз боиси ташвиш ва нигаронӣ аст, ин суст будани потенсиал ва ба таври зарурӣ истифода набурдани Марказҳои эстетикӣ ва ҷавонон, муассисаҳои муосири низоми маориф ва фарҳанг дар тарбияи эстетикӣ дар шаҳру ноҳияҳо аст. Хусусан, норасоӣ ва коста будани заминаи моддӣ, аз қабили набудани синфҳои мусиқӣ дар мактаб, нақлиёти соҳавӣ, созҳои замонавии мусиқӣ, таҷҳизотҳои муосири телекоммуникатсионӣ, аттраксионҳои ҳозиразамон дар аксарияти боғҳои фарҳангӣ-фароғатии шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ ба кори омӯзгорон ва кормандони соҳаи фарҳанг таъсири манфӣ мерасонанд.

Яке аз камбудиҳои ҷиддие ки дар фаъолияти муассисаҳои маорифу фарҳанг ба назар мерасанд, ба нарасидани кадрҳои зарурии соҳавӣ иртибот дорад. Ба сабаби кам будани маоши кормандони соҳавӣ аксари мутахассисон дар солҳои охир чунин муассисаҳоро тарк намудаанд ва ҷои онҳоро шахсоне иваз намуданд, ки маълумоти соҳавӣ надоранд. Дар ноҳия ва шаҳрҳое, ки мавриди омӯзиш ва таҳқиқи мо қарор гирифтаанд, махсусан кам шудани ҳайати кормандони фарҳанг, ташкилотчиёни корҳои беруназмактабӣ аз ҳисоби занону духтарон ба чашм мерасанд.

Замоне, ки дар муассисаҳои фарҳанг, марказҳои тарбияи зебоипарстӣ дар ноҳияҳо кормандон бе таҳсилоти касбӣ ва бо маълумоти таҳсилоти миёнаи касбӣ кор мекунанд, пас чӣ гуна ба баланд бардоштани сатҳи маънавиёт, маърифати аҳолӣ ва фарҳанги эстетикӣ

ноил шуда метавонем. Яъне кормандони соҳа дар ин сурат худашон барои боло бурдани сатҳи умумифарҳангӣ ва касбият, ниёз доранд. Барои баррасии ин масъалаи муҳим, ҷалби сармоядорони хориҷӣ ва имкониятҳои дохилӣ зарур аст, ки соҳиби тахассусҳои замонавӣ гарданд.

Аз ин рӯ, мактабҳои мусиқӣ ва санъате, ки дар шаҳру навоҳии чумхурӣ фаъолият доранд, барои баланд бардоштани самараноки ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ, махсусан, фарҳанги мусиқӣ маҳсуб меёбанд, ба талаботи имрӯза пурра ҷавобгӯ нестанд. Ин гуна ҳолатро ба коллеҷҳои соҳавии шаҳру ноҳияҳо, ки воқеан ҳам, барои ба воя расонидани кадрҳои соҳаи фарҳанг ва санъат, ки дар онҳо омӯзгорони соҳаи мусиқӣ нақши муҳим доранд, низ қайд кардан ба маврид аст.

Дар мактабҳои мусиқӣ, бадеӣ ва санъат, ки теъдодашон 80 ададанд, шумораи муттахасисони асили соҳаи фарҳанг ва бахусус, мусиқӣ хеле кам аст. Ба ҷуз ин, дар ин муассисаҳо аз хориҷи ҷумҳурӣ дар 25 соли охир «ягон гуна асбобҳои мусиқӣ ворид нашуданд. Ҳол он ки рӯз аз рӯз шумораи муассисаҳои таълимии соҳавӣ зиёд гардида истодаанд. Дар давраи иттиҳоди шуравӣ дар мағозаҳо асбобҳои мусиқӣ аз қабили фортепиано, роял, аккордион, баян, кларнет, труба ва туба барои фурӯш мавҷуд буд. Имрӯз онҳоро мо дар ягон мағоза пайдо карда наметавонем. Вале солҳои пешин бо воситаи маблағҳои муттамарказонидашуда ин мактабҳо ҳар сол бо асбобҳои мусиқӣ таъмин мешуданд» [96, 44].

Чунон, ки маълум аст, самти дигари тарбияи эстетикии ҷавонон, рушд ёфтани эҷодиёти бадеии онҳо мебошад. Ҳамчунин, маълум аст, ки бо дастгирии бевоситаи Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Солҳои 2019-2021-соли рушди деҳот, ҳунарҳои мардумӣ ва сайёҳӣ» эълон карда шудааст. Инчунин фестивал-озмуни ҷумҳуриявии эҷодиёти бадеи халқ «Андалеб» – дар ду сол як маротиба баргузор мегардад. Ин имкон медиҳад, ки шуъбаҳои фарҳанг ва маорифи мақомоти иҷрояи маҳаллии ҳукуматҳои шаҳриву навоҳӣ барои ҷоннок кардани фаъолияти

муассисаҳои фарҳангу маориф, ҷалби ҷавонон ба арзишҳои эстетикӣ, инкишофи фаъолияти эҷодии онҳо чораҳои зарурӣ андешанд.

Аммо маълум аст, ки маҳфили хушҳолону ҳозирҷавобон байни донишкадаву донишгоҳҳо ташкил ва баргузор гашта истодааст, ки ҳунари истеъдоди ҷавононро ошкор ва эҳё менамояд. Ва муҳим он аст, ки вазъи соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва фазои маънавии кишвар беҳтар гардида истодааст. Ба ҷуз ин, барои мактабҳои мусиқӣ озмунҳо аз рӯйи созҳои миллӣ, овозхонони жанри эстрадӣ, анъанавӣ доир намудан ва ба ин васила ҳамкориҳоро бо ҳукуматҳои маҳаллӣ бештару беҳтар гардондан таъсири фарҳанги эстетикиро ба ҷомеа меафзояд.

Китобу китобхона, махсусан, китобхонаҳои оммавӣ, дар тарбияи зебоипарастии насли наврас мавқеи хоса доранд. Бо мақсади сазовор истиқбол намудани ҷашнҳои 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фестивал-озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», ки бо ташаббуси Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ташкил ва баргузор шуд, бори дигар исбот кард, ки мардуми тоҷик, махсусан, ҷавонон, китобхону китобдӯст мебошанд. Аз ин рӯ, бояд имрӯз китобҳое чоп шаванд, ки ба талаботи меъёрҳои байналмиллалӣ ҷавобгӯ бошанд. Муттасифона, имрӯз баъзе китобҳое чоп мешаванд, ки ба оддитарин меъёрҳои нашрӣ ҷавобгӯй нестанд.

Озмунҳои фарҳангии ҷумҳуриявии Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», ки ҳамасола баргузор мегарданд, низ дар ташаккули фарҳанги эстетикии ҷавонон нақши муассир мегузоранд.

Тарбияи эстетикӣ тавассути фаъолияти фарҳангию фароғатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва оила, бо робитаи ихтиёрии одамон, ба ташаббуси шахсӣ дар вақти холӣ ва истироҳатӣ, дар доираи маҳфилҳои эҷодӣ, ҳавасманд намудани иштирокчиёни онҳо, муошрати байниякдигарӣ ва муносибат ба эҷодиёт доштаи одамон рушду нумӯъ меёбад.

Бинобар ҳамин, вазифаи муҳимми ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ аз он иборат аст, ки дар симои маънавию ахлоқӣ, соҳаи

маишӣ, фарҳанги ҷисмонии ҷавонон бояд нишонаҳои зебоӣ такмил дода шаванд.

Вазифаи муҳимми дигари тарбияи эстетикӣ дар насли наврас қобилиятҳои бадеиву эҷодӣ, кӯшиши ба ҳаёти гирду атроф зебоӣ даровардан, меҳнати хуб ва хулқу адаби намунавӣ тарбия кардан аст. Муҳим аст, ки дар таҳқиқотҳо раванди инноватсиониро ба роҳбарӣ гирифта, дар асоси он консепсияи ҳамкории мутақобилаи муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг таҳия, аз озмоиши таҳқиқотӣ гузаронида шуда, амалӣ карда шавад. Дар ин раванд аз фарҳанг ва анъанаҳои миллии тарбияи эстетикӣ истифода бурдан мувофиқи мақсад аст. Ин гуна раванд муносибати навро дар ташкили тарбияи эстетикӣ роҳандозӣ намуда, он ҳамаи ҷараёнҳои фаъолияти эстетикии таҳсилот ва фарҳангро ба ин унсури муҳимми тарбия (тарбияи эстетикӣ) равона месозад.

Вазифаи дигар муайян намудани мавқеъ, ҷойгоҳ ва шартҳои педагогии ҳамкории мутақобилаи муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг дар ташаккули фарҳанги эстетикӣ (зебоипарасти)-и категорияҳои гуногуни муҳассилин мебошад, ки он яке аз роҳҳои такмил додани ин унсури муҳими тарбияи шахс мебошад. Ҳамчунин, таҷдиди низоми маориф ва фарҳанги ҷумҳуриро, ки ба ҳалли масъалаҳои маънавию ахлоқӣ ва эстетикии насли наврас мусоидат менамоянд, шарти муҳими педагогӣ ба шумор меравад..

Дар таҳқиқоти худ, мо ба таҳияи барномаи педагогии ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯёни коллеҷҳои техникӣ таваҷҷуҳи бештар дода, онро дар заминаи ҳамкории мутақобилаи коллеҷҳо бо муассисаҳои фарҳангии минтақаи шаҳрҳои хурд: хонаҳо ва қасрҳои фарҳанг, студияҳои эҷодиёт ва марказҳои фарҳангӣ, клубу майдончаҳои варзишӣ дар ҷойҳои истиқоматӣ ва хобгоҳҳо, марказҳои фарҳангию фароғатӣ, осорхонаҳо ва мавзеҳои таърихиву фарҳангӣ, намоишгоҳҳо, толорҳои намоишӣ, китобхонаҳо, боғҳои фарҳангию фароғатӣ, толорҳои консертӣ, театрҳо, кинотеатрҳо, мактабҳои санъат ва мактабҳои мусиқӣ ва ғ. таҳия намудем. Барнома ва ё модели пешниҳодшуда имкон медиҳад,

ки муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи гуногуни донишҷӯён ва ҷалби онҳо ба фаъолияти бадеӣ-эстетикӣ имкониятҳои мусоид фароҳам оварда, қобилиятҳо ва нерӯи эҷодии нуҳуфтаи онҳоро инкишоф диҳанд.

Олимони соҳаи педагогика ва назарияи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ чунин мешуморанд, ки модели ташаккули фарҳанги эстетикӣ дар заминаи принсипҳои зерин коркард карда шуда метавонад: «принсипи системанокӣ» [45,8-9], муносибати комплексӣ, гузариш ба раванди дараҷаи азхудкунии арзишҳои эстетикӣ, эҳтироми фарҳанги миллӣ ва эътирофи арзишҳои умумибашарӣ»; «принсипи ҷалби донишҷӯён ба анъанаҳои фарҳангӣ-этникии ватанӣ» [48,5]; «принсипи истифодаи «намудҳои гуногуи санъат» [59,26];, «принсипи робитаҳои байнифарҳангӣ чун асоси якдигарро ғанӣ гардонидани фарҳангҳо ва худинкишофёбии онҳо»; «принсипи ташвиқи худфаъолият ва ташаббуси донишҷӯён ҷиҳати инкишофи қобилиятҳои эҷодии онҳо, махсусан, ҳунарҳои мардумии минтақа»; «принсипи пайдарҳамӣ; принсипи шавқмандӣ ва тафриқавӣ дар кори беруназаудиторӣ [41,207-208], «принсипи гуманизатсия» [59, 335] ва дигар принсипҳо, ба мақсади рушди қобилиятҳои эҷодии онҳо.

Ба аҳли соҳаи илм маълум аст, ки педагогика дар баробари психология дар структураи кори иҷтимоӣ вазифаи фаҳмондадиҳиро низ иҷро менамояд. Ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ аз бисёр ҷиҳат аз дараҷаи тарбиянокӣ вобаста аст, барои ҳамин ҳам педагогика вазифаи пешгӯикунандагиро иҷро мекунад. Мувофиқи андешаи Т.Г. Кисилева ва Ю.Д. Красильников «аз диди педагогӣ нақши ҳалкунанда дар инкишофи шахсияти аз ҷиҳати эстетикӣ инкишофёфта фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангии ӯ низ зарурат дорад. Чунин фаъолият дар ҳалли вазифаҳои тарбиявӣ-эстетикӣ нақши муҳим мебозад» [41, 110].

Нерӯи эҷодӣ ва технологияи иҷтимоӣ-фарҳангӣ хусусияти маҷмӯӣ (комплексӣ)-ро низ дорад. Он зерсистемаҳои педагогии фарҳанг ва санъат, психология, педагогикаи фароғатиро низ доро мебошад.

Масалан, элементҳои педагогиеро, ки ба шахсияти инсон ва иштирокчии ҷараёни он дахл доранд, метавон дар ҷадвали зерин муаррифӣ намуд:



Чуноне ки М.А. Ариарский кайд мекунад, «принсипҳои педагогӣ қонуниятҳоеро, ки дар раванди таълиму тарбиявии ташаккулёбии фарҳанги эстетикии шахсият амал мекунанд, дар худ инъикос менамоянд. Бахусус, манбаъҳои принсипҳои педагогика фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангии тарбияи эстетикии шахсият» [41,105-108] ҳамонҳоеанд, ки дар ҷадвали зерин пешниҳод шудаанд:



Мебояд таъкид сохт, ки дар кори иҷтимоӣ-фарҳангӣ бисёр шартҳои педагогӣ пешниҳод ва холисона истифода карда мешавад, ҳарчанд ки онҳо табиатан ба ҳам алоқаманд буда метавонанд, ба принсипҳои умумӣ ва махсуси тарбияи эстетикӣ ҳам ҷудо карда мешаванд.

Ба ҷуз он ҳама, самти тарбиявии кори иҷтимоӣ-фарҳангӣ метавонад, ҳамчун ҷараёни рушди шахсият низ пешниҳод гардад, ки дар рафти он ҷавонон метавонанд арзишҳои фарҳанги эстетикиро омӯзанд ва маърифати эстетикиашонро баланд бардоранд; ба малакаҳои рафтори ахлоқӣ-эстетикӣ соҳиб шаванд; малакаҳои эстетикиашонро ташаккул дода, ба ҷараёни фаъолияти эстетикӣ ҷалб гарданд. Ҳарчанд ки ташаккулёбии шахсият ва коллективро тадриҷан баамалоянда номанд

ҳам, кори иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз ҷиҳати илмӣ онро асоснок ва мақсаднок мегардонад. Ин маънои онро дорад, ки омӯзгор дар кори инфиродӣ ё гуруҳӣ бо ҳамин роҳу усул мақсадҳои тарбиявӣ-эстетикиро ташкил ва иҷро менамояд.

Дар ҷараёни корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ мутахассисони соҳаи фарҳанг дар ҳамкорӣ бо омӯзгорон ва маъмурияти таълимгоҳҳо принсипҳои системанокӣ (бонизомӣ) ва пайдарҳамӣ, рафтори тафриқавиро ба назари эътибор мегиранд. Чунин муносибати эҷодиро ба даст оварда истода, фаҳмишро оид ба низоми иҷро ва технологияи он ташаккул додан мумкин аст. Масъалаҳои ташаккули фарҳанги эстетикиро рушд додан танҳо дар шароити дастраси умум будани барномаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ, муносибати тафриқавӣ ба фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, принсипи ба шахсият равона шуда, фардикунонии фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ва ғ. самарабахш щуда метавонад. Агар раванди тарбияи эстетикӣ боз аз рӯйи дигар принсипҳои дидактикӣ, чун «илмияти мазмун, аёният ва алоқамандии таълим бо ҳаёт, шуурнокӣ, фаъолиятии эҷодӣ, мустақилии донишҷӯ амал карда шавад» [57,188-189], ба фаъолияти эстетикӣ ва мутобиқсозӣ ба ҳаёти ҷамъиятӣ, он ба муҳассилин ва ё иштироккунандагон боз ҳам самараноктар ва таъсирбахш мегардад.

Ҷоиз аст таъкид намоем, ки он ҳама принсипҳои номбаршуда аҳаммияти тарбиявӣ - эстетикӣ доранд. Вале боз як қатор принсипҳои махсуси тарбиявиро номбар кардан мумкин аст,инсонро меҳвари асосӣ ва субъекти раванди тарбия донистан, ба ӯ боварӣ кардан ва бо фаъолияти эстетикӣ ҷалб намудан зарур аст. Ҳамчунин, дар ин ҳолат одоби педагогӣ бояд риоя карда шавад, ки он инъикоси принсипи гуманистӣ дар тамоми кори таълимию тарбиявӣ ба ҳисоб меравад.

Зарур аст, ки ҳар як омӯзгор, корманди фарҳанг ва хонавода дар кори тарбияи эстетикӣ ҳама вақт ба тарафи мусбии тарбия ва анъанаҳо такя намояду аз навовариҳои илмҳои фалсафа, педагогика, психология, эстетика, фарҳангшиносӣ, этнология ва дигар илмҳо истифода баранд. Чи қадаре ки шароити кори тарбиявӣ-эстетикии ҷавонон душвор

набошад, ҳама вақт одамон ва омилҳои инсоние ёфт мешаванд, ки метавонанд, масъалаҳои ташаккули комили шахсиятро бо муваффақият ҳал намоянд.

Аммо дар ҳаёт бо шахсоне ҳам дучор меоем, ки диди зебоифаҳмиашон заиф аст. Онҳоро аз ҷиҳати маънавӣ “камбағал” меҳисобанд ва чунин шахсон ба ҳаракатҳои ношоям роҳ медиҳанд; дар ҷойҳои ҷамъиятӣ доду фарёд мезананд; суруду мусиқиҳои каммазмуниҷро мекунагнд; яъне дар дарки зебоифаҳмӣ бегонапарастӣ мекунанд. Чунин шахсон аз фарҳанги зебоипарастӣ дуранд.

Аз омӯзиш, ҷамъбаст ва таҳлили вазъи корҳои тарбиявӣ-эстетикии ҷавонон дар коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанги ҷумҳурӣ, ҳуҷҷатҳое ки вазъи кори амалии онҳоро объективона инъикос менамоянд, баррасии ҳисоботҳои шуъбаи маорифи шаҳр, ноҳияҳо ва суҳбат бо кормандони онҳо, пурсишу суҳбатҳо бо донишҷӯён, омӯзгорон, фаъолияти бевоситаи кормандони системаи фарҳанг оид ба тарбияи эстетикӣ бармеояд, ки ин унсури тарбияи ҷавонон дар низоми фарҳангу маориф мушкилоти зиёдеро дорост. Масалан:

- суст будани корҳои роҳбарии методӣ ҷиҳати ёрии амалӣ расонидан ба муассисаҳои фарҳангу маориф оид ба тарбияи эстетикӣ, махсусан дар деҳот;

« - мавҷуд набудани воситаҳои ҳозиразамони иттилоотӣ-коммуникатсионӣ , созҳои замонавии мусиқӣ, сару либоси саҳнавӣ ва ғ.;

- таъмирталаб будани будани қисме аз муассисаҳои фарҳангӣ - фароғатӣ, марказҳои таҳсилоти иловагии кӯдакон ва наврасон, маҳфилҳои тарбиявӣ - эстетикии дар деҳоту шаҳрҳои ҷумҳурӣ;

- норасоии маблағ барои пурра кардан ва ғанӣ гардонидани фонди китобхонаҳои марказӣ ва китобхонаҳои бачагона;

- нисбат ба солҳои пешин афзудани теъдоди кормандони соҳаи ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ аз ҳисоби занон. Ин тамоил дурнамои фаъолияти занонро тақозо дорад, ки дар ин самти корҳои

тарбиявӣ саҳми бонувон хеле назаррас буда метавонад. Зеро зан – модар худ олиҳаи ҳусн ва зебоист;

- суст фаъолият кардани кабинетҳои методии назди шуъбаи фарҳангу маориф дар шаҳру ноҳияҳо дар самти тарбияи эстетикии ҷавонон, нарасидани маводи таълимӣ-методӣ дар ин самти фаъолият;

- аз ҷониби хоҷагиҳо пурра дастгирӣ наёфтани муассисаҳои фарҳангу маорифи деҳот ва ҳавасмандкунонии кормандони онҳо» [96, 65-66].

Илова ба ин, кам будани теъдоди кормандони соҳаи фарҳанги зебоипарастӣ аз ҳисоби занон ба назар мерасад. Ин тамоил дурнамои бениҳоят зарур аст, зеро дар ин самти корҳои тарбиявӣ саҳми бонувон хеле назаррас буда метавонад. Зеро зан худ олиҳаи зебоист.

Мавҷуд будани камбудиҳо дар низом ва риояи танзими анъана ва ҷашну маросим, идҳо, чорабиниҳои таълимгоҳ ва муассисаҳои фарҳанг дар шаҳр, камхарҷ гузаронидани чорабиниҳо дар самти тарбияи бадеӣ, эстетикӣ низ мушоҳида мешавад.

Хулосаи боби I

Хулоса, тарбияи эстетикӣ ба қатори проблемаҳое дохил мешавад, ки ҳалли онҳо ба рушди минбаъдаи фарҳанги миллӣ ва умумибашарӣ вобаста аст. Ҷаҳонишавӣ дар баробари таъсири мусбат расониданаш, хавфи аз байн рафтани фарҳанги миллиро низ метавонад ба вуҷуд орад. Аз ин лиҳоз, ҳифз ва нигоҳдории асолати фарҳанги миллӣ, махсусан, дар ноҳияву маҳалҳо ва истифодаи онҳо дар тарбияи зебоипарастии насли наврас яке аз вазифаҳои муҳимми давлат ва ҷомеа ба шумор меравад.

Нигоҳи педагогӣ ба тарбияи эстетикӣ ҷалб намудани шахсиятро ба фаъолияти зебоипарастӣ дар назар дорад, ки дар ин асос раванди маҷмуи ташаккулёбии шахсият муайян карда мешавад. Дар ин бобат мо таъкид намудем, ки дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии ҷавонон нақш ва ҷойгоҳи ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ хеле назаррас аст. Оила, махсусан, оилаи тоҷик, ки дорои фарҳанг ва анъанаҳои ғанӣ ва бой мебошад, берун аз ин низом вуҷуд дошта наметавонад. Ҳар як хонаводаи

минтақаи Тоҷикистонро анъана, расму ойин ва маросимҳои фарҳангии зиёде фаро гирифтааст, ки он боигарии эстетикии ҳар як оилаи тоҷикистонӣ мебошад. Ин аст, ки рушди минбаъдаи фарҳанги миллӣ ва тарбияи эстетикӣ дар заминаи ҳамкориҳои зичи муассисаҳои таълимӣ, фарҳанг ва оила, истифодаи васеъ аз ойин ва анъанаҳои бадеии миллӣ таъмин карда мешавад.

Хусусан, пас аз қабули қонунҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашну маросимҳо бо мазмуни навин эҳё гардиданд, ҳамкориҳои институтҳои иҷтимоии ҷомеа таҳким ёфтанд, расму ойинҳои хонаводаи тоҷик ба танзим дароварда шуданд, нерӯи тарбиявии онҳо афзуд. Анъанаҳо камхарҷ гузаронида шуда, буҷаи оиларо ғанӣ гардонда истодаанд. Чандин расму ойин ва анъанаҳо дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ аз нав эҳё гардида, ба воситаи муҳимми тарбияи маънавию ахлоқӣ ва эстетикӣ табдил ёфта истодаанд. Инчунин, қобили қайд аст, ки бисёр кӯдакон ва мактаббачагон ба дастаҳои ҳунарии мардумӣ ҷалб гардида, дар ҷашнвораҳову озмунҳо фаъолона иштирок менамоянд. Маҳз ҳамин падидаи қонунгузорӣ имкон дод, ки фарҳанги хонавода ва расму ойини ҳар як минтақа ва халқу миллат дар ҷумҳурӣ ва арсаи байналмилалӣ муаррифӣ карда шавад. Зеро кор дар бобати ташкил ва гузаронидани анъанаву расму русумҳои мардумӣ барои оилаҳо ба дараҷае вазнину мураккаб шуда буд, ки дар давраи бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ ба инкишофи афроди ҷомеа монеаву душвориҳои зиёдеро эҷод менамуд.

Ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами кори коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг оид ба тарбияи эстетикӣ дар заминаи суннату анъанаҳои бадеии нишон дод, ки фаъолияти амалӣ оид ба тарбияи зебоипарастӣ дар ҳама соҳаҳои он, бо такя ба принсипи гуманизми чандинҳазорсола халқи тоҷик ба роҳ монда мешавад, истифодаи онҳо дар раванди ҳамгироии муассисаҳои таълимӣ, фарҳанг, оила ва аҳли ҷомеа ҷиҳати ташаккули фарҳанги эстетикии муҳассилин самараи хуб дода истодааст ва он бояд тавсеа ёбад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки тавассути таҷлил намудани ҷашну

маросимҳо, идҳо, таҳияи сенария, барнома ва лоиҳаҳои ҷолиб, чорабиниҳои шавқовар ва ғ. ҳалли вазифаҳои тарбиявӣ - эстетикӣ боз ҳам беҳтар карда шавад.

Аммо, сарфи назар аз он ҳама, мо дар зинаи ҷустуҷӯй-муқарраркунандаи таҳқиқот ва баррасиву таҳлили вазъи тарбияи зебоипарастӣ дар фаъолияти якҷояи коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг мушоҳида кардем, ки ҳамкориҳо ва фаъолияти ҳамҷояи ин муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар тарбияи эстетикӣ пурра ба талабот ҷавобгӯ нест. Аксарияти ҳуҷҷатҳои барномавии мавҷудбуда ва ҳам имрӯз таҳияшаванда ба чунин саволҳо «Маориф ва фарҳанг дар низоми ҳадафу мақсадҳои миллӣ чи ҷойгоҳе доранд ва кадом моделҳои онон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон заруранд?», «Вазифаҳои кӯтоҳмуддат, миёнамуддат ва дарозмуддат, механизм ва шаклҳои ҳамкории ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ кадомҳоянд ва онҳо дар ташаккули фарҳанги эстетикӣ чи нақш мебозанд?» посух дода наметавонанд.

Ҳамин тариқ, ҳаллу баррасии амалия ва таҳлили таҷрибаҳо, анъанаҳо, арзишҳои бо фаъолияти илмию таълимӣ алоқаманд, ки ин ҳама барои рушди кишвар ва низоми тарбияи зебоипарастии он муҳиманд, ҳалли масъалаҳои таҳқиқи ҳамкории муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг бобати тарбияи эстетикии муҳассилин зарурати комилро доро мебошанд, ки дар боби дуввуми диссертатсияи мо ҳалли худро ёфтаанд.

БОБИ 2. ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГӢ ВА МЕХАНИЗМҲОИ ҲАМКОРИИ МУТАҚОБИЛАИ КОЛЛЕҶ ВА МУАССИСАҲОИ ФАРҲАНГ ДАР ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ЗЕБОИПАРАСТИИ ДОНИШҶӮЁН

2.1. Фарҳанги эстетикии донишҷӯён ва механизмҳои ташаккули он дар раванди ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг

Ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён, дар ниҳоди онҳо тарбия намудани хислати зебоиофарӣ яке аз қисмҳои муҳими ташаккули инсони комил, тарбияи миллӣ, ахлоқиву маънавӣ ба шумор меравад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ он мазмуну муҳтавои навро молик гашта, ҳамаи қишрҳои ҷомеаро фаро гирифта истодааст.

Муҳиммияти тарбияи эстетикии аҳолиро зикр карда, Пешвои миллат мубрамии онро дар Паёми соли 2015 ва дар суханронии хеш, ки дар он дурнамои инкишофи иҷтимоию иқтисодии кишвар муайян гардидааст дар ҳини Қасамёдкунӣ ҳангоми ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудан возеҳу равшан таъкид шудааст. Дар баробари дигар масъалаҳои муҳимми ҷомеа, зимни чунин суханрониҳо вазифаҳои ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ хеле аниқу равшан муайян шудаанд. Бинобар ин, ҳамаи ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ бояд ҷиҳати ҳалли вазифаҳои гузошташуда ҳамкорӣ намуда, вазифаҳои тарбияи эстетикии аҳолӣ, махсусан, ҷавононро дар амал татбиқ намоянд.

Маълум аст, ки коллеҷҳо барои системаи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ мутахассисони таҳсилоти миёнаи касбиро тайёр мекунанд. Ин мутахассисон бояд дар баробари касбияти баланд доштан дар ниҳоди хеш, фарҳанги ахлоқиву эстетикиро пайваста ташаккул бидиҳанд. Дар иҷрои ин вазифаҳо коллеҷҳо имкониятҳои хеле фарохро доро мебошанд.

Бояд таъкид сохт, ки асоси назариявӣ ва методологии ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангро доир ба тарбияи эстетикӣ таълимоти

олимони соҳаи фаласафа, эстетика, фарҳангшиносӣ, педагогика ва дигар илмҳо ташкил медиҳад. Чунончи, тарбияи эстетикии ҷавонон проблемаи маҷмуӣ буда, омӯзиши масъалаи ҳамкории омӯзгор, волидон ва дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ дар раванди тарбияи насли наврас таърихи тӯлонӣ дошта, имрӯз низ аҳамияти худро гум накардааст. Масалан, дар доираи ин масъала ҳам олимони ватанӣ ва ҳам олимони бурунмарзӣ нуктаҳои назари хешро иброз кардаанд. Чунончи, дар асри Х1Х ва оғози асри ХХ оид ба зарурати ҳамоҳангсозии тарбияи хонаводагӣ ва муассисаи таълимӣ К.Д. Ушинский, В.П. Вахтеров, П.Ф. Каптерев, П.Ф. Лесгафт, Ш.А. Амонашвили, В.В. Давыдов, В.А. Сластёнин, А.С. Макаренко, В.А. Сухомлинский, Л.И. Божович, А.Ф. Лазурский, В.С. Рувинский, А.Д. Андреева, В.В. Богословский ақидаҳои ҷолиби диққатро пешниҳод намуданд, ки дар доираи он ҳама нақши хонавода ва педагогикаи хонаводагӣ дар тарбияи кӯдакон таҳқиқ карда шуда, раванди ҳамкории омӯзгор ва волидайн раванди мураккаб ва тӯлонӣ ҳисобида мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳамкории ниҳодҳои иҷтимоӣ-тарбиявии ҷомеа дар асарҳои олимони тоҷик М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, И.Каримова, Б.Раҳимов, А.Саидов, Б.Қодиров, Д.Латифзода, Б.Маҷидова, А.Нуров, А.Мирализода, Х.Раҳимзода, Ш.Шоисматуллоев ва дигарон низ таҳқиқи худро ёфтааст. Махсусан, дар китоби дарсии Ш.Шоҳисматуллоев «ба масъалаҳои ҳамоҳангсозии ниҳодҳои иҷтимоӣ» таваҷҷуҳи махсус кардааст [102, 206 - 207].

Мувофиқи ақида ва назарияҳои олимони соҳаи эстетика, асоси аввалини эстетика ва фарҳанги зебоипарастиро боигариҳо ва арзишҳои зебоипарастӣ ташкил медиҳанд, ки зимни онҳо дар кас тасаввуроту мафҳуми муайяне инкишоф ёбад. «Ин ҳама захираи донишу маърифат аз диди назари эстетикӣ хоҳад буд» [48, 86].

Муносибати эстетикии инсон ба олам дар кас зебоиро ба вуҷуд меорад. Бо ёрии он, дар инсон қобилияти аз байни чизҳои хуб ҷудо карда тавонистани хубтаринҳо инкишоф меёбад. Бо ёрии завқи эстетикиву санъат кас воқеиятро фаҳмидаву ба он баҳо дода метавонад. Ба дараҷаи

кофӣ зебоиҳои табиат, санъат, таълим ва меҳнатро дида, ба ҳаяҷон меояд. Аз образҳои бадеӣ ба ваҷҳ меояд. Ба туфайли қобилияти бадеии худ ӯ дар раванди фаъолияти эҷодӣ зебоиро ба вуҷуд меорад.

Ин ҳама ба онҳо имкон медиҳад, ки асари дар сатҳи баланди бадеӣ эҷодшударо аз фарҳанги коста ва зишт фарқ карда тавонанд, ба он баҳои сазовор дода, аз он ҳаловат баранд.

Ҳамин тариқ, тарбияи эстетикии ҷавонон проблемаи маҷмӯӣ илмӣ буда, вобаста ба он, ки паҳлӯҳои гуногунро фаро мегирад, ононро зарур аст, ки дар он ҳама ниҳодҳои иҷтимоии ҷомеа бояд фаъолона иштирок намоянд.

Ба ақидаи педагоги намоёни рус К.Д. Ушинский «дар доираи ҳар як фанни таълимӣ унсури зебоипарастӣ мавҷуд аст ва вазифаи устод аз он иборат аст, ки онро ба бача фаҳмонад» [97, 309]. Аз ин рӯ, вазифаи фаъолияти таълимию тарбиявии ҳар таълимгоҳ маҳз ба он бояд равона гардад, ки дар ҳалли он ҳама вазифаҳо тамоми имкониятҳои корҳои таълимию тарбиявӣ истифода гардида бошанд.

Дар таҳқиқоти хеш мо тасмим гирифтем, ки имкониятҳои ҳамкории коллеҷҳои техникиро бо муассисаҳои фарҳанг дар мисоли шаҳри Панҷакент мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор диҳем.

Қобили қайд аст, ки мувофиқи назари сотсиологҳо яке аз функсияҳои ниҳодҳои иҷтимоии ҷомеа таъмини фаъолиятҳо ҷиҳати ба танзим даровардани муносибатҳои байни аъзоёни он бо роҳи коркарди рафторҳои стандартӣ мебошад. Чунки ҳаёти фарҳангии ҷомеа бо иштироки онҳо дар ниҳодҳои мухталиф доир мегардад: Масъалан, дар муассисаҳои томактабӣ, мактабӣ, беруназмактабӣ, таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва дигар муассисаву ташкилотҳо мисол шуда метавонандж. Бештари ин муассиса ва ташкилотҳо фарогири муҳассилини гуногунмаслак мебошанд.

Дар таҳқиқоти хеш мо ба ғояи академик Ф.Шарифзода оид ба «ҳамкории педагогӣ» [101,361] «ҳамкории омӯзгорон», «ҳамкории волидон» [101,362] такя намуда, барномаи педагогии ҳамкории коллеҷ

ва муассисаҳои фарҳангиро дар ташаккули фарҳанги эстетикӣ таҳия намудем. Зеро, чунон ки маълум аст, тибқи ақидаи Ф.Шарифзода, дар кори тарбиявӣ-эстетикӣ ҳамаи ниҳодҳои ҷомеа бояд фаъолона иштирок намоянд. Чунки танҳо дар «фаъолияти дастаҷамъии эҷодӣ, дар сурати ҳамкорӣ ва ҳамоҳанг сохтани ниҳодҳои гуногуни ҷомеа» [101, 362] , мо метавонем, дар ин ҷода муваффақ шавем, ин равандро дар сатҳи зарурӣ ташкил намоем.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба тарбияи эстетикӣ (зебоипарастӣ)-и насли наврас дар низоми миллии муайяни корҳои тарбиявӣ роҳандозӣ карда шудааст. Ин системаро А.Саидов чунин тавсиф менамояд: «муассисаҳо, ташкилотҳои гуногун ва ниҳодҳо аз кӯдакистонҳо сар карда, то зинаи таҳсилоти олӣ ва баъдан бо истифода аз восита ва шаклу намудҳои кори тарбияи эстетикӣ ҷиҳати ба арзишҳои эстетикӣ ҷалб намудани ҷавонон ва кӯдакону наврасон» [165,118-121]. Дар ин система корҳои зиёде анҷом дода шудаанд.

Дар асоси таҳлили вазъи воқеии фаъолияти коллеҷҳои техникии вилояти Суғд, омӯзиш ва баррасии ҳисобот доир ба корҳои тарбиявӣ-эстетикии коллеҷҳо (аз ҷумла, дар муассисаҳои маориф ва фарҳанги ш. Панҷакент), суҳбат бо ноибони директори коллеҷҳо оид ба корҳои тарбиявӣ, иштироки муҳассилин дар корҳои фарҳангию фароғатӣ мо ба хулосае омадем, ки маъмурият ва ниҳодҳои тарбиявии муассисаҳои таълимӣ дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои фарҳанг имкониятҳои васеъ доир ба баланд бардоштани маърифати эстетикии ро доранд. Чунончи, таҷрибаи корҳои тарбиявӣ дар коллеҷи ш. Панҷакент нишон медиҳад, ки ин вазифаҳои душвори тарбияи эстетикӣ дар раванди таълими фанҳои этика, эстетика ва чорабиниҳои фарҳангӣ зиёда ҳал карда мешаванд. Зеро фанҳои таълимии эстетика ва этика, ки ба нақшаҳои таълимӣ тибқи стандарти давлатии таҳсилот ворид сохта шудааст, имкониятҳои зиёди тарбияи эстетикиро доро мебошанд.

Дар асоси барнома, таълими ин фанҳо ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки аз арзишҳои эстетикӣ бархудор гарданд, моҳият ва

вазифаҳои онро аз худ кунанд, бобати таълимоти мухталифи назарияи эстетикӣ огаҳӣ пайдо намоянд.

Дар доираи корҳои мустақилонаи донишҷӯён бештар ташриф овардан ба театри ш. Панҷакент, осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ, чорабиниҳои оммавӣ-бадеии муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ аҳамияти махсус пайдо кардаанд.

Муҳокимаи намоишҳои театрӣ ва экспозитсияҳои осорхона ва дар шакли корҳои мустақилона аз тарафи донишҷӯён пешниҳод намудани андешаҳои хеш низ дар коллеҷ таҷриба карда мешавад. Албатта, ин ва дигар тадбирҳо муҳассилинро бо арзишҳои эстетикӣ шинос менамоянд; онҳоро ба андешаронӣ водор месозанд.

Мебояд таъкид сохт, ки як гурӯҳ устодони коллеҷи шаҳри Панҷакент дар доираи корҳои тарбияи эстетикӣ фаъолона иштирок менамоянд,ки нишондоди таҷрибаи пешқадами онҳо ба минбари омӯзиш арзанда ва лоиқи дастгирианд. Масалан, ба муносибати иди байнамилалии Наврӯз, соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар таърихи 18 марти соли 2019 дар бинои Кохи ҷавонон ба номи Лоиқ Шералӣ намоиши ҳунарҳои мардумӣ ташкил карда шуд. Дар он ҳунармандухтарони коллеҷ дастранҷи худро ба маърази тамошо гузоштанд. Ҳамчунин, дар санаи 15-уми феврали соли 2019 бо ташаббуси кормандони бахш ва устоди калони кафедраи гуманитарӣ-иқтисодӣ Эргашева М. конференсияи илмӣ-амалӣ доир ба масъалаҳои тарбиявӣ гузаронида шуд, ки дар он проблемаи ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён баррасӣ гардид. Рӯзи 15-уми марти соли 2019 бо ташаббуси омӯзгори кафедраи гуманитарӣ-иқтисодӣ А.Нуруллоева чорабинии намоишӣ ва илмӣ-амалӣ бахшида ба соли Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ баргузор гардид, ки дар он намунаҳои беҳтарини санъати амалӣ-ороишӣ ба намоиши гузошта шуда буд. Дар ин намоиши ҳунарҳои мардумӣ ба муносибати ҷашни Наврӯз гӯшаи коллеҷи технологӣ ва инноватсионӣ беҳтарин дониста шуд. Дар баргузории ин гуна чорабиниҳо кулли ниҳодҳои шаҳр ва аҳли ҷомеа ҳамкорӣ намуданд.

Ин гуна чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ имрӯз низ ташкил ва баргузор мегарданд.

Омӯзиши таҷрибаи пешқадами коллеҷҳои самти фаъолияташон техникӣ бо дигар муассисаҳои системаи маориф ва фарҳанг нишон медиҳад, ки ҳам дар шаҳр ва ҳам дар деҳот, тарбияи эстетикӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ то андозае дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Хусусан, аз нав эҳё намудани муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар ноҳияҳо ва шаҳрҳои ҷумҳурӣ, коллективона ба намоишу намоишномаҳо (спектаклҳо) сафарбар намудани кӯдакони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, муҳассилини муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар, сафарҳои ҳунарии коллективҳои эҷодӣ ба ин муассисаҳо, ҷалби зиёиён: олимон, омӯзгорони макотиби олӣ, кормандони вазорату идораҳо ба намоишномаҳои театрӣ, баргузории намоиш ва фурӯши китобҳо, намоиши сайёри китоб, намоиши мусаввараҳо, муҳокимаи асарҳои санъати тасвирӣ, фаъол гардондани кори клубу китобхонаҳо дар байни аҳолии шаҳру ноҳия(махсусан, ҷавонон), таъсиси садҳо хонаҳо ва қасрҳои нави фарҳанг дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз он гуноҳӣ медиҳанд, ки мақомоти дахлдор ва ниҳодҳои тарбиявӣ доир ба ташаккули фарҳанги эстетикии насли наврас чораҳои зарурӣ андешида истодаанд.

Аммо аз ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами корҳо оид ба тарбияи эстетикӣ бар меояд, ки «дар фаъолияти амалӣ як нуктаи муҳим – ҳамкории фаъолияти институтҳои тарбиявии ҷомеа дар кори тарбияи эстетикӣ – на ҳама вақт ҳам мавриди истифода қарор мегирад, ва хусусияти лаҳзавӣ дорад» [170,41-45]. Ҳол он ки Президенти кишвар баланд бардоштани сатҳи сифати таълиму тарбияро дар ҷомеаи соҳибистиқлол, талаби замон шуморида, самаранокии онро дар ҳамкории кулли муассисаҳои тарбиявӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои давлатӣ мебинад.

Дар суханрониҳои хеш дар назди зиёиён ва аҳли маорифи кишвар Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмон пайваста масъалаи робитаи мактаб, оила ва аҳли ҷомеаро зикр мекунад ва онҳоро яке аз омилҳои беҳтар намудани сифати таҳсилот ва баланд бардоштани сатҳи донишу маърифати хонандагон меҳисобад. Вазифаҳои асосии тарбиявӣ аз ҷониби Сарвари давлат чунин муайян карда шуданд: «фаромӯш набояд кард, ки таълиму тарбия дар баробари он, ки самти муҳимми фаъолияти муассисаҳои таълимӣ мебошад, он, ҳамчунин, вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд: падару модарон, созмону иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва умуман, аҳли ҷомеа низ ба шумор меравад» [79]. Бинобар ин, масъалаи ҳамкории мутақобилаи муассисаҳои таълимӣ бо дигар институтҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳам аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ мубрам буда, барои соҳаи маориф ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ аҳаммияти калон дорад.

Маълум аст, ки яке аз ниҳодҳои муҳимми тарбияи эстетикӣ, ки ҳалли вазифаҳои тарбияи эстетикиро ба дӯши хеш мегирад, муассисаҳои фарҳангу санъати шаҳр мебошанд. Рушду нумӯи бештару беҳтар касб намудани фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ яке аз «василаҳои тавсеаи тарғиби санъат ва ҷалби мактаббачагон ба санъат, густариш ёфтани фарҳанги маънавии ҷомеа» [17,108] мебошад. Яъне, онҳо низ вазифаҳои тарбиявӣ-эстетикиро ба ӯҳда дорад .

Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг, фаъолияти муштараки маъмурияти коллеҷҳо ва кормандони муассисаҳои фарҳанг, воситаи пурратар қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти маънавию фарҳангии муҳассилин ба шумор рафта, он ба ҳалли талабот ва ҷиҳати масъалаҳои иҷтимоишавии насли наврас дар ҳамкорӣ бо дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад ва онро роҳандозӣ менамояд.

Дар низоми корҳои тарбиявӣ муассисаҳои фарҳанг нақши ҳалкунанда мебозанд. Онҳо тавассути ҷалби ҷавонон ба ҳаёти фарҳангӣ донишҷӯёну хонандагоро аз арзишҳои маънавию фарҳангӣ бархӯрдор намуда, имкон медиҳанд, ки бо намудҳои гуногуни санъат, махсусан, санъати муоссир ошноӣ пайдо кунанд, ба маҳфилҳои касбӣ ва худфаъолияти бадеӣ ҷалб шаванд, «дар байни волидон донишҳои

эстетикӣ ва педагогиро тарғиб намоянд» [17,108]. Ин муассисаҳо дар ҳамкорӣ бо таълимгоҳҳо қишрҳои гуногуни ҷомеаро ба арзишҳои эстетикӣ, намоишу спектаклҳо ҷалб намуда, имкон медиҳанд, ки одамон вақти холии хешро аз ҷиҳати маънавию эстетикӣ пурмазмун ташкил ва баргузор намоянд. Ҳамчунин, ҳамкории мутақобила байни ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа ба вуҷуд меояд, ки ин раванд объекти таҳқиқоти махсус буда метавонад. Аммо то ҳол, масъалаҳои ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг ва нақши онҳо дар мукаммалгардонии ҷаҳонбинии маънавӣ ва завқи эстетикии насли наврас пурра мавриди махсуси таҳқиқотчиёни соҳаи педагогика ва фарҳангшиносӣ қарор нагирифтаанд. Чунончи, ба ақидаи сотсиологи тоҷик Ш.Шоисматуллоев «тавассути институтҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ робитаҳо ва муносибатҳои иҷтимоӣ бо тартиб, бо низом расмӣ ва стандартӣ гардонида мешаванд» [102, 206].

Дар ин раванд, интегратсия, ҳамкории тарафайн, истифодаи шакл ва воситаҳои тарбиявӣ, ҳамоҳангсозии байниҳамдигарии ниҳодҳои иҷтимоӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоянд.

Илова ба ин, Ш.Шоисматуллоев чунин қайд мекунад: «муттаҳид намудани нерӯҳо ҷиҳати иҷрои кори якҷоя, сафарбарии қуввaҳои муштарак ва захираҳои хеш баҳри расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, талаботи зарурӣ ва ҳадафи ҳамкории зичи ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ-педагогӣ ва фарҳангӣ маҳсуб меёбанд» [102, 206-207]. Чунончи, дар шаҳри Панҷакент системаи муайяни муассисаҳои фарҳанг мавҷуд аст, ки маорифчиён ва ҳайати омӯзгорони коллеҷ бо онҳо дар ҳамкории зич қарор доранд. Роҳбарияти коллеҷ кормандони фарҳангу санъатро ба муассиса даъват менамоянд. Омӯзгорону донишҷӯён дастаҷамъона ба намоишу спектаклҳо ҷалб мешаванд, намоишҳои сайёри коллективҳои эҷодии пойтахт ва вилоятро тамошо менамоянд, ки онҳо дар ин раванд бо намудҳои гуногуни санъат шинос мешаванду тарбияи эстетикашон рушд мегарданд. Аз тарафи дигар, омӯзгорон ва донишҷӯёни коллеҷ дар кулли чорабиниҳои фарҳангии муассисаҳои шаҳр – 10 клубу хонаҳои

фарҳанг ширкати фаъол мекунанд. Бахусус, робитаи коллеҷ бо МД МЭФ Кохи ҷавонони ба номи Лоиқ Шералӣ, Кохи фарҳанги ба номи Олим Бобоев, Муассисаи давлатии мактаби санъати бачагона, 2 адад боғ – Боғи тиллоӣ ва боғи ба номи Камоли Хуҷандӣ, 5 адад-ансамбл, Китобхонаи системаи марказонидашуда бо 29 филиал-китобхонаҳои шаҳру деҳот устувор аст. Донишҷӯён дар ин муассисаҳои фарҳангӣ ба маҳфилҳои эҷодӣ ҷалб мешаванд, бо фаъолиятҳои эҷодӣ, шеърхонӣ, машғул мешаванд, дар саҳначаҳои тарбиявӣ ва намоишҳои бадеӣ иштирок менамоянд.

Дар шароити ҳозира мақсаду вазифаҳои муассисаҳои фарҳанг бештар ба масъалаҳои ташаккули фарҳанги эстетикӣ, аз ҷумула рушди маърифати зебоиписандӣ, омӯзиши амиқи таъриху назарияи фарҳанги эстетикӣ, гузаштаву муосири маънавиёти зебоипарстӣ, инкишоф додани фаъолияти эстетикӣ ва ба воситаи он ташаккули ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ, инчунин, дар тафаккури мардум ва бахусус наврасону ҷавонон густариш додани эҳсоси эҳтиром адабиёт ва саанъати гузаштаву имрӯзаи миллӣ равона мегардад. Дар кори тарбиявии коллеҷҳо баррасии ин ҳама амалҳо хеле муҳим ва аҳамиятнок мебошанд.

Дар замони муосир, на танҳо ба Тоҷикистон, ки ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон ба шумор меравад, балки барои бисъёрии давлатҳои дунё ҳимояи манфиатҳои миллӣ проблемаи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Зеро дар раванди ҷаҳонишавӣ аксари давлатҳои абадқудрат кӯшиш менамоянд, ки забон, фарҳанг ва тартиботи пулию молии худро дар тамоми ҷаҳон паҳн намуда, халқҳои оламро зери итоати хеш дароранд. Бино бар ин, бояд «оид ба масоили ҷаҳонишавӣ ва оқибатҳои иҷтимоии он ба фарҳанги бадеии миллӣ, паҳлуҳои мусбат ва манфии он, рушди техникаву технология, шабакаи интернет ва ҳамоҳангиву зиддиятҳои байнифарҳангӣ, эҳёи арзишҳои асили миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ, зиддиятҳои диниву мазҳабӣ ва пайомадҳои номатлуби ин равand огаҳӣ дошта, идеологияи обутобёфта, соҳибмаърифату дурандеш ва ба ҳама муқовимату таҳдидҳо истодагарӣ

карда, баҳри арзишҳои фарҳангии хеш ва ободии ватан талош намоянд» [90, 51-53]. Дар ин самт муассисаҳои тарбиявӣ бо ниҳодҳои фарҳанг ва санъат метавонанд ҳамкории зич намуда, мазмуну муҳтавои чорабиниҳои тарбиявӣ ва фарҳангии муштаракро ташкил ва баргузор намоянд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки фарҳанг воситаи асосии тавоноии тарбияи инсони комил, боло бардоштани сатҳи маънавию ахлоқӣ ва фарҳангии ҷомеа ба шумор рафта, баҳри инкишофи шахсият аз ҷиҳати зебоипарастӣ ғанӣ гардонидан ба наврасону ҷавонон кӯмак намуда, ҷиҳати рушди камол ёфтани онҳо саҳми созгор мегузоранд.

Баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ ва маҳфилу нишастҳои самти эстетикидошта, аз қабили шабнишиниҳои адабӣ-бадеӣ, шабҳои мусиқӣ, намоиши санъати тасвирӣ, театр, хонишҳои бадеӣ, маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ», «Ҳофизхонӣ», «Ҷомихонӣ», «Бедилхонӣ», «Турсунзодахонӣ», «Лоиқхонӣ», ташкили маҳфилҳои зеҳниву эстетикӣ, бахшида ба ҷашнҳои адибон ва дигар масъалаҳои мубрами рӯз дар тарбияи ахлоқиву зебоипарастӣ, дарки ҳаматарафаи муҳити эстетикӣ, қобилияти ҳис кардану дуруст фаҳмидани моҳияти зиндагӣ тавассути асарҳои адабиёт ва санъат ва амсоли онҳо таъсири ҳиссӣ ва образнокӣ мерасонад. Ҳамзамон, дар ниҳоди донишҷӯён чун қувваи эҷодӣ хислатҳои ҳамидаи инсониро талқин менамоянд. Ба ифодаи дигар, баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ имкон медиҳанд, ки шахс дар доираи фароғатгузарони маърифати эстетикии хешро худро васеъ кунад ва маҳорати дарки асарҳо ва намоишномаҳои бадеиро инкишоф диҳад, бахусус, фарҳанги эстетикии донишҷӯёнро ташаккул диҳанд.

Воситаи дигаре, ки дар тарбияи маънавӣ-эстетикии ҷавонон саҳм гузошта, ҷаҳонбинии маънавии онҳоро ташаккул медиҳад, мутолиаи муттасили адабиёти бадеӣ маҳсуб меёбад. Зеро мутолиаи адабиёти бадеӣ на танҳо ба кас ғизои маънавӣ, рӯҳи тоза ва болида мебахшад, инчунин, хислатҳои зишту зебои қаҳрамононро муқоиса менамояд, хислатҳои ахлоқиву эстетикии хешро рушд медиҳад.

Инчунин, дар Тоҷикистон шабакаи васеи муассисаҳои клубӣ мавҷуд аст. Онҳо ҷиҳати қонеъ гардондани дархостҳои маънавии гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ таъин шуда, дар ташаккули ниёзҳои фарҳангии ҷомеа, маънавиёти шахс ва ғанӣ гардонидани он саҳм мегиранд. Аз ҷумла, дар сохтори муассисаҳои фарҳанги ш. Панҷакент низ муассисаҳои фарҳангт навъи клубӣ дар тарбияи эстетикии ҷавонон нақши арзанда доранд. Ин нукта дар асоси принсипи ҳамгироӣ ба роҳ мондани ташаккули фарҳанги зебоипарастии ҷавонон самараи хуб медиҳад.

Воқеан ҳам, дар шароити муосир ҳозира, дар муассисаҳои фарҳангии шаҳр, аз ҷумла, дар клубҳо, чорабиниҳои гуногуншаклу гуногунмазмун оид ба ташаккули маънавию ахлоқӣ ва эстетикии ҷавонон, арҷ гузоштан ба таъриху фарҳанги гузаштаву муосири халқи тоҷик, ифтихори миллӣ ва ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ, эҳтиром ба арзишҳои эстетикии ниёгон гузаронида мешаванд. Чунин барномаҳои фарҳангӣ дар байни донишҷӯёни коллеҷ дар ҳамкорӣ бо кормандони муассисаҳои фарҳанг ташкил ва баргузор карда мешаванд. Масалан, имрӯзҳо чунин чорабиниҳо дар муассисаҳои фарҳангии шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд ва дар дигар ноҳияҳои вилоят таҳти унвони “Рушди сайёҳӣ ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ – талаби замон”, “Раванди ҷаҳонишавӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ”, “Фарҳанг ҳастии миллат ва устувори давлат”, “Фарҳанги халқӣ – ҳунари миллии мардум аст”, “Панҷкент – кишвари сайёҳӣ” , Экстремизм ва терроризм хатарҳои байналмилалист”, “Ёдгориҳои меъморӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”, “Муъҷизаҳои табиати Тоҷикистон”, “Роҳҳои пешгирии ҷавонон аз шомилшавӣ ба ташкилотҳои террористию экстремистӣ”, “Ҳунарҳои мардумӣ ва эҳёи он”, “Обҳои шифобахши Тоҷикистон”, “Об ин ҳаёт, ободӣ ва созандагист”, “Ҳунари зебо сайқали дилҳост”,“Туризми Тоҷикистонро ба ҷаҳониён муаррифӣ менамоем”, “Тарғибот – омили пешгирии равияи номатлуб миёни ҷомеа”, “Сада – иди миллӣ ва таҷассумгари сунатҳои неки халқӣ” ва “Хониши бадеӣ – омили камолоти маънавию эстетикии насли наврас” бо иштироки намояндагони

мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, шуъбаҳои кор бо занон ва ноболиғон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр, Шурои собиқадорон, ходимони дин ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ ташкил ва бо сифату давра ба давра гузаронида шуда истодаанд. Маъмурияти коллеҷи шаҳр ва донишҷӯён низ дар соатҳои фориғ аз дарс иштирокчии чунин чорабиниҳо маҳсуб меёбанд.

Самти дигари ҳамкорӣ тарбияи эстетикии донишҷӯёни коллеҷ, тавассути баланд бардоштани маърифати эстетикии онҳо мебошад. Дар ин кор чунин шаклҳои фаъолияти тарбиявӣ ба монанди вохӯриҳои кормандони санъат бо муҳассилин таъсири хоса доранд. Дар ин гуна вохӯриҳо ҷаҳонбинии эстетикии донишҷӯён ташаккул меёбад. Онҳо нозукиҳои санъатро бештар дарк мекунанд ва асарҳои санъатро хуб аз худ мекунанд. Дар ин раванд вазифаи вохӯриҳо ва дигар чорабиниҳои маърифативу эстетикӣ аз он иборатанд, ки ба муҳассилин ёрӣ расонида шавад, то ки зебоиҳои санъат, табиати биҳиштосор дарки санъати халқӣ эҳсос карда, ҳаловати эстетикӣ баранд. Иштирокдорони чорабиниҳоро ҳамеша ба ҷанбаҳои эстетикии воқеият ҳавасманд намудан лозим аст, то ки зебоиро дар кадом шакле, ки зуҳур ёбад, ҳис кардаву фаҳмида тавонанд.

Ниҳоят, муҳим он аст, ки донишҷӯён ба эҷодиёти эстетикӣ ҷал карда шаванд, қобилиятҳои бадеиву эҷодии хешро инкишоф бидиҳанд, дар фаъолияти амалии эстетикӣ иштирок кунанд ва дар онҳо кӯшиши зебоиро ба ҳаёти гирду атроф парвариданд, хониши хуб, меҳнат ва хулқу одоби намунавӣ доштан рушд дода шавад. Ба безебӣ ва зуҳуроти ғайриэстетикӣ дар рафтор, намуди зоҳирӣ, шароити зиндагӣ муносибати оштинопазирона дошта, онҳо, инчунин, ба беғоягӣ, бебадеиятии асарҳои санъат бепарво набошанд. Ин вазифа ё худ масъалаи дигари тарбиявӣ мебошад, ки ба ташаккули симои маънавию ахлоқии донишҷӯён таъсир расонида, дар ниҳоди онҳо нишонаҳои зебоӣ такмил медиҳад.

Мебояд таъкид сохт, ки дар асоси таҳлили вазъи воқеӣ фаъолияти коллеҷҳои техникии вилояти Суғд, омӯзиш ва баррасии ҳисоботи

коллеҷҳо доир ба корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ, суҳбат бо намояндагони шуъбаи маорифи шаҳр оид ба корҳои тарбиявӣ, иштироки муҳассилин дар корҳои фарҳангию фароғатӣ мо ба хулосае омадем, ки ҳанӯз дар ин самти тарбиявӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанду захираву имкониятҳои тарбиявӣ хеле зиёданд. Бахусус, таҳқиқоти мо ошкор сохт, ки вазъу имкониятҳои ҳамоҳангсозӣ дар тарбияи эстетикӣ дар шароити коллеҷҳои техникӣ мавриди истифода қарор намегирад. Ин аст, ки баъзе донишҷӯён вақти холӣ ва фароғати худро дар видео-салону марказҳои компютерӣ гузаронида, майл ба шуғлҳои самти фаъолияти зидди иҷтимоӣ-фарҳангӣ доранд, доир ба баланд бардоштани маънавиёти хеш андеша наменамоянд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ба кори тарбиявӣ- эстетикӣ бояд ҳамаи ниҳодҳои шаҳр ва аҳли ҷомеа ҷалб ва фаъолияти онҳо ҳамоҳанг сохта шавад.

Ҳаминро низ бояд зикр кард, ки аз имкониятҳои кори тарбияи эстетикӣ ва корҳои беруназаудиторӣ ва беруназсинфӣ, фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакон ва наврасон низ дар шаҳру ноҳияҳо ҳамаҷониба истифода намудан лозим аст. Шакл, восита ва методҳои инноватсионии корро дар ин муассисаҳо васеъ ҷорӣ кардан ба мақсад мувофик аст.

Ташаккули шуури эстетикӣ дар заминаи арзишҳои миллӣ ва ҷалб намудани донишҷӯён ба фаъолияти эстетикӣ, махсусан, барои муҳассилини соҳаи муҳандисӣ-техникӣ хусусияти худро дорост. «Ин хусусият ба он вобаста аст, ин раванд бо истифода аз омӯзгорони фанҳои ҷомеашиносӣ дар ҳамкорӣ бо устоҳои соҳаи истеҳсолӣ ба роҳ монда мешавад» [114,23]. Ба ин восита донишҷӯён аз арзишҳои эстетикӣ бархурдор мегарданд ва натанҳо дар доираи фарҳанги техникӣ рушд карданашон мумкин аст, инчунин дар ин қишри тарбиятгарон инкишофи сатҳи умумиэстетикӣ ташаккул дода мешавад. Дар сурати ҳамкорӣ накардан онҳо арзишҳои эстетикиро пурра дарк карда натавонанд, ки ин ба рушди ҳамаҷонибаи фарҳангии онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Аз ҷумла, 31 марти соли 2019 дар суханронии хеш, дар ифтитоҳи Қасри фарҳанги ба номи Маъруфхуҷа Баҳодурови ноҳияи ба номи Б. Ғафуров Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои нақши муассисаҳои фарҳанг дар тарбияи эстетикии аҳолии деҳот таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, зикр карданд, ки кохҳои фарҳангиву маърифат дар нигаҳдорӣ, ҳифз ва рушди фарҳанги миллӣ аҳаммияти бағоят калон доранд. Албатта, таъсиси ин гуна муассисаҳои фарҳангӣ ба тарбияи эстетикии донишҷӯён низ кӯмаки калон расонида метавонанд. Аз ин лиҳоз, коллеҷҳо дар ҳамкорӣ бо қасрҳои фарҳанг метавонанд барномаҳои махсус таҳия намуда, доир ба тарбияи эстетикӣ чорабиниҳои мушатарак гузаронанд. Зарур аст, ки маҳфилҳои гуногуни бадеиро таъсис ва фаъолияти якҷояи онҳоро бо муассисаҳои фарҳангӣ ба роҳ монанд; озмунҳои маҳалливу ҷумҳуриявӣ доир намуда, иштироки фаъолонаи муҳассилинро ташкил кунанд; қобилиятҳои эҷодии донишҷӯёнро доир ба намуд ва жанрҳои гуногуни эҷодиёти бадеӣ ва ҳунарҳои мардумӣ инкишоф бидиҳанд.

Яке аз самтҳои ҳамкории коллеҷ ва оила бо муассисаҳои фарҳангӣ истифодаи эҷодиёти бадеии мардумӣ дар кори тарбияи эстетикӣ мебошад.

Қобили махсуси тазаккур аст, ки «масъалаҳои эҳё ва ҳифзи намунаҳои фарҳанги халқӣ ва ҳунарҳои халқӣ» ҳамчун принсипи асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг дар моддаи 5 – уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» (бо тағйиру иловаҳо аз 6-уми декабри соли 2023, №1169) [12] қайд карда шудааст. Вобаста ба ин, фарҳанги халқӣ падидаи муҳими ҷомеа ва яке аз воситаҳои муҳими тарбияи зебоипарастии аҳолии кишвар маҳсуб ёфта, масъалаҳои рушди он дар маркази диққати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои ҷамъиятӣ қарор дорад. Пас аз эълон гардидани солҳои рушди деҳот ва ҳунарҳои мардумӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва маҳаллӣ мақомотҳои иҷрояи маҳаллии ҳокимиятҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддитар медодагӣ шуданд.

Ин нукта ба он асос меёбад, ки фарҳанг, махсусан фарҳанги мардумӣ, чи тавре, ки Д.Латифзода цайд мекунад, «дар ҳама давру замон як воситаи муҳими ва интиқоли таҷрибаи иҷтимоӣ аз як насл ба насли дигар ба шумор рафта, василаи муҳими ташаккули худшиносии милии оммаи васеи мардум, худогоҳӣ ва ташаккули шуури таърихии онҳо мебошад. Ва ҳамзамон, воситаи нигаҳдорӣ ва ҳифзи мероси фарҳангӣ ва воситаи муҳими рушди истеъдодҳо, қобилиятҳои эҷодии аҳолӣ, махсусан, ҷавонон ба шумор меравад» [48, 89-90].

Муттасил интиқол додани арзишҳои моддӣ ва маънавии инсоният ин намунаи эътироф, ҳифз ва инкишофи фарҳанги бисёрҳазорсолаи мардуми тоҷик ба шумор меравад. Тавассути он одамон таҷрибаи гузашта, малакаҳо, роҳҳои тағйироти моддӣ ва маънавии ҷаҳонро меомӯзанд. Ин нишондиҳанда ҳамзамон фишанги пуркудрати инкишофи шуури таърихӣ ва тарбияи худшиносии миллӣ маҳсуб меёбад.

Дар тӯли асрҳо олимон роҳҳои муттаҳид намудани фаъолияти эҷодиро дар нигаҳдорӣ ва рушди арзишҳои моддӣ ва маънавӣ бо идеалҳои инсондӯстӣ (гуманизм) ҷустуҷӯ мекарданд. Баланд шудани сатҳи умумии фарҳангии аҳолӣ ба он вобаста буд, ки заминаи солими маънавӣ ҷиҳати рушди санъат, илм ва техника, эҷодиёт, ҳунарҳои мардумӣ, қувваҳои пуриқтидори маънавӣ ва эҷодии бебаҳо шароити мусоид фароҳам оварда шавад ва барои ин соҳаи муҳим мутахассисон парвариш карда шаванд.

Масъалаи ташаккули шахсияти ҳамаҷониба рушдёбанда, одамоне, ки кордону аз ҷиҳати умумифарҳангӣ тараққикарда мебошанд, ба миён гузошта шуда буд. Бо ин мақсад, истифодаи намунаҳои мухталифи эҷодиёти илмӣ, техникӣ ва бадеӣ, – ҳам касбӣ ва ҳам махсусан, оммавӣ-бадеиро истифода бурдан ва онро дар тарбияи инсони комил истифода бурдан, дар рӯҳияи идеалҳои умумибашарӣ ташаккул додани шахсият фишанги пуркуввате буд.

Дар таҳқиқот исбот шудааст, ки ба маънои васеъ «фарҳанг, мафҳуми татбиқи қуввахои эҷодии инсон, зуҳуроти озодиҳои тавоноӣ ва

қобилияти шахс тавассути инкишофи худогоҳӣ, худшиносӣ, тавсияи нерӯҳои эҷодӣ дар кулли соҳаҳо ва намудҳои фаъолият мувофиқи эҳтиёҷоти ботинии онҳо, ангезаҳои рафторӣ ва қобилиятҳои эҷодии шахс маҳсуб меёбад» [100, 5].

Дар замони соҳибистиқлолӣ барои рушди фарҳанги мардумӣ ҳунарҳои халқӣ ва санъати мардумӣ бояд шароит фароҳам оварда шуда, тадриҷан доираи васеи оммма ба намудҳои мухталифи ҳунар ва эҷодиёт фаро гирифта шавад. Таҷрибаи иштироки ҷавонон дар озмунҳои сатҳҳои гуногун нишон медиҳад, ки дар ҷомеаи соҳибистиқлоли мо оммавияти эҷодиёти бадеии халқ таъмин карда шудааст.

Дар тарбияи эстетикии ҷавонон истифода аз намунаҳои беҳтарини фолклор нақши муҳимро мебозад, зеро фолклор муҳассилинро ба арзишҳои эстетикӣ васеътар ҷалб менамояд. Дар воқеъ, дар адабиёти илмӣ, фолклор ҳам аз ҷониби фарҳангшиносон ва ҳам аз ҷониби фолклоршиносон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Масалан, аз таҳлили асарҳои онҳо маълум мегардад, ки «омӯзиши фолклор хусусиятҳои хоси худро дошта, вобаста ба дигаргуниҳои баамаломада мо бояд аз нигоҳи имрӯза онро арзёбӣ намоем» [69, 24]. Бахусус, илми муосир эҷодиёти шифоҳии халқро, ҳамчун сарчашмаи арзишҳои эстетикӣ (зебоишиносӣ) дониста, муайян намудааст, ки он бо дигар намудҳои эҷодиёти халқ – санъати амалӣ-халқӣ, (ҳунарҳои нафиси дастӣ), рассомӣ, суруд, мусиқӣ, театр (драммаи ҳаҷвӣ), санъати рақс ва ғ. робитаи зич дошта, ба он хусусияти синкретикӣ (ба ҳам пайвастагӣ доштани намудҳои гуногуни санъат) хос мебошад. Чунончи, таҳлили асарҳои илмии фолклоршиносони тоҷик дар солҳои гуногун аз он шаҳодат медиҳад, ки роҳҳои инкишофи анъанаҳои фарҳанги бадеӣ ва намудҳои гуногуни он ба шахс таъсир мерасонанд.

Оре, фолклор ҷузъи таркибии фарҳанги мардумӣ маҳсуб меёбад ва бо зиндагии халқ робитаи зич дошта, дар байни халқ рушд ёфта ва боз ба худи халқ тақдим мегардад. Фолклор - имкон медиҳад, ки ҷавонон дар шаклу усулҳои гуногуни он дар худ фаъолнокии эстетикиро инкишоф

диҳанд ва худ бевосита эҷодкори ҳақиқии арзишҳои фарҳангӣ гарданд [58,26-28]. Илова ба ин, мусиқиро халқ меофарад, композитор онро танҳо такмил медиҳад. «Маҳфилҳои фолклорӣ бошанд, аз назари Р. Амиров, имкон медиҳанд, ки дар ин ё он намуду жанрҳои санъат донишҷӯён қобилият, потенсиали эҷодӣ ва истеъдодашонро ошкор ва онро рушд диҳанд» [14, 11].

Хулоса, таҳқиқот аз он шаҳодат медиҳанд, ки субъекти фарҳанги бадеиро худи халқ ташкил медиҳад, яъне халқ офаридгори он мебошад. Маҳз дар раванди эҷод ва истифодаи намунаҳои беҳтарини мардумӣ фаъолияти эстетикии омма инкишоф ёфта, натиҷаи фаъолияти он боз ба мардум пешкаш карда мешавад.

Ҳамчунин, фарҳанги эстетикӣ дар намудҳои гуногуни фолклори халқҳои мухталиф умумияти зиёде пайдо карда метавонад. Аммо новобаста аз умумиятҳо, ҳар як халқ кӯшиш менамояд, ки хусусиятҳои фарқкунандаи эҷодиёти бадеии мардумии халқашро нигаҳ дорад. Аз ин нуқтаи назар, фолклор дар ташаккули шуури эстетикӣ дар заминаи миллӣ ва худшиносии ҳар як халқ нақши муҳим ва ҳалкунанда мебозад.

Эҷодиёти бадеӣ ва фолклор дар заминаи арзёбӣ намудани чизе хуб рушд ёбад, ҳамзамон малакаи дарк ва танқиди чизи зишт (безебӣ), имкон медиҳад, ки ба ин арзишҳо пайравӣ кардан нашояд.

Бояд зикр кард, ки олимони рус дар соҳаи педагогикаи фарҳанг, Киселева Т.Г., Красилников Ю.Д, «фаъолияти фолклориро яке аз василаҳои таъсис ва рушди навъҳои гуногуни марказҳо ва маконҳо (корхонаҳо, артел ва кооперативҳо) мешуморад, ки дар заминаи маводи маҳаллии анъанаҳои фарҳангӣ ва ҳунарҳои мардумӣ фаъолият менамоянд» [41, 207-208].

Хулоса, фолклор ва намудҳои гуногуни эҷодиёти бадеии халқ, ки рушд додани он вазифаи асосии муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ мебошад, дар системаи тарбияи эстетикии насли наврас дар заминаи миллӣ-этникӣ аҳаммияти калон дошта, дар сурати дуруст истифода бурдани онҳо на танҳо муносибати дурустро ба муҳити зебоипарастӣ,

балки меҳру муҳаббатро ба ватан, модар, маҳал, ба зебогиҳои табиат инкишоф додан мумкин аст. Илова ба ин, фолклор василаи хуби **ҳамкории** муассисаҳои таҳсилотӣ, фарҳангӣ-фароғатӣ ва хонавода низ ба шумор меравад.

Бояд зикр кард, ки ҷиҳати ҳалли вазифаҳои ҳамкории ниҳодҳои тарбиявӣ дар педагогикаи фарҳанг ва тарбияи эстетикӣ воситаҳои мухталиф низ мавриди истифода қарор дода мешаванд: Онҳо чунинанд:

- ташкили маърифати зебоипарастӣ дар ҳамкории муассисаҳои таълимӣ, оила ва муассисаҳои фарҳанг;

- норасоии теъдоди соатҳо аз фанҳои этика ва эстетика, кам ҷалб гардидани волидайн ба фаъолияти эстетикӣ;

- иштироки фаъолонаи омӯзгорон, устоҳои таълимӣ ва волидайн дар шуроҳои педагогӣ ва ҷаласаҳои шуроҳои шуъбаҳои маориф ва бахшҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳо ва дигар тадбирҳо;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ бо муассисаҳои фарҳанг зимни барномаҳои педагогии маҳаллӣ, консепсия ва ва моделҳои ба ҷумҳурӣ мувофиқ. Дар нақшаҳои муштарак ба назар гирифтани вобастагии байниҳамдигарӣ, муайян намудани ҷойгоҳ ва нақши ҳар як ниҳод дар иҷрои ҳатмии вазифаҳои якдигар ғ.;

- тавассути восита, шакл ва методҳои кори тарбиявӣ-эстетикӣ бой гардонидани воситаҳои таъсиррасонии тарбиявӣ дар оила ва коллеҷҳо.

Масъалан, соли 2024 дар намоиши ҳунарҳои мардумӣ, ки ба муносибати ҷашни Наврӯз баргузор гардид, гӯшаи Коллеҷи технологӣ ва инноватсионии дар байни факултетҳои Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент яке аз беҳтаринҳо дониста шуд.

Ба мақсад мувофиқ аст, ки дар кори тарбиявӣ-эстетикӣ шаклҳои фаъоли таълимӣ ва маҷмуии фарҳангию фароғатӣ: оммавӣ, гурӯҳӣ, инфиродӣ самаранок истифода ва мазмуни онҳо ғанӣ гардонида шаванд. Инчунин беҳтар мебуд, ки агар манфиатҳои тарафайн риоя карда шаваду ҷойгоҳи ҳар як ниҳод дар низом мушахассан муайян ва

тақсим карда шавад. Шуроҳои доимоамалкунандаи ҳамоҳангсоз таъсис, шаклҳои муштараки тарбиявӣ ва фарҳангию фароғатӣ, ки раванди ҳамгироиро таъмин мекунанд, масъулияти байниҳамдигариро боло мебардоранд, мавриди истифода қарор дода шаванд.

Чунончи, мо фаъолияти якҷояи муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангро дар шароити мегаполиси шаҳрҳои хурд, дар мисоли ш. Панҷакент ба тариқи зайл ташкил карда метавонем. Коллеҷ барои донишҷӯён ба воситаи омӯзондани фанҳои этика ва эстетика дониши зебоипарастӣ ва асосҳои қонунҳои зебоипарастиро меомӯзонад. Онҳоро бо олами зебоӣ ошно месозад. Моҳияти санъат ва намудҳои гуногуни онро мефаҳмонад. Зарурияти омӯзиш ва нақши онҳоро барои ҳаёти инсон муайян месозад. Аммо муассисаҳои фарҳанг бошанд, махсусан, театри шаҳр ба муҳассилин намоишнома ва консертҳои гуногун пешкаш менамоянд. Инчунин, қасри фарҳанги шаҳр бошад ҷавононро ба маҳфилҳои мухталифи бадеӣ ҷалб намуда, малакаву маҳорати дар соҳаи санъат доштаашонро дарёфт ва инкишоф медиҳад. Китобхона ва хонаҳои фарҳанг силсилаи вохӯриҳоро бо шоирону нависандагон, ҳунармандон, мунаққидон ташкил намуда, имкон медиҳад, ки асарҳои адабиёт ва санъат арзёбӣ гардида, ҳамзамон, ба онҳо баҳои дуруст дода шавад.

Ниҳоят, аз осорхона муҳассилин бо таърихи маҳалли хеш, фарҳанги он, давраҳои рушд ва аҳаммияти он барои замони ҳозира ошноӣ пайдо мекунанд. Яъне онҳо метавонанд, донишҳои илмиву фарҳангии андӯхтаи хешро ғанӣ ва бой гардонанд.

Ҳамин тариқ, дар маҷмуъ, имкон пайдо мегардад, ки дар байни ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ-педагогӣ ва иҷтимоӣ - фарҳангӣ дар шаҳрҳои хурд ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ тибқи нақшаҳои мушаххас оид ба тарбияи эстетикӣ таҳия ва амалӣ карда шавад, ки яке шартҳои муҳими педагогии мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги эстетикии муҳассилин гардад.

Муассисаҳои таълиму фарҳанг бидуни назорати иҷтимоӣ аз болои оила, авлод ва ё манотиқи зисти ҳунармандон наврасону ҷавононро ба

кори омӯзишу эҳё, рушд ва баҳрабардории маънавӣ аз ҳунарҳои мардумӣ ҷалб карда наметавонанд. Барои ҳалли ин масъала бояд роҳу усулҳои дастрастарини ҳамкорӣ, аз қабили иттиҳодия ва маҳфили ҳунармандӣ, воҳӯриҳо бо ҳунармандони халқӣ, ташкили осорхонаҳои санъати амалии халқӣ, ташкили экспедитсияҳои этнографӣ, омӯзишу ҷустуҷӯйиҳо, созмондиҳии маҳфилҳои фолклорӣ-этнографӣ, баргузории озмуну азназаргузарониҳо, фестивалҳои ҳунармандону эҷодкорон дар шаҳру ноҳияҳо ва ҷумҳурӣ, ҳисси зебоипарастии ҷавононро беҳтару хубтар менамояд, ҳаёти ҷомеаро ғанӣ мегардонад.

Таҳқиқоти мо, бо истифода аз усулҳои мухталифи он, нишон доданд, ки ҳамкории функсионалӣ ва баҳамтаъссисаҳои муассисаҳои таълимӣ, оила ва муассисаҳои фарҳанг метавонад муҳити воқеии фарҳангию ҳунариро созмон диҳанд ва ин усул имконияти васеи ташаккули раванди беҳдошти тақвияти эҷодиёти бадеии халқ ва ҳунарҳои мардумиро фароҳам сохта, бо ин васила кори ниҳодҳои тарбиявиро ҷоннок мегардонад, рушди фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангиро таҳким мебахшад, гуногунрангии ҳаёти маънавии ҷавононро таъмин месозад.

Таҳқиқот дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангии шаҳри аз ҷиҳати аҳолӣ камшумор (Панҷакент) чун пойгоҳ дар мадди назар аст ва омӯзиши имкониятҳои ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангии дигари шаҳр дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии муҳассилин моро ба чунин хулосаҳо овард:

- ҳамкорӣ ҷиҳати иҷрои максадхои кори якҷоя, интегратсияи захираҳои иҷтимоӣ-тарбиявӣ;

- муайян намудани вазифаҳои тарбиявӣ-эстетикии ҳар як ташкилот ва муассиса танҳо он вақт самаранок мегардад, ки агар шаклҳои гуногуни тарбиявии ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа дар заминаи фаъолияти якҷояи кормандони маориф ва фарҳанг истифода бурда шаванд;

- ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор байни муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг (нақша ва барномаҳои муштараки фаъолият, шуроҳои якҷояи муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг, ҳамкории шуроҳои педагогӣ бо шурои бадеии муассиаҳои фарҳанг ва дигар тадбирҳо) омода гарданд;

- дар ташкили хизматгузориҳои таҳсилотӣ, фарҳангӣ ва манфиатҳои кори ду муассисаҳо бо ҳам мувофиқат кунанд.

Таҳлили ҳуҷҷатҳои пойгоҳи таҳқиқотӣ нишон дод, ки кори тарбиявӣ-эстетикӣ бо ҷалби аҳли ҷамоатчигӣ, хонавода, муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангие, ки дар шаҳрҳои хурди минтақа мавҷуданд, бояд ташкил шавад. Ниҳоят, тавассути усулҳои гуногуни таҳқиқотӣ эҳтиёҷоти омӯзиши вазъи маънавии донишҷӯён бояд ба инобат гирифта шуда, мувофиқи дархости онҳо барнома ва репертуари театру муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ, нақшаҳои корӣ, репертуари педагогӣ ва бадеии муассисаҳои фарҳанг ва санъат, фонди (хазинаи) китобхонаҳои оммавии ва мактабии ноҳия таҳия ва дастрас карда шаванд. Албатта, дар тарбияи эстетикӣ истифодаи самараноки шакл ва методҳои инноватсионӣ ва анъанавӣ он низ хеле кори тарбиявиро баланд мебардорад. Чунки муносибати маҷмӯӣ (комплексӣ), пайдарҳамӣ ва низомнокӣ дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён, истифода фаъолияти якҷояи ниҳодҳои ба кори тарбияи эстетикӣ масъул, имконияти аз ҷиҳати принсип ва аз ҷиҳати услубӣ дуруст ба роҳ мондани фаъолият мегардад.

Баин муносибат зарур аст, ки дар корҳои тарбиявии коллеҷ зебоӣ бояд ёвари асосӣ ба шумор рафта, хоҳиши эҷодкориро бедор созад. Он бояд тамоми соҳаи фаъолияти коллеҷро фаро бигирад: зебоии бинои таълимӣ, зебоии шахсияти омӯзгор, донишҷӯ ва муҳити эстетикии бавуҷудовардашударо.

Зарур аст, ки чорабиниҳо оид ба тарбияи эстетикӣ набояд эпизодӣ (номунтазам), балки тибқи низоми муайян ташкил ва баргузор карда шаванд. Ин амал имкон медиҳад, то ки донишҷӯён пайваста ба фаъолияти бадеиву эҷодӣ ҷалб карда шаванд. Маҳз, дар чунин вазъият

тавассути қобилияти бадеии худ инсон дар раванди фаъолияти эҷодӣ зебоиро ба вуҷуд меорад.

Аз шаклу воситаҳои фарҳангию маърифатӣ «оид ба тарбияи эстетикӣ – адабиёт, мусиқӣ, рақс, театр, кино, санъати тасвирӣ, ҳунарҳои бадеии халқ ва дигар воситаҳои бадеӣ самаранoктар истифода бурдан, низ корҳои тарбиявиро, бешубҳа, беҳтар менамояд» [83, 68].

Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки барномаи педагогии тарбияи эстетикии муҳассилини шаҳр лар заминаи баҳисобгирии муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ коллеҷҳои техникӣ ва оила, ҳамкории мутақобилаи онҳо таъсис дода шавад.

Зарур аст, ки таҷрибаи мусбати хонавода, анъанаҳои миллии пешрафта, донишҳо оид ба эстетика ба шакли муайян даровардашуда дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ истифода бурда шаванду ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар ягонагии зичи ҳамаи дигар унсурҳои фаъолияти тарбиявии коллеҷ (ватанпарастӣ, меҳнатӣ, ҳуқуқӣ, худшиносии миллӣ, экологӣ ва ғ.) ва ҳамгироии муассисаҳои таълимиву фарҳанг ба роҳ монда шавад. Зикр кардан ба маврид аст, ки дар ин самти фаъолият хусусиятҳои муассисаҳои таълимиву фарҳанг, мухторияти онҳо риоя шуда, истифодаи шаклҳои инноватсионии кор дар ҳамкорӣ роҳандозӣ карда шаванд.

Ба ҳамин тариқ, ҳамкории функсионалӣ, чи тавре омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи корҳои тарбиявӣ-зебоипарастӣ нишон медиҳад, ки ҳамкорӣ дар сурати дуруст ба роҳ мондани фаъолияти якҷоя ва муштараки муассисаҳои таълимӣ, оила ва ташкилотҳои фарҳангӣ, тақсимоти дуруст ва хусусияти функсияҳои онҳо, асоснок ва дурусти вазифаҳои ҳар як ниҳод, тибқи таҳияи нақшаи ягона барои шаҳр ва ё ноҳия боис мегардад, ки бисёр масъалаҳо ва мушкилоти корҳои ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён, дар ин ё он минтақа дар заминаи дурусти илмиву методӣ ташкил шуда, мушкилоти он роҳи ҳалли худро ёбанд ва боиси такмили кори тарбиявӣ-эстетикӣ гардад.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки «самаранокии институтҳои иҷтимоӣ ба амиқ тақсим кардани нақшҳо ва дуруст кор кардани механизме, ки иҷрои лозимии онҳоро муайян мекунад, вобаста аст» [102,206]. Ин амал танҳо тавассути корҳои озмоишии педагогӣ ҳалли худро меёбад. Аммо, дар зинаи ҷустуҷӯйӣ-таҳқиқотӣ ошкор гардид, ки дар кори ҳамгироии муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг ҳоло низ мушкилоти зиёде мавҷуданд.

2.2. Роҳҳои мукаммалгардонии ҳамкории мутақобилаи педагогии коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар рушди эстетикии донишҷӯён

Дигаргун шудани шароитҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва таҳқиқоти ҷустӯҷӯйи мо дар мамлакат имкон дод, ки мо баъзе аз номувофиқатии иҷтимоӣ-фарҳангиро дар ҷомеаи имрӯза муайян намоем. Дар байни онҳо чунин номувофиқатиҳоро номбар кардан мумкин аст:

- номувофиқатии байни зарурият дар интегратсияи ҷидду ҷаҳди ниҳодҳо ба монанди, оила, муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои фарҳанг барои муҳайё намудани шароит баҳри дар амал тадбиқ кардани тачрибаи пешқадам ва муттасили мусбии ҷамъиятӣ; аз ҷиҳати амалӣ омода набудани ниҳодҳои иҷтимоӣ оид ба тарбияи эстетикӣ ва рушди комили шахсияти насли наврас;

- номувофиқатии байни хизматгузориҳои таҳсилотиву фарҳангӣ ва касодии воситаҳои таъсиррасонии ғоявӣ-ҳиссӣ, ки ба худинкишофдиҳӣ монеъа эҷод мекунанд;

- зарурияти тараққӣ додани болоравии - номувофиқатии байни заминаҳои моддӣ-техникии соҳаи тарбиявӣ-эстетикии коллеҷ, ва дигар институтҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва талаби амалӣ нагаштани он дар коллеҷ ва муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, коста будани сатҳи истифодаи онҳо дар кори тарбиявӣ мебошад.

Чуноне ки таҳқиқоти мо нишон медиҳанд, роҳи ҳалли ин номувофиқатиҳо, дигаргунсозии муҳити зебоипарастӣ ва ҳамкории

мутақобилаи ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ мебошад, ки донишҷӯро фаро гирифтааст. Дар ин муҳим субъектҳои асосӣ фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, аз он ҷумла, ҳамгироии фаъоли муассисаҳои таҳсилотӣ, фарҳанг ва хонавода мебошанд, ки ба рушди шахсият ва ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён мусоидат менамоянд.

Аз рӯйи натиҷаи таҳқиқоти олимони соҳаи сотсиология ва педагогика ва аз рафти корҳои тарбиявӣ-озмоишӣ ошкор гардид, ки таъсири функсионалии ҳамкории тарбиявӣ дар робита бо омӯзгорон, устоҳои таълимӣ-истеҳсолӣ, ташкилотчиёни корҳои фаъолияти фарҳангӣ-маърифатии коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг, омӯзгор бо волидайн, маъмурияти муассисаҳои таълимӣ ва ниҳодҳои фарҳангӣ системанок ё номунтазам зуҳур ёфтаанд, ки ба рафтор, фаъолият, муносибат, ниҳоят, нишондодҳо бетаъсир наемонанд.

Дар ин ҷода, албатта, телевизион, тавассути барномаҳои ҷолиби худ қисме аз вазифаҳои тарбияи эстетикиро ҳал менамоянд. Қисми зиёди вақти холии ҷавононро синамо ташкил медиҳад, ки онҳоро аз шоҳасарҳои ватанию ҷаҳонӣ бархурдор месозад. Театр, филармония, муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ, мактабҳои мусиқӣ, бадеӣ ва санъат, намоишгоҳҳо низ муҳассилинро ба фаъолияти эстетикӣ ҷалб менамояд ва ғ.

Бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Озмунҳои ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» «Илм – фурӯғи маърифат» ва «Фуруғи субҳи доноӣ китоб аст», таҷлил гардида истодааст ва чи тавре ки таҷрибаи кори тарбиявӣ нишон медиҳад, онҳо имкон доданд, ки қисми зиёди ҷавонон ба китоб, шеърхонӣ, фарҳанги бадеӣ, ҷалб гарданд, аз арзишҳои волои эстетикӣ бархурдор шаванд. Теъдоди шеърҳои азёдкардаи баъзе аз иштирокчиёни озмунҳо то ба 300 ғазал ва садҳо рубоӣ, хондани садҳо асарҳои классикон расида буд. Ин ҳама тадбирҳои муштараки ҳамкории мақомоти марбут нисбат ба низоми тарбияи эстетикӣ ба шумор мераванд.

Дар шароити ҳозира фаъолияти якҷояи кори муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг дар тарбияи эстетикии насли наврас ва умуман, аҳолии кишвар афзуда истодааст. Нақшаҳои кории муштараки вазоратҳои маориф ва илму фарҳанг бобати ҷалби донишҷӯён ба намоишҳои театрӣ ва кино имкон доданд, ки ҳазорҳо ҷавонон ба спектакл, намоишномаҳои нави консертӣ ва намоишҳои театришуда фаъолона иштирок намоянд. Ин амалҳо барои ташаккули завқи бадеии муҳассилин таъсири хеле калон расонида истодаанд.

Аммо, ба ғайр аз шаклҳои муташаккили тарбиявӣ-эстетикӣ муҳассилин баъзан тавассути таъсиррасонии стихиявӣ, идоранашавандаи таъсиррасонӣ тобеъ мешавнд, ки ба рушд ва тарбияи онҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Ҷиҳати ҳалли ин масъалаҳо, омӯзиши таҷрибаи таъсири мутақобилаи педагогӣ ва ҳамкории муассисаҳои таълимӣ, махсусан, коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳангӣ - фароғатӣ, истифодаи зарурият ва имконияти онҳо дар тарбияи маънавию эстетикӣ кӯмаки зиёд расонида метавонанд.

Дар фаъолияти амалӣ як нуктаи муҳим – ҳамкории фаъолияти ниҳодҳои иҷтимоии ҷомеа на ҳама вақт пурра ба эътибор гирифта ва дар кори тарбияи эстетикӣ мавриди истифода қарор дода мешавад. Ҳоло он ки, ба ақидаи сотсиологи тоҷик Ш.Шоисматуллоев тавассути институтҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ «дар ин раванд масъалаҳои интегратсионӣ, ҳамкорӣ, аз кори якдигар вобастагӣ доштан ва масъулияти байниҳамдигарии аъзоёни дигари гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоянд» [102,207-208], барои ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг хеле муҳим аст.

Хуллас, ҳамаи ниҳодҳо муносибати эстетикии ҷавононро метавонанд, ба воқеият ва санъат ташаккул диҳанд. Ин амал аз он вобаста аст, ки ҳамкорӣ намудани нерӯҳои илмиву эҷодӣ ҷиҳати иҷрои кори якҷоя, сафарбарии қувваҳои муштарак ва истифодаи захираҳои хеш баҳри расидан ба ҳадафҳои гузошташуда талаботи зарурӣ ва ҳадафи ҳамкории зичи ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ-педагогӣ ва фарҳангӣ

таъмин карда шавад. Таъсири ҳамкории мутақобилаи педагогӣ аз рӯйи ақидаи яке аз асосгузорони педагогикаи фарҳангшиносӣ, профессор М.А. Ариарский чунин тавсиф карда мешавад:

- «нақшагирӣ ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, чун натиҷаи дарккардашуда ва банақшагирифташудаи тарбиявӣ мебошад, на миқдори чорабиниҳои гузаронидашуда» [17,56];

- «таъмини ҳамоҳансозӣ дар фаъолияти муассисаҳои маърифатӣ ва клубӣ (мактаб, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, қаср, хонаҳои фарҳанг марказҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, нигористон, гулгаштҳо, хонаҳои синамо ғ.)» [17,56], ки ба кори тарбиявӣ-эстетикиро тавсеа мебахшад;

- «усули давомоти таъсири тарбиявии коллективи меҳнатӣ, оила, мактаб, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва ташкилу баргузории оқилонаи вақти холии ҷавононро дар таҷриба ҷорӣ намудан» [17,56] ;

- «бо мақсади ҳавасмандгардонии рушди эҷодии тарбиятгарон дар асоси баҳисобгирӣ ва иртиботи мутақобила чун омили объективӣ (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, техникӣ) ва субъективӣ таъсиррасонӣ ба шахсият тавассути низоми банақшагирӣ зарурат пайдо мекунад» [17,57] ;

- «омезиши амиқи шаклҳои умумӣ (оммавӣ), гурӯҳӣ ва инфиродӣ (махсусан, ин шакли кори тарбиявӣ-эстетикӣ дар фаъолияти тарбияи мусиқии муҳассилин афзалият дорад) мукаммал гардонидани шаклгирии онҳо вобаста ба тарбияи эстетикии хонандагон» [17,57];

- «такя намудан бобати истифодаи васеи анъанаҳои миллӣ-фарҳангӣ, аз ҷумла, ҷашнҳо ва расму ойинҳои халқӣ - эҷодиёти амалию-ороишӣ, ҳаваскорӣ, машғулиятҳои мусиқӣ ва шаклҳои дигари фаъолияти таълимӣ-тарбиявии хонандагон» [17,57].

Вобаста ба ин мо нуктаи назари методологии олимони Федератсияи Россия, махсусан Б.Т.Лихачевро ба назар гирифта, дар вақти ҷамъбаст намудани давраи муқарраркунанда (ҷустуҷӯйӣ-таҳқиқотӣ) ба хулосае омадем, ки мазмуни фаъолияти якҷояи муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангию фароғатиро оид ба тарбияи эстетикӣ дар ин ё он даврaҳои рушди он, ки «муайян кардани дараҷаи рафти инкишофи эстетикии ҳар

як кӯдак ба он ноил мегардад» [52,4], ташкил медиҳад. Илова ба ин, инкишофи ҳаматарафа ва комили шахсиятро махсусияти ҳар як ниҳоди иҷтимоӣ, ки ба ин низом ворид гардидааст, муқаррар менамояд. Инчунин, дар таҳқиқт оид ба тарбияи эстетикӣ таваҷҷуҳи махсус ба таҳқиқоти маҷмуӣ (комплексӣ), интегративӣ оид ба мушкилоти тарбияи эстетикии ҷавонон дода шуда буд, ки дар пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии проблемаҳои умумии тарбия ва тарбияи бадеии Академияи илмҳои педагогии собиқ Иттиҳоди шуравӣ, Институти илмӣ-таҳқиқотии санъатшиносии назди Вазорати фарҳанги собиқ Иттиҳоди шӯравӣ, Академияи илмҳои собиқ Иттиҳоди шуравӣ, лабораторияи тарбияи коммунистии Донишгоҳи давлатии фарҳанги Маскав, олимони Донишкадаи давлатии фарҳанги ш.Санкт Петербург ва дигар коллективҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба иҷро расонида мешуданд.

Дар рафти таҳқиқот, инчунин, хулосаҳои як қатор мутахассисони соҳаи назарияи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ мавриди истифода қарор дода шуда буданд, ки масъалаҳои тарбияи эстетиктиро баррасӣ кардаанд, масалан: (М.А.Ариарский, Т.И. Бакланова, М.И Баскин, И.И. Беспалько, И.Н.Ерошенков, Д.Латифзода, М.Лутфуллоев, В.А.Разумний Е.В.Триодин, Ю.Д.Красилников, В.Ф.Чабанный ва диг.).

Ҳамчунин, озмоиши ҷустуҷӯӣ - таҳқиқотии мо имкон дод, ки вазъи воқеии фаъолияти якҷоя ва ҳамгиройии муассисаҳои таълимӣ, фарҳанг ва ҷомеа дар тарбияи эстетикии ҷавонон муайян карда шавад.

Масъалаҳои ташаккули фарҳанги эстетикии насли наврас аз оила оғоз мегардад. Аз ин лиҳоз дигаргуниҳои баамаломада дар муносибатҳои оилавӣ, ҳамчун сохтори иҷтимоӣ, талаб менамояд, ки вазифаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии он тавсеа бахшида шаванд. Ин вазифа, вазифаи саривақтии иҷтимоии дар замони кунунӣ мебошад. Масъалан, дар замони шуравӣ дар Иттиҳоди Давлатҳои Шуравии Сотсиалистӣ Барномаи махсуси тарбияи эстетикии аҳолӣ таҳия ва тасвиб расонида шуда буд, ки кулли проблемаҳои тарғиб, азхудкунӣ ва ба фаъолияти эстетикӣ ҷалб намудани меҳнаткашонро ҳал карда буд. Барнома тамоми

қишрҳои ҷомеа, аз он ҷумла, оилаҳо низ фаро гирифта шуда буданд. Яъне ҷанбаҳои педагогӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии кори тарбияи эстетикӣ қисман ҳалли худро ёфта буданд.

Ин ҳолат бештар ба баланд гардидан ва такмил ёфтани мундариҷаи тарбияи эстетикӣ, афзудани зарурияти ҳамкории байниҳамдигарии муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг дар тарбияи дурусти кӯдакон ва ҷавонон оид ба эстетикунонии ҳаёт мусоидат карда буд. Дар шароити ҳозира дар ҷодаи ҳамкории функсионалӣ, натиҷаи таҳқиқот маълум намудаанд, баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд. Чунончи:

- дар кори тарбияи эстетикӣ ва ҷараёни фаъолияти якҷоя ва муштараки муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг ҷой доштани костагӣ, номунтазамии кор, суст будани робитаҳои омӯзгорон, устоҳои таълилмӣ - истеҳсолӣ;

- дар кори таълимӣ-тарбиявии таълимгоҳҳо ва муассисаҳои фарҳанг, оила, ва дигар ташкилоту муассисаҳои тарбиявӣ, коҳиш ёфтани ҳамкории фаъолияти маъмурияти муассисаҳои таълимӣ ва робитаҳои тарафайи он, бо кормандони соҳаи фарҳанг;

- беэътиноии баъзе ниҳодҳои тарбиявии ҷомеа, бахуссус омӯзгорон, устоҳои таълимӣ - истеҳсолии коллеҷ ба клуб, хонаҳо, қасрҳои фарҳанг ва театри шаҳр, ки аз рӯйи вазифаҳо фаъолияти эстетикӣ мебаранд ва дигар норасоиҳо.

Вазъияти ба амал омада дар кори тарбияи эстетикӣ ва ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ бидуни ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ фаъолият кардан, дар ин раванд суст гардидани кори муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг, костагии фароғати мадании донишҷӯён ва эстетизатсияи таҳсилот таъсири манфӣ расонидааст.

Бино бар ин, вазъияти баамаломада тақозо дорад, ки дар кори тарбияи эстетикӣ ва умуман, рушди ҳамаҷониба ва комили шахсияти донишҷӯ, ҳамкории коллеҷҳо бо муассисаҳои фарҳанг, инчунин, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, бахши ҷавонон ва занони шаҳри Панҷакент пурзӯр ва фаъолияти онҳо ҳамоҳанг сохта шуда, кор дар ин самт ҷоннок

ва самаракноктар карда шавад. Восита, шакл ва усулҳои ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ мукаммалтар гардонида шаванд.

Ин нуктаҳо аз сиёсати маорифпарварона ва фарҳангофарандаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар назди зиёиён ва аҳли маорифи кишвар, ки пайваста «масъалаҳои робитаи мактаб, оила ва аҳли ҷомеаро зикр мекунанд ва онро яке аз омилҳои беҳтар намудани сифати таҳсилот ва баланд бардоштани сатҳи донишу маърифати муҳассилин меҳисобанд» [80,34], бар меоянд.

Бесабаб нест, ки зимни суханронии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ дар назди ходимони дин ва фаъолони ҷомеа (9 марти соли 2024) чунин таъкид намуданд: «Ба кулли мардуми Тоҷикистон мегӯям: вақте, ки мову шумо фарзандро ба дунё меорем, яке аз вазифаҳои муқаддаси падару модар тарбия кардани фарзанд аст» [80, 34].

Аз ин бар меояд, ки фаъолиятро дар заминаи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва анъанаҳои бадеии маҳал роҳандозӣ намуда, зарурияти ташаккули онҳо дар ниҳоди насли наврас вазифаи муҳими давлат ва ҳукумат маҳсуб меёбад.

Ҳамчунин, зимни вохӯриҳои дигар Сарвари давлат оид ба роҳҳои баланд бардоштани сатҳ ва сифати таълиму тарбияро қайд карда, ба масъалаи ҳамкории мактаб, падару модар ва аҳли ҷомеа, ҷалби онҳо ба таълимгоҳҳо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудаанд. Зеро фарзанди хуб таълимгирифта ва тарбияёфта идомаи ҳаёти волидайн, идомаи насли солими ҷомеа аст.

Тарбияи эстетикии насли наврас аз оила манша мегирад. Оила, ҳамчун ячейкаи муҳими давлат ва ҷомеа, дар ташаккули шахсияти кӯдак хусусиятҳои хосро доро мебошад.

Дар адабиёти илмӣ ва таълимӣ функсияҳои фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангии оила тариқи зайл муайян карда шудаанд, ки дар ин замина муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг ҳамкорӣ карда метавонанд:

- аз овони кӯдакӣ ӯро ба арзишҳои эстетикӣ ҷалб кардан;

- аз ҷиҳати иқтисодӣ ва молиявӣ таҳсилот ва таълиму тарбияи ӯро таъмин намудан;

- ба фароғати муташаккилонаи кӯдак мусоидат намуда, барои вақтхушии (рекреатсия)-и ӯ шароити мусоид фароҳам овардан;

- дар ҳамкорӣ бо волидай ба муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ рафта аз намоишномаҳо ва консертҳо лазатти эстетикӣ гирифтан;

- бо мусоидати падару модар дар маҳфилҳои гуногуни эҷодӣ дар муассисаи таълимӣ ва фарҳангии ноҳия ва ё шаҳр фаъолона иштирок намудан;

- бо истифода аз намуду жанрҳои мухталифи эҷодиёти мардумӣ дар тарбияи зебоипарастӣ (эстетикӣ), таҳсилоти бадеӣ дар ҳамаи зинаҳои таълиму тарбия, фаъолияти омӯзгорӣ дар ин соҳа сатҳу сифати фарҳанги мардумиро боло бардошта, онро дарстраси ҳамагон гардонад.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки вазифаи муҳимтарини оила дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои дигари ҷомеа ба пойдевори оила, иҷтимоикунонии (тарбияи) кӯдак, аз он ҷумла, ташаккулдиҳии маърифати эстетикии ӯ мусоидат намудан аст.

Вазъияти имрӯза ба муносибатҳои оилавӣ ба тағйиротҳои куллӣ ворид сохтааст. Аммо новобаста аз ин, баъзе муносибатҳои оилавӣ дар қисман оилаҳо мураккабтар гардида, онҳо садди роҳи ба мактаб рафтани фарзандон мегарданд. Фарзандонро ғайр аз иштирок ба дарсҳои мактаб, аз машғулиятҳои фаъоли фарҳангию фароғатӣ маҳрум месозанд. Сабаби асосӣ дар он мебошад, ки имрӯз мавқеи анъанавии волидон тағйир ёфта, баъзе аз онҳо тарбияи эстетикии кӯдаконро маҳдуд мекунанд. Ҳоло он, ки аз нигоҳи академик М.Лутфуллоев «идеали эстетикӣ дар педагогикаи халқи тоҷик инъикос ёфтааст» [54,118-121]»

Зарур аст, ки «оиларо ҳамчун объекти таъсиррасони кори иҷтимоӣ-фарҳангӣ, системаи мураккаби иҷтимоӣ ва субъекти фаъолияти фарҳангӣ қабул карда истода, чунин қисмҳои таркибии оила набояд аз мадди назар дур монанд: таркиб, муҳити оила, ҳаракат кардан ва таърихи инкишоф, ҷалбшави ба фаъолияти фарҳангӣ» [144,11].

Аҳли соҳаро маълум аст, ки дар системаи тарбияи эстетикӣ мавҷуд набудани ҳамкориҳои судманд ва самараноки нерӯҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, сатҳи пасти маърифати эстетикӣ, донишҳо оид ба зебоипарастӣ, фарҳанги бадеӣ, механизмҳои азхудкунии арзишҳои эстетикӣ, ташкил намудани маҳфилҳои эҷодӣ-бадеӣ, фарҳанги муносибатҳои оилавӣ, шакл ва методҳои корҳои махсуси тарбиявӣ-эстетикӣ оянда ба костагӣ ва норасоиҳои зиёде оварда мерасонанд.

Яке аз педагогҳои барҷаста, олими намоён В.А. Сухомлинский масъалҳои тарбиявиро баррасӣ намуда, оид ба мушкилоти тарбия андешаронӣ карда, ба падару модар чунин таъкид доштанд: «Агар шумо орзу дошта бошед, ки баъд аз худ нишона гузоред, нависанда ва олими машҳур будан шарт нест. Шумо метавонед, бо тарбияи фарзандони хуб номи некатонро дар ҷамъият абадӣ гузоред» [95,129].

Оила чун яке аз зерсохторҳои ҷомеа ва ниҳоди тарбияӣ-эстетикӣ дар ҷалби кӯдак ба арзишҳои эстетикӣ ва рушди эҷодии ӯ саҳми арзанда мегузорад ва ба ин ниҳоди ҷомеа ҳамеша аҳаммияти калон дода мешавад.

Авҷ гирифтани таъсири гурӯҳҳо, ҳарактҳо ва ҷараёнҳои ифротгароӣ, вуҷуд доштани хуруфот дар баъзе оилаҳо ва умуман ҷомеа, аҳаммияти корҳои тарбиявӣ - эстетикиро дар кишвар дучанд гардонидааст. Таҳия ва қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи фарҳанг», Кодекси оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», «Дар бораи мақоми омӯзгор», ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ вазифа ва ӯҳдадориҳои тарбиявии омӯзгор, муассисаҳои таҳсилотӣ, фарҳанг ва волидонро боз ҳам муҳим ва мушаххастар намудааст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» «ҳамоҳанг намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомотҳои худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ташкилотҳои дигари дахлдор дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» [11] махсусан қайд карда шудааст. Ин нукта ҷойгоҳи мақомотҳои

давлатӣ, нақши онҳоро дар корҳои тарбияи эстетикии кӯдакон, дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ, пос ва эҳтиром доштани мероси таърихиву фарҳангӣ тарбия кардани онҳоро пурзӯр менамояд. Дар «Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ" низ ҳамин маънӣ: «саҳм, масъулият ва фаъолияти вазоратҳои маориф, фарҳанг, тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттифоқҳои эҷодиро дар тарбияи мардум, аз ҷумла насли наврас, баланд мебардорад ва **ҳамоҳанг месозад**» [8,6], чун нуктаи бунёдӣ таъкид шудааст.

Пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи аз нав эҳёи ва бунёди арзишҳои миллии эстетикӣ оғоз гардида, анъанаҳои бадеии зиёди қадима дар ҳаёти имрӯза тобиши тоза гирифта дар корҳои тарбияи эстетикӣ васеъ истифода бурда шуда истодаанд. Дар ин самт ба эҷодиёти бадеӣ, ҳифз ва нигаҳдории он низ муносибат куллан дигар гардида, доир ба ин масъалаҳо таҳқиқоти нотакрор ва аҳаммияти илмиву амалӣ дошта ба сомон расонида шудаанд.

Яке аз онҳо таҳқиқот оид ба фарҳанги миллӣ ва эҷодиёти бадеии халқ дар оила мебошанд.

Имрӯз таҷрибаи муассиаҳои таълимӣ ва фарҳанг нишон медиҳад, ки самаранокии тарбияи эстетикӣ на танҳо ба омодагии касбии омӯзгорон вобаста аст, балки ба ҳамкории фаъоли муассисаи таълимӣ бо оила низ вобастагӣ дорад, зеро кӯдак маҳз дар оила дарки арзишҳои эстетикӣ, муносибати эстетикӣ ба муҳити атрофро меомӯзад. Таҳқиқоти олимони соҳаи педагогикаи ватанӣ ва хориҷ (Р.Амиров, Л.С.Выготский, А.Н.,Леонтьев, Н.Ф.Талызина, Н.Ҳалимов ва диг.) нишон медиҳанд, ки ҳамкории оила ва муассисаҳои таълимӣ ба фаҳмиши амиқтари донишҳо, рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва ташаккули мотиватсияи мусбат ба таҳсил ва азхудкунии арзишҳои фарҳангӣ мусоидат мекунад.

Оила – мустақилияти бештар ва худтаъминкуниро бадастоварда, барои интихоби модели тарбияи эстетикии хонанда саъю кушиш намуда, системаи муқарраршудаи идоракунии ҷараёни тарбиявии оила аз тарафи муассисаҳои таълимӣ баробар мешавад.

Масъалан, барои ба таълими мусиқӣ хонандагонро фаро гирифтан, ба омӯзондани созҳои мусиқӣ, хондани суруд, иҷрои рақс, омода кардани саҳнача, ба мавзуъ, мафҳум ва мазмуни онҳо бояд аҳаммияти калон дода шавад. Оид ба намуд ва жанрҳои санъат, тарзҳои азхудкунии суруду оҳангҳо, рақс, санъати тасвирӣ маълумот дода, онҳоро бояд омӯзонд, ки ҳангоми дарки санъат, тамошои мусаввараҳо, шунидану иҷро намудани мусиқӣ ва ҳаракатҳои рақсӣ онҳо раванди завқи эстетикиро ҳолатҳои ҳиссӣ-образнокиро азсар гузаронанд. Таҳқиқот нишон медиҳад дар азхудкунии фарҳанги эстетикӣ истифодаи маҷмӯи намудҳои санъат нақши бузург дорад. Он таъсиррасони маҷмуии ғоявую ҳиссӣ мерасонад.

Аз нигоҳи олимони соҳа «фанни педагогика тарбияи мусиқӣ-эстетикиро ҳамчун раванди қобилиятҳои эҷодӣ ва ҳассосияти эмотсионалии кӯдак ташаккул медиҳад» [72,101]. Тавассути мусоидати педагогии оила дар марҳилаҳои ба арзишҳои эстетикӣ ҷалбнамоӣ (дарсҳои суруд ва мусиқӣ, санъати тасвирӣ), иштирок дар маҳфилҳои худфаъолияти бадеӣ, мутобиқ намудани хонанда ба муҳити зебоӣ дар таълим ва ҳаёт, хеле мубрам ва муҳим аст. «Ҳамкории психологию педагогии волидони хонандагон ҳамчун раванде маънидод карда мешавад, ки ба волидон ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои фарҳангӣ-эстетикӣ ва ҷалби онҳо ба муҳити зебоипарастӣ мусоидат мекунад» [73, 83].

Дар баробари ин, дар раванди таҳқиқот маълум гардид, ки модели ҳамкории мактабу оилаи муҳассилин бо афзалияти таълими ҳамагонии эстетикӣ тағйирёбанда ва серҷабҳа мебошад. Чунин бархӯрд, аввалан, «ба мустақилияти оила дар муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди муҳассилин ва фаъолияти он дар амалӣ намудани вазифаҳои худ

таъкид мекунад; дуюм, он имкон медиҳад, ки вариантҳои амалӣ гардондани фарҳанги эстетикӣ дар ҳамкории мактабу оила фарқ карда шавад; сеюм, ба инъикоси ҳамаҷонибаи амалҳои имконпазири оилавӣ оид ба татбиқи вазифаҳои таълими фарҳанги бадеӣ мусоидат намуда, ба ин васила омӯзиши ҳамагонии эстетикии насли наврасро дар фаъолияти ниҳодҳои иҷтимоӣ - тарбиявӣ таъмин намояд» [96, 89-90].

Дар зиндагии ҳамарӯза ворид гардидани воситаҳои муосири техника, ба монанди Интернет, компютер, планшет, телефонҳои мобилӣ ва ғ. ҷавонон истироҳати бофароғати хешро ба намудҳои пасивонаи фароғат, мисли гӯш кардани мусиқӣ, тамошои барномаҳои зидди фарҳангӣ ва баъзан, ҳатто тамошои филҳои ба ахлоқи анъанавии мардуми мо бегона мегузаронанд. Дар ҳамбастагӣ ба ин, коҳиш ёфтани иштироки сафи ҷавонон ба муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ, яъне клубҳо, хонаҳои фарҳанг, қасрҳои фарҳанг ва марказҳои ҷавонон, театру осорхонаҳо ба амал меояд. Ин вазъият ба коста шудани дараҷаи маънавию ахлоқии онҳо ва ташаккули комили шахсияти онҳо оварда мерасонад.

Вазифаи муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ дар замони муосир, ин тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, меҳанпарастӣ, таҳаммулпазирӣ, намунаҳои беҳтарини зебоипарастӣ, ахлоқӣ, пос доштани анъанаҳои фарҳангии халқи тоҷик, фарҳанги касбии баланд, иштироки созанда, бунёдкорона ва эҷодкорона дар ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Дар ин кор ва тарғиби фарҳанги мардумӣ муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ имкониятҳои хеле зиёди ҳамкорӣ бо оила ва муассисаҳои таълимиро доранд. Аммо дар амалия ин имкониятҳои фарох пурра истифода бурда намешаванд.

Дар вақти навиштани рисолаи диссертатсионӣ мо ба хулосае омадаем, ки ҳалли проблемаҳои ташаккули маънавию ахлоқӣ ва эстетикии ҷавонон тавассути фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ имрӯзҳо бениҳоят мушкил мебошад, чунки ин проблема аз нуқтаи назари илмӣ, методологӣ ва назариявӣ, ҳақиқати муосири иҷтимоӣ ва педагогӣ ба дараҷаи зарурӣ коркард нашудааст.

Дар мисоли омӯзиши вазъи тарбияи эстетикӣ дар шаҳри Панҷакент маълум гардид, ки заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои фарҳанги шаҳр суст буда ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ набуда, асбобҳои техникӣ, баландгӯякҳо, созҳои мусиқии замонавӣ намерасанд. Дар 4-5 соли охир нисбати таъмиру азнавсозии онҳо бинобар набудани маблағҳо корҳои барқарорсозӣ гузаронида нашудааст. Китобхонаи марказии ноҳия ва хонаи фарҳанги деҳоти ҷамоатҳои деҳот дар ҳолати садамавӣ қарор доранд. Клубҳои деҳот ба таъмири ҷорӣ ва умумӣ ниёз доранд. Гарчанде, ки дар мувозинати ҷамоатҳои деҳот қарор дошта бошанд, ҷамоатҳо ба онҳо таваҷҷуҳи зарурӣ намедиҳанд. Мутахассисони соҳаи фарҳанг намерасанд.

Ҳамаи ин камбудӣ ва норасоиҳо ва ба дараҷаи зарурӣ роҳандозӣ карда нашудани ҳамкории низоми маориф ва фарҳанг дар ташаккули фарҳанги эстетикӣ, ки солҳои охир ба назар мерасанд, боис мегардад, ки дар системаи тарбиявия эстетикӣ дигаргунсозиҳои ҷиддӣ ба амал бароварда шаванд.

Вобаста ба ин, дар масъалаи пайдарҳамӣ ва мутаасилӣ, пойдевории он, ҳамкорӣ дар тарбияи кӯдаки аз ҷиҳати эстетикӣ босавод, мусиқидону мусиқифаҳм, бобати ба асарҳои бадеӣ сарфаҳм рафтани онҳо доимо ғамхорӣ зоҳир намудан зарур аст. Ин вазифа танҳо дар ҳамкории тарафайни оила, муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг ба даст оварда мешавад.

Бино бар ин, яке аз омилҳои ба ҳаёти оилавӣ тайёр будани ҷавонон камолоти маънавию ахлоқӣ бошад, дар ин раванд дарки дурусти зебоиписандӣ, эътирофи арзишҳои волои эстетикӣ ва ҷалбшавӣ ба эҷодиёт низ дар хонавода барояшон хеле зарур аст.

Эътибор додан ба тарбияи эстетикии фарзандон низ кори чандон осон нест. Самаранокӣ ва муваффақияти ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар сурате муяссар мешавад, ки он ба таҳкурсии мустаҳками таҳқиқот оид ба функсияҳои оила, ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва оила бо муассисаҳои фарҳанг такя кунад. Оила ва фарзандон

фарҳанги баланд дошта бошанд. Хонавода чун як навъ маркази ташаккули фарҳанги эстетикӣ бошад. Ба ин амал дараҷаи баланди маърифати эстетикӣ низ дохил мешавад. Мақом ва нақши тарбиявӣ - эстетикии оила мунтазам баланд бардошта шавад.

Бино бар ин, давлат ба масъалаҳои ҷалби аҳолӣ, махсусан ҷавонон ба арзишҳои эстетикӣ, мазмун ва мустаҳкамии онҳо, тарбияи фарзандони дорои маърифати баланди эстетикӣ ва аз ҷиҳати эстетикӣ рушдёфта босавод, мусиқидону мусиқифаҳм, бобати ба асарҳои бадеӣ сарфаҳм рафтани онҳо доимо ғамхорӣ зоҳир менамояд. Ин вазифа танҳо дар ҳамкории тарафайни оила, муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг ба даст оварда мешавад.

Ҳангоми ташкили кори тарбиявӣ - эстетикӣ бо оила ба эътибор гирифтани принсипҳои зерин хело муҳиманд: ҳар як оила талаботи рафтори тафриқавиро бояд ба назар гирад; синну сол, касбу кор ва эҳтиёҷоти маънавию эстетикиро омӯзад; эҳтиёҷоти иштирокчиёни иттиҳодияҳо ва маҳфилҳои эҷодӣ муайян созад ва онро ба эътибор бигирад.

Аз ин рӯ, ташкили кори тарбиявӣ - эстетикии кӯдак дар оилаҳо ва боло бардоштани маърифати зебоипарастии волидайн муносибати эҳтиёткоронаро металабад. Агар ҳамаи ин тарафҳо ба назар гирифта нашаванд, пас оилаҳо бо омӯзгор, бо муассисаи таълимӣ ва ё мутахассисони соҳаи фарҳанг ҳамкории тарафайн карда наметавонад.

Ҳангоми кор бурдан бо оила бояд, пеш аз ҳама, ба ташкили корҳои фароғатӣ бо тамоми аъзоёни оила, услубҳои кори тарбияи эстетикӣ ва ҳамкориҳо бо дигар ниҳодҳо таваҷҷуҳи асосӣ дода шавад.

Танҳо дар ин вақт оила ҳам объекти таъсиррасонии иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ҳам субъекти тарбияи эстетикии шахсият шуда метавонад. Дар ин ҳолат самаранокии таъсиррасонии муассисаи таълимӣ, фарҳанг ва оила ба шахс рӯйи иқтидори тарбиявӣ-эстетикиашро муайян менамояд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки тамоили тарбиявӣ аз қисматҳои биологӣ, психологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ иборат аст. Дар ин қисматҳо мақсад, вазифа, намуди муносибатҳои байниҳамдигарӣ, қобилияти педагогӣ, муҳити иҷтимоӣ, дараҷаи даромадҳо, арзишҳои моддӣ, тамоилҳои тарбиявӣ - эстетикӣ, нуфузи иҷтимоии муассисаҳои фарҳанг, дараҷаи маърифатнокӣ ва фарҳангии волидон, омӯзгорон ва кормандони соҳаи маданият, донистани ҳаёти амалӣ ва ғайра дохил мешаванд. Бахусус, солҳои 80-ум – 90-уми асри гузашта бо сабаби ба ниҳодҳои тарбияи эстетикӣ таъсир расонидани ҳодисаҳои ҷанги таҳмилшудаи шаҳрвандӣ: буҳрони иқтисодӣ, ихтилофҳои иҷтимоӣ ва болоравии камбизоатии бисёрии аҳолӣ, нооромии сиёсӣ, инкишофи пурҷӯшу хуруши ҷараёнҳои экстремистиву террористӣ ва динӣ, гаравидани баъзе ҷавонон ба иттиҳодияҳои тундрав ва бегонапарастӣ, боло рафтани экстримизми динӣ, хурофотпарастӣ, тақлид ба фарҳанг, забон ва либоси бегона, беэътиборӣ ба либоси миллӣ бетаъсир намонд.

Бояд қайд кард, ки аз назари «педагогикаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ҳамкории муассисаҳои таълимро бо муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ ҳанӯз зимни баъзе таҳқиқот омӯхтааст. Аммо дар ин таҳқиқот истилоҳи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, мазмуну мундариҷа восита, шакл ва методҳои тарбияи эстетикӣ, шартҳои педагогии мукаммалгардонии онҳо аз ҷиҳати консептуалӣ ва бунёдӣ асоснок карда нашудаанд» [41,48-50] .

Бештари мутахассисон нуқтаҳои назари муҳимми ҳамкориро кушода истода, кори иҷтимоию касбии муассисаҳои тарбиявӣ, махсусан, коллеҷро бо муассисаҳои фарҳанг (дар сурате, ки марказҳои фарҳангӣ дар ин раванд нақш ва ҷойгоҳи махсус доранд), наомӯхтаанд.

Дар иртибот ба гуфтаҳои боло, мебояд таъкид сохт, ки ташаккули шуури этноэстетикӣ ва ҷалб намудани донишҷӯён ба фаъолияти зебоипарастӣ, махсусан, барои муҳассилини соҳаи муҳандисӣ-техникӣ хеле зарур аст. Зеро ки дар сурати аз арзишҳои эстетикӣ бархурдор нагардидани онҳо ва танҳо дар доираи фарҳанги техникӣ рушд карданашон мумкин аст, ки ин қишри тарбиятгарон инкишофи сатҳи

умумифарҳангиашонро ташаккул дода натавонанд. Ин боиси арзишҳои эстетикиро дарк карда натавонистани онҳо мегардад ва ба рушди ҳамаҷонибаи онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳамин тариқ, ҳамгиройии муассисаҳои таълимӣ, фарҳангию фароғатӣ ва аҳли ҷомеа дар шароити ҳозира ҷиҳати ташаккули фарҳанги эстетикӣ мусоидати фаъол менамояд, ба ҳалли бисёр масъалаҳои назариявӣ ва методӣ ёрӣ расонида метавонад.

Муассисаҳои таълимӣ ҳама вақт дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ фаъолияташонро пеш мебурданд. Вале имрӯз аз диди нав баррасӣ намудани талабот ба ин ҳамкорӣ яке аз масъалаҳои мубрам ва дорои аҳаммияти муҳими давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба шумор меравад.

Мақсад ва вазифаҳои гуногуни системаи тарбияи эстетикӣ, аз ҷумла ҷавонон дар замони муосир муассисаҳои таълимӣ, волидон ва муассисаҳои фарҳангро водор месозанд, ки дар тарбия ва рушду камоли ҷавонон масъулиятдору вазифадоранд, ки дар бораи такомули ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавию ахлоқӣ ва маърифати зебоипарастии фарзандонашон ғамхорӣ намоянд.

Доир ба нуктаҳои дар боло омада паҳлуи дигари ҳамкорӣ дар идоракунии раванди таҳсилот ва фарҳанг аст. Дар ин низомҳо робитаи тарафайни ин ду ниҳоди муҳими ҷомеа имкон медиҳанд, ки кори тарбиявӣ-эстетикии насли наврас рӯ ба беҳбудӣ ниҳад.

Боиси тазаккур аст, ки ба ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён, камолоти маънавии онҳо на танҳо сифати таълим, воситаҳои зиёди иттилоотӣ, балки худи ҳаёт, муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ, инфрасохтори фарҳангӣ, нагониҳои илми эстетика, техникаю технологияи муосири ташаккули он, Интернет, ВАО, видеотасвирҳо, кинотеатрҳои хонагӣ, садо ва симо, театр, китобхонаҳо ва ғайраҳо низ таъсири калон мерасонанд. Дар чунин маврид ҳамкории «судманди ин ниҳодҳои тарбиявии ҷомеа бо муассисаҳои таълимиву фарҳанг вобаста ба оила бояд қавӣ, самаранок ва зери мусоидати педагогӣ бошад» [170, 41-45 .

Хусусан, вазифаи муассисаҳои таълимӣ, фарҳанг ва оила дар давраи ҳозира аз он иборат аст, ки муҳассилинро «дар рӯҳияи ватандустӣ, зебоипарастӣ, урфу одат, анъанаҳо, фарҳанги миллӣ» [11], ҳисси ифтихори миллӣ, масъулиятшиносӣ, меҳнатдӯстӣ, ки асоси идеологияи миллии моро ташкил медиҳад, ба воя расонанд. Дар ниҳоди муҳассилин, махсусан донишҷӯёни коллеҷҳои техникӣ ташаккул додани ин хислатҳо, ба онҳо натанҳо барои боло бардоштани касбияташон, балки ба рушдёбии ҳаматарафаи маърифати эстетикӣ мусоидат менамояд.

Аз ҷониби давлат дастгирӣ кардани кӯдакони лаёқатманд, эҷодкор, навовар, махсусан онҳое, ки аз оилаҳои камбизоатанд, донишомӯзони бепарастору бебизоат ва ё донишомӯзон аз созмонҳои хайриявӣ, сарпарастон, тоҷирон дастгирӣ шуда, ба онҳо кӯмак расонидан ва онҳоро ба фаъолияти эстетикӣ ҷалб намудан вазифаи муҳиму аввалиндараҷа маҳсуб меёбад.

Эҳтироми фарзанд нисбат ба волидайн дар доираи истифодаи анъанаҳои миллӣ-фарҳангии халқи тоҷик, манбаъҳои эътимодбахши тарбиявии гузаштагонамон, ки он ҳамагонро дар кори таълиму тарбия фаро мегиранд. Таълиму тарбияи фарзандон волидонро водор месозад, ки бобати тарбияи эстетикии онҳо, пеш аз ҳама, ба анъанаҳои миллии фарҳангӣ ва таҳсилот арҷгузорӣ намоянд; онҳоро «дар рӯҳи урфу одат, анъанаҳо ва фарҳанги миллӣ» [11] тарбия кунанд. Ба хониши китобҳои шоирону нависандагон, ва инчунин, ба фарҳанг ва анъанаҳои миллӣ ҷалб намоянд; аз неъматҳои муҳимми маънавӣ, ҳикмати бебаҳои тоҷикон баҳрабардорӣ намоянд.

Ҳамчунин, дар шароити имрӯза дар назди мақомоти давлатӣ, ҷомеа ва низоми маорифу фарҳанг ҷиҳати беҳтар сохтани корҳои тарбиявии донишҷӯён ва баланд бардоштани ҳамкории мутақобилаи муассисаҳои таълимию фарҳангӣ дар ташаккули маърифати зебоипарастии муҳассилин чун яке аз вазифаҳои асосӣ меистанд ва мазмуни фаъолияти якҷояи муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, фарҳангӣ-фароғатиро созмон

ва инкишофи ҳаматарафаю комили шахсият, махсусияти ҳар як ниҳоди иҷтимоӣ, ки ба ин низом ворид гардидааст, низ муайян менамояд.

Бо назардошти ин дар таҳияи барномаи педагогӣ, махсусан қисми ташаккули маърифати эстетикӣ дар раванди ҳамкории коллеҷ бо муассисаҳои фарҳангӣ ба ҷуз аз истифодаи имкониятҳои объективии такмили кори тарбиявӣ-эстетикӣ, имкониятҳои зерини иҷтимоӣ-фарҳангӣ пешбинӣ шуда буд:

- ҳамкории зичи фаъолияти тарбиявӣ-эстетикӣ дар мазмуну муҳтаво ва шаклҳои самараноки кори коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанги шаҳр (дар таҳқиқот шаҳрҳои хурд чун объекти омӯзиш қарор гирифтан) таъмин гардад;

- азхудкунии донишҳои дар зинаҳои аввали таълим ва коллеҷ азхудкардаи муҳассилин аз фанҳои мусиқӣ, санъати тасвирӣ, фарҳангшиносӣ, этикаву эстетика мутассил ва бонизом ба роҳ монда шуда, баргузории чорабиниҳои беруназаудиторӣ доир ба тарбияи эстетикӣ такмил ва тавсеа ёбанд;

- фаъолияти тарбиявӣ-эстетикии коллеҷҳо бо дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ, бахусус, муассисаҳои фарҳанги шаҳр дар доираи фаъолияти фарҳангӣ - маърифатии донишҷӯён ҳамоҳанг, тибқи нақшаи ягона таҳия, тасдиқ ва роҳандозӣ карда шавад;

- дар коллективи донишҷӯён муҳити солим ва мусоиди психологии ҷиҳати рушди ахлоқӣ-эстетикии онҳо ба вуҷуд оварда шавад;

- ба донишҷӯён бо усулҳои инфиродии кори тарбиявӣ-эстетикӣ бо дарназардошти баҳисобгирии сифатҳои шахсӣ, шавқу рағбати онҳо таъсири педагогӣ расонида шавад.

Бояд донист, ки муҳим будани ҳамгироии педагогии муассисаҳои таълимӣ, оила, аҳли ҷомеа ва муассисаҳои фарҳанг дар тарбияи эстетикӣ чун яке аз самтҳои муҳимми ҷараёни таълиму тарбия инсони комил, аз он бармеояд, ки имрӯзҳо ба ҷавонон **«хатарҳои ҷаҳонӣ»,** ба монанди терроризму ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддиру ҷинояткории фаромарзӣ, бор кардани фарҳанг ва либоси бегона ва даҳҳо дигар

падидаҳои хатарнок – равияҳои гуногуни динию мазҳабӣ, хурофоти динӣ ва таҳдид менамоянд.

Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамаи вохӯрӣ ва суханрониҳояшон инро таъкид менамоянд. «Кӯшишҳои таъсир расонидан ба ҷаҳонбиниву андешаи ҷавонон аз ҷониби ҷараёну равияҳои ифротгаро дар муассисаҳои олии ҷумҳурӣ вақтҳои охир ба назар мерасанд. Онҳо дар байни донишҷӯён корҳои тарғиботӣ бурда, ба ҳар роҳу васила кӯшиш менамоянд, ки ҷавонони камтаҷриба ва сатҳи дониши сиёсиашон пастро зери таъсири худ гиранд» [79, 23].

Ба рушди маърифати эстетикӣ ва ахлоқи ҳамидаи ҷавонон иттилооте, ки онҳо аз Интернет, баъзе воситаҳои ахбори умумӣ, ки дастовардҳои Истиқлоли Тоҷикистон зери танқид мегиранд, таъсири манфӣ мерасонанд. Махсусан, барномаҳое, ки мазмуни онҳоро фаҳшу зӯроварӣ, ғояҳои ғайригуманистӣ, бадахлоқӣ, зиштӣ ва ғ. ташкил медиҳанд, бояд дар зери назорати падару модар, муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг бошанд. Зеро маҳз ин ниҳодҳо барои интихоби барномаҳои пурмазмун ва аз ҷиҳати бадеӣ-эстетикӣ сатҳи баланддошта, ки муассисаҳои фарҳанг пешниҳод менамоянд, мусоидат карда метавонанд. Маҳз барномаҳои аз ҷиҳати сиёсӣ ва бадеӣ хуб таҳия шуда метавонанд пеши роҳи “захролуд” намудани мафкураи ҷавононро бигиранд ва муқобили халалдор намудани ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, якпорчагии Ватан сипари боэътимод гарданд.

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва ҷамъбасти фаъолияти тарбиявӣ-эстетикӣ дар ҷумҳурӣ, беҳтарнамоӣ ва самаранокии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷуён дар раванди ҳамкориҳои мутақобилаи муассисаҳои таълимӣ, фарҳангӣ-фароғатӣ, оила ва ҷомеа, аз нигоҳи мо, метавонанд, дар чунин намудҳои фаъолияти маърифатӣ ва эстетикӣ роҳандозӣ гарданд:

- бо ҳузури волидон дар сатҳи сифатан хуб роҳандозӣ намудани дарсҳои гуманитарӣ, дар ҳамаи коллеҷҳо, васеъ намудани доираи

омӯзиши фарҳанги маънавӣ, аз он ҷумла дарсҳои фанни эстетика, дар муассисаҳои таълимӣ;

- ташкили фаъолияти тарбиявӣ-эстетикии оиладорӣ бо дарназардошти муҳити зебоипарастӣ, фарҳанги минтақа, ноҳия, шаҳр, деҳа ва минтақаи хурд;

- беҳтар намудани дарки завқи зебоипарастии донишҷӯён, махсусан, дар корҳои беруназаудиторӣ ва фаъолияти муассисаҳои фарҳанг, аз байн бурдани фарҳанги бегонапарастӣ ва тақлид ба он;

- ташаккул додани муошират фарҳангӣ-эстетикии донишҷӯён, дар рӯҳи арзишҳои фарҳанги миллӣ тарбия кардани онҳо;

- дар ҳузури падар ё модар дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг муҳокима ва баррасӣ намудани асарҳои адабиёт ва санъат, спектаклу намоишҳои театрикунонидашуда, консертҳои академӣ, мусиқии суннатӣ ва мубодилаи афкор дар заминаи онҳо;

- истифодаи васеътари имкониятҳои қасрҳо ва клубу хонаҳои фарҳанги шаҳрҳои хурд, дастаҳои ҳунарии касбиву шавқӣ дар ташкили кор оид ба тарбияи эстетикии донишҷӯён дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои инфиродӣ, шавқу ҳаваси онҳо ба жанрҳои гуногуни санъат;

- таҳияи нақшаҳои асоснокшудаи ҳамоҳангсозии кори тарбиявӣ-эстетикии коллеҷҳо бо муассисаҳои фарҳанг. Беҳтар намудани роҳбарии методӣ дар раванди ҳамкории мутақобилаи коллеҷҳо бо муассисаҳои фарҳангӣ - фароғатӣ, махсусан, қасрҳои фарҳангу марказҳои фароғатии ҷавонон, театрҳо, мактабҳои мусиқӣ, бадеӣ ва санъат, китобхонаҳои оммавии шаҳр ва хонавода;

- муайян намудани ҷойгоҳ ва мақоми ҳар яке аз ин ниҳодҳо дар ташакули маърифати эстетикӣ ва ҷалбнамоии муҳассилин ба фаъолияти эстетикӣ.

Ҷиҳати самаранокии ташаккулёбии тамоили арзишноки эстетикикунонии муҳити таҳсилот ва фарҳанг дар минтақа, ҷоиз аст, ки

таъсири ҳамгироии мутақобилаи мутамарказонидаи коллеҷҳо, муассисаҳои иҷтимоӣ - фарҳангӣ ва оила мусоидати фаъол намоянд.

Ба ҳамин тариқ, ба роҳбарӣ гирифтан ва амалӣ намудани ин тадбирҳо ва намудҳои фаъолияти фарҳангӣ – маърифатӣ, ҳамгироии онҳо бо хонавода ба самаранокии кори тарбиявӣ-эстетикии муҳассилин мусоидати фаъол хоҳанд кард.

Хулосаи боби 2

Натиҷаҳои омӯзиш ва таҳлили мавзуи мазкур дар ҳамин боб имконияти пешниҳоди хулосаҳоеро ба миён оварда, ки фишурдаашон ба тариқи зайл аст:

1. Консепсияи ташаккули фарҳанги эстетикии муҳассилин, асосан, дар доираи ба инобат гирифтани хусусиятҳои иҷтимоӣ-фарҳангии минтақа, махсусиятҳои тафриқавии таҳсилотии донишҷӯён ва дар асоси истифодаи имкониятҳои васеи низоми фарҳанги бадеии маҳал, анъанаҳо, ба ҳисоб гирифтани фарҳанги техникӣ, механизмҳои ҳамкории ниҳодҳои маориф ва фарҳанг таҳия ва мукаммал гардонида мешавад.

2. Дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯёни коллеҷҳо дар раванди фаъолияти якҷояи муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг бештар бояд ҳалли чунин вазифаҳо дар мади назар бошанд:

- такмил додани барномаҳои чорабиниҳои фарҳангӣ, маҳфилҳои эҷодии донишҷӯён ва таъмини онҳо бо маводи дорои ҷанбаҳои худшиносӣ, ватандӯстӣ ва тарбияи зебоипарастӣ;

- фаъол гардонидани кори бахшҳо ва созмонҳои ҷавонон, ташкилотҳои дигари ҷамъиятии шаҳр ва истифодаи имкониятҳои намуду жанрҳои гуногуни санъати касбӣ ва халқӣ дар корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ;

- ҳамкории тарафайни коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг ҷиҳати ба низом даровардани кори маҳфилҳо ва ташкилу гузаронидани чорабиниҳои тарбиявӣ-бадеӣ, ки раванди ташаккули шуур ва эҳсосоти зебоипарастиро дар донишҷӯён тақвият мебахшанд.

3. Тавсеаи шароитҳои зерини педагогии ҳамкорӣ дар ташаккули фарҳанги эстетикӣ дар раванди таълим ва корҳои беруназаудитории коллеҷҳо ва ба эътибор гирифтани онҳо дар корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ:

- муҳайё сохтани шароитҳои педагогии мусоид, ташхису тасҳеҳи ҳолати равонӣ, маънавӣ ва эстетикӣ; азхудкунии арзишҳои эстетикӣ аз ҷониби донишҷӯён – ин ҳама имкон медиҳанд, ки сатҳи баланди ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ ба танзим дароварда шуда, дар ниҳоди донишҷӯён ва дар зиндагии ҳамарӯзаашон арзишҳои эстетикӣ татбиқ гарданд;

- таъмини ҳамкорӣ ва ягонагии паҳлӯҳои маърифати эстетикӣ ва ҷалбнамоии муҳасиллин ба фаъолияти маҳфилу иттиҳодияҳои илмию техникӣ, эҷодиёти бадеӣ ва иштирок дар муттаҳидшавиҳои санъати амалӣ-ороишӣ ба ташаккули фарҳанги эстетикии муҳассилин, фарогири муҳити эстетикӣ ва зебоипарастии онҳо мусоидати фаъол менамояд;

- дар кори тарбиявӣ-эстетикии беруназаудитории донишҷӯён, фаъолияти муассисаҳои фарҳанг ва хонавода самаранок истифода бурдани анъанаҳои бадеии маҳал ва эҷодиёти бадеии мардумӣ;

- дар робита бо махсусиятҳои омодасозии мутахассисони таҳсилоти миёнаи касбӣ-техникӣ (техникҳо, муҳандисон, информатикҳо, технологҳо, лоиҳасозон) дар раванди ҳамкории коллеҷ бо муассисаҳои фарҳанг ҷорӣ намудани технологияҳои нави тарбиявӣ-эстетикӣ ва иттилоотӣ - коммуникатсионӣ.

Дар фаъолияти амалии коллеҷҳои техникӣ татбиқ намудани шароитҳои инноватсионии педагогӣ оид ба ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён, ки дар раванди корҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ коркард ва мавриди истифода қарор дода шуданд. Бахусус, таъмин кардани равандҳои ҳамгиросозӣ, пайдарпайӣ риояи қатъии иҷроишро тақозо менамоянд.

Лозим ба таъкид аст, ки муносибати сунъӣ ба фаъолияти якҷояи ин ду ниҳод ва дигар институтҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, диққат ҷалб кардан танҳо ба як шакли ҳамгирошавӣ ва ғайра тарзи чандон самарабахши таҳкими инкишоф ва ҳамгироии онҳо намебошанд. Дар ин ҷода танҳо таҳия ва татбиқи барномаи педагогии асоснок кардашудаи ташаккули

фарҳанги зебоипарастии донишҷӯёни коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг, муайян намудани ҷойгоҳи ҳар як ниҳод дар ин барнома, ҷустуҷӯ ва дастгирии шаклҳои гуногуни ҳамгирошавии тарбияи эстетикӣ, ки ба талаботи ҳаёт ҷавобгӯ бошанд, пурсамар хоҳанд буд.

БОБИ 3. ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ЗЕБОИПАРАСТӢ ВА ҶАЛБИ ДОНИШҶӮЁН БА ФАЪОЛИЯТИ БАДЕӢ-ЭҶОДӢ – ШАРТИ МУҲИМИ ҲАМКОРИИ МУТАҚОБИЛАИ ПЕДАГОГӢ (ҶАМЪБАСТИ НАТИҶАҲОИ КОРИ ОЗМОИШӢ – ТАҶРИБАВӢ

3.1. Асоснок намудани вазифаҳои барномаи таҳқиқотӣ

Азбаски дар кори таҳқиқотии мазкур оид ба омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои тарбияи зебоипарастии донишҷӯёни коллеҷҳои ҷумҳурӣ бештар ба коллеҷҳои техникӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст, мо тасмим гирифтем, ки таъсири мутақобилаи муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангиро дар доираи ҳамин таълимгоҳҳо мавриди кори озмоишӣ - таҷрибавӣ қарор бидиҳем.

Вобаста ба ин, натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологҳо, кормандони илмии соҳаи фарҳанг ва корҳои озмоишии соҳаи педагогикаи фарҳангшиносиро ба асос гирифта, мо ба чунин хулоса омодем, ки сатҳу сифати фаъолияти институтҳои тарбиявӣ **«ҳамҳамоҳангсозии** фаъолияти муассисаҳои таълимӣ бо дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ - фарҳангӣ дар заминаи барномаҳо, консепсия ва стратегияҳои давлатӣ, вобастагии амиқи тақсим кардани нақшҳо ва дуруст кор кардани механизме, ки иҷрои корҳои зарурии онҳоро муайян мекунад, вобаста аст» [70, 48-49].

Дар ҷараёни таҳқиқот мо мақсадеро ба асос гирифтем, ки кушодани роҳи ҳалли мушкилот ҷиҳати таъсиррасонии педагогӣ ба ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ тибқи ҳамгироии педагогии муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои фарҳангӣ вобастагии зич дорад. Бинобар ин, ошкор сохтани шароитҳои педагогӣ ва мукаммалгардонии он тавассути робитаи мутақобилаи ин ниҳодҳои тарбиявӣ дар шароити ҳозира, ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати методӣ-амалӣ барои педагогикаи ҳамкорӣ, кормандони соҳаи маориф ва фарҳанг кӯмаки калон хоҳад расонд.

Мо дар таҳқиқот ба принсипи системанокӣ такя намуда дар ин замина таҳқиқоти монографии В.Кузминаро ба асос гирифтем. Ба ақидаи ин олими рус «бе истифодаи истилоҳи система мавқеъ ва хусусияти худи методи системавӣ дар байни дигар методҳо, масъалаи паҳлуҳо, қонуниятҳои системавӣ, тарзҳои оптимизатсия системаҳоро муайян намудан душвор аст». Омӯзиши система барои таҳияи модели назариявӣ замина мегузорад [45, 8-9].

Вобаста ба ин предмети озмоиши таҳқиқотӣ – шаклу усул ва механизмҳои ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯён дар раванди такмили фаъолияти ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг муайян шуда, ба ҳайси пойгоҳи таҳқиқотӣ коллеҷҳои техникии вилояти Суғд интихоб гардиданд.

Дар рафти таҳқиқот барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар раванди ҳамгироии коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг таҳия шуда, бо истифода аз усулҳои таҳқиқоти педагогӣ (хонапурӣ намудани анкетаҳо, пурсиши масъулини корҳои тарбиявӣ, мушоҳидаҳо аз рӯйи фаъолияти кормандони муассисаҳои таълимиву фарҳанг) консепсияи назариявӣ ва барномаи педагогии ташаккули фарҳанги эстетикӣ дар раванди ҳамгироии коллеҷҳо ва марказҳои фарҳанг коркард шудаанд. Роҳҳои ҳамкории мутақобила ва ҳамоҳангсозии ин ду ниҳоди муҳимми тарбияи эстетикии донишҷӯён дар шароити минтақаҳои шаҳрҳои хурд аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва муайян гардидаанд. Дар ин зинаи таҳқиқот инчунин озмоиши педагогӣ бо назардошти бурдан ва самаранок гардонидани ҳамкории мутақобилаи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг ҷиҳати ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён роҳандозӣ карда шуд.

Дар рафти корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ равшан гардид, ки таҳти таъсири ҳамкории мутақобилаи педагогӣ иртиботи шахсии омӯзгор бо ҳамкорон, омӯзгор бо тарбиягирандагон, омӯзгор ва волидайн, омӯзгор ва маъмурият, ногаҳонӣ ё баркасд, хусусӣ ва умумӣ, дарозмуддат ё кӯтоҳмуддат, шифоҳӣ ё хаттӣ, дорои оқибати тағйироти мутақобила дар

рафтор, фаъолият, муносибат ва нишондодҳо дар мадди назар қарор доранд.

Таъсири мутақобилаи педагогӣ метавонад дар намудҳои гуногуни ҳамкорӣ зоҳир шуда, дар сурате, ки агар муваффақияти як иштирокчии фаъолияти муштараки корҳои таълимӣ - тарбиявӣ дар як қатор мавридҳои нисбатан муҳим зарурати омезиши амиқи шаклҳои умумии оммавӣ, гуруҳӣ ва инфиродии ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ ва шаклгирии онҳо мукаммал гардонида шавад, муътадил ҷараён ёбад.

Ҳамчунин, кӯшиши шурӯъ ба коркарди барномаи педагогии таъсири ҳамкории мутақобилаи коллеҷ бо муассисаҳои фарҳангӣ ва дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ оид ба ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар Ҷумҳурии Тоҷикистон карда шуд, ки он барномаву чорабиниҳои ба хусусиятҳои иҷтимоӣ ва таърихии кишвар вобаста гардонидаро пешбинӣ менамояду ҳамзамон, ба талаботи равонию мукаммалии шахсияти муҳасилин мувофиқ ҷавобгӯ аст. Чунин барномаи педагогӣ фарогири ҷузъиётҳои зерин мебошад:

-муайян намудани дараҷаи маърифати эстетикии донишҷӯёни коллеҷ тавассути азхудкунии арзишҳои эстетикӣ;

-ошкор сохтани дараҷаи эмотсионалӣ- бадеӣ ҷиҳати иштирокашон дар чорабиниҳои оммавӣ-фарҳангӣ;

-ҷалбнамоии донишҷӯён ба фаъолияти бадеӣ-эҷодӣ;

-вобаста ба ин, се навъи гурӯҳи муҳассилини коллеҷ мушоҳида карда шудаанд, ки аз рӯйи инкишофи дараҷаи шавқу ҳавас, дараҷаи мухталифи азхудкунии арзишҳои эстетикӣ ва ҷалбнамоӣ ба фаъолияти эстетикиашон куллан аз ҳамдигар фарқ доштанд.

Илова ин, барномаи педагогӣ ба инобат гирифтани чунин шароитҳоро пешбинӣ менамуд:

- ба эътибор гирифтани рушди фаъолии мутахассисони ояндаи коллеҷҳо чун субъектҳои фаъолияти ичтимоӣ-фарҳангӣ дар заминаи миллӣ; - ба назар гирифтани махсусиятҳои ҷалби донишҷӯён ба арзишҳои фарҳанги

миллӣ, эстетикӣ, намуд ва навъи нави нишондодҳо оид ба ташаккули маърифати зебоипарастӣ ва ҷалби донишҷӯён ба фарҳанги зебоипарастӣ;

- ба инобат гирифтани хусусияти синнусолии ҷавонон дар ташаккули фарҳанги умумӣ ва касбии онҳо, ки барои такмили самарабахши фаъолияти ояндаашон дар корхонаҳои истеҳсолӣ мусоидат менамоянд;

- дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ истифодаи васеъи намудҳои беҳтарини анъанаҳои миллӣ, аз ҷумла, ҷашнҳо ва расму ойини халқӣ, эҷодиёти бадеӣ, шаклҳои инноватсионии кор оид ба фаъолияти эстетикӣ бобати ташаккули ҳиссиёти зебоипарастии донишҷӯён.

Дар таҳияи барномаи таҳқиқотӣ мо нуктаҳои асосии илмии таҳқиқотчӣ И.А. Ивлиеваро оид ба таҳияи барномаҳои таҳқиқи соҳаи фаъолтяти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба инобат гирфтем. Онҳо чунинан: «муайян намудани методология, технология ва методикаи таҳқиқ; ошкор сохтани қисматҳои назариявӣ ва методии барнома; муайян намудани номувофиқатиҳо; ҳадаф, вазифаҳо, консепсияи равиши таҳқиқ ва ғ.» [11, 101-102].

Дар вақти таҳияи барномаи мазкур нуқтаҳои назариявии Б.М. Неменский ба асос гирифта шудаанд, ки дар он хусусиятҳои тарбияи эстетикӣ тавассути санъат муайян карда шудааст. Мувофиқи андешаҳои ӯ, дар вақти гузариш аз азхудкунии донишҳои илмӣ ба азхудкунии арзишҳои эстетикӣ афзалияту дигаргунӣ бештар мегардидааст. Дақиқтараш, «агар дар дарсҳои риёзӣ, химия ва ё ҷомеашиносӣ дар муҳассилин инкишофи афкори мантиқӣ афзалият дошта бошад, пас, дар машғулиятҳо доир ба санъати тасвирӣ ва санъати мусиқӣ такя намудан ба эҳсосот ва ҳиссиёт афзалияти бештарро» [59, 26], доро будааст. Инчунин, «даркнамоии ҳиссӣ дар иштироки намоишномаҳои театрӣ, филармонияҳо ва ё осорхонаҳо боз ҳам бештар эҳсос карда мешудааст» [41, 206-209].

Вобаста ба он таъкид мегардад, ки дар низоми тарбияи эстетикӣ мушкилоти дарки эстетикӣ ва ҳамдардӣ ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, бо камоли меҳрубонӣ муносибат кардан ба арзишҳои эстетикӣ яке аз вазифаҳои тарбиявӣ-зебоипарастӣ ба шумор меравад. Чунки ҷаҳонбинии насли наврас дар заминаи эҳтиёҷоти устувор дар робита бо ҷаҳони санъат, арзишҳои

эстетикии ба ҷомеа зарур, нишондиҳандаҳо ва баҳодиҳии дурусти арзишҳои ахлоқию зебоипарастӣ ташаккул меёбад.

Ба сифати тарбиятдидагии фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён се нишондиҳанда ва меъёри арзёбӣ интихоб шудааст:

1. ташаккули маърифати фарҳангӣ;
2. ҳиссӣ-арзишнокӣ, яъне азхудкунии ҳиссии арзишҳои эстетикӣ;
3. ҷалбнамоӣ ба фаъолияти бадеӣ-эҷодӣ.

Ҳамзамон дар ин маврид методҳои тарбиявии ба шахс равонакардашуда мавриди истифода қарор гирифтанд, ки донишҷӯёнро ба азхудкунии интеллектуалӣ-ҳиссии арзишҳои эстетикӣ ҳавасманд менамуданд.

Барномаи таҳқиқотӣ барои бавуҷудории шароитҳои педагогии ҷалбшавӣ ба фаъолияти бадеӣ-эҷодӣ равона сохта шуда буд, ки он имконият медод донишҷӯён фарогири фаъолияти мустақилонаи эстетикӣ оид ба азхудкунии арзиш ва идеалҳои эстетикӣ гарданд.

Мебояд таъкид сохт, ки дар раванди озмоиши ташаккулёбандаи педагогӣ доир ба таҳқиқи муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангии шаҳри Панҷакент ва ноҳияи Зафаробод оид ба тарбияи эстетикии донишҷӯёни коллеҷ 286 нафар донишҷӯён, ки 10% фоизи теъдоди умумии муҳассилинро ташкил медоданд, фаро гирифта шуданд.

Озмоиш нишон дод, ки танҳо дар шаҳри Панҷакент бо ёрии омӯзгорон, мураббиён, кормандони муассисаҳои фарҳанг, яъне театр, осорхона, хонаи фарҳанг, дастаҳои ҳунарӣ, хонавода дар муддати 2 сол (аз моҳи сентябри соли 2020 то июни соли 2023) дар заминаи ягона омӯзиши динамикаи рушди рағбатҳои маънавӣ-эстетикии 171 нафар донишҷӯ фаро гирифта шудаанд; масъалаҳои ахудкунии арзишҳои эстетикӣ аз ҷониби донишҷӯён, иштироки онҳо дар шаклҳои ҷамъиятӣ, гурӯҳӣ, инфиродии фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар коллеҷ, театр, осорхона, муассисаҳои клубӣ, дар ҷойҳои истиқомат (хобгоҳ), ҷалби онҳо ба коллективҳои эҷодӣ, дастгирии шуғли онҳо бо ҳунарҳои мардумӣ, инчунин иштирок дар озмунҳо омӯхта шуд; ҳамзамон, рафтуойи онҳо ба театр, осорхона, қасри

фарҳанг ва қасри ҷавонони шаҳри Панҷакент мавриди мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар заминаи ягона омӯзиши динамикаи рушди рағбатҳои маънавӣ - эстетикии 120 нафар донишҷӯ роҳандозӣ карда шуда, дар ин раванд масъалаҳои ғанӣ гардонидани фароғати онҳо, иштирок дар шаклҳои оммавӣ, гурӯҳӣ ва инфиродии фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар коллеҷ, театр, осорхона, муассисаҳои клубӣ, ҷойи истиқомат таҳлил ва ширкаташон дар дастаҳои эҷодиёти худфаъолияти бадеӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ба қайд гирифта шуданд. Рафтуой ба театр, осорхона, хонаҳои фарҳанг, тамошои телевизион, нақши оила дар тарбияи эстетикӣ низ мавриди таҳқиқ қарор гирифта шуданд. Инчунин, тавассути усули мушоҳода муайян намудани натиҷаҳо аз болои 21 нафар донишҷӯёни коллеҷ, ки дараҷаи тавсифи рушди ахлоқӣ-эстетикии онҳо мухлалиф буданд, ба роҳ монда шуданд.

Инак, дар асоси коркарди ин ҳамаи иттилоот ва маълумоте, ки ба воситаи усули мушоҳида ба даст оварда шудааст, се гурӯҳи муҳассилин ҷудо карда шудаанд, ки аз рӯйи инкишофи дараҷаи шавқу ҳавас ва фаъолии эстетикиашон куллан аз ҳамдигар фарқ доштанд.

Чунончи, ба **гурӯҳи аввал**, донишҷӯёне маҳсуб буданд, ки ба фаъолияти эстетикӣ чандон мароқ надоштанд; хусусияти муносибат ва иштирокашон дар истифодаи арзишҳои эстетикӣ пасивона буд, муносибати фаъолона ва зоҳир гаштани шавқу ҳавасашон ба санъат пурра эҳсос карда намешуд. Ин гурӯҳи донишҷӯён на дар хона, на дар муассисаҳои фарҳанг, умуман дар ягон шакли эҷодиёти бадеӣ иштирок намекарданд. Эҳтиёҷоти ин гурӯҳи донишҷӯён, чун қоида, ба рафтуой ба театр, тамошои кулли барномаҳои телевизион, филмҳо ва хониши эпизодии адабиёт маҳдуд мешуд.

Гурӯҳи дуюми донишҷӯёнро шахсоне ташкил доданд, ки бо асосҳои донишҳои эстетикӣ мусаллаҳ буда, тавассути як ва ё якчанд намуди санъат шавқу рағбаташон маълум мешуд. Аммо онҳо муносибати эстетикиашонро ба воқеият ҳамаҷониба ва доимӣ зоҳир намекарданд. Талаботи онҳо ба азхудкунии асарҳои санъат, мунтазам муносибат

доштанашон бо ин асарҳо пурра аён намешуд. Ин гуна донишҷӯён дар хонаи фарҳанг ва театри шаҳр, дар чорабиниҳои мавсимӣ (эпизодӣ) ташкилшаванда аҳён - аҳён иштирок мекарданд. Аммо ба шаклҳои доимии фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҷалб нашуда буданд. Дар хона низ шавқу ҳаваси ин гуна донишҷӯён ба санъат характери мавсимӣ ва ё эпизодӣ дошт. Онҳо таваҷҷуҳи бештари худро ба телевизион ва синамо зоҳир менамуданд ва ҳамасола 1-2 маротиби ба осорхона, 2-3 маротиба дар як сол ба театри ш.Панҷакент рафтуомад доштанд. Вале ҷойгоҳи муҳимро дар фароғати онҳо хониши бадеӣ ташкил медод.

Билохир, **ба гурӯҳи сеюм** донишҷӯёне дохил мешуданд, ки дар онҳо шавқу ҳаваси фарох ва доимӣ, рағбати эстетикиашон фаъолона зоҳиршаванда, ҳисси баланди эстетикӣ ва эҳсоси амалии зебоипарастӣ доштаро баръало намудор мегашт. Онҳо, дар баробари таҳсил кардан дар коллеҷ, бо ин ё он намудаи эҷодиёти бадеӣ, ҳунарҳои мардумӣ доимӣ шуғл меварзиданд. Дар яке аз дастаҳои худфаъолияти бадеӣ иштирок мекарданд. Бо навохтан ва сароидан машғул мешуданд. Дар муҳокимаи асарҳои адабиёт ва санъат иштироки фаъолона доштанд. Дар ин гурӯҳ низ машғулияти афзалиятноки эстетикӣ дар шароити фароғат тамошои телевизион буд. Аммо иштирок дар эҷодиёти бадеӣ нисбат ба рафтуой ба театр дар ҷойи дуввум меистод. Хуллас, донишҷӯёне, ки ба ин гурӯҳ шомил буданд, ба ҳисоби миёна 5-6 маротиба дар 1 сол аз намоиши осорхона дидан мекарданд, 2-4 маротиба дар як сол дар намоишномаҳои театрии шаҳр, 3-4 маротиба дар консертҳои хонаи фарҳанг иштирок мекарданд.

Ҳамин тариқ, гурӯҳи якум (дараҷаи паст) 52 фоизи донишҷӯён, гурӯҳи дуввум (миёна) 37 фоиз ва сеюм (дараҷаи аз ҳама баланд) танҳо 11 фоизро аз теъдоди умумии иштирокчиёни ба озмоиш ҷалб гардидаро ташкил медоданд.

Инак, дар чунин вазъияти баамаломода, ки тибқи озмоиш моро маълум гардид, вазифаи аввалиндараҷа дар зинаи кори озмоишӣ-таҳқиқотӣ аз он ибрат буд, ки таъсиррасонии коллеҷ ба муҳити маънавӣ-эстетикии шаҳр ва авзои фарҳангии донишҷӯён ба низоми муайян

дароварда шуда, таъсири муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳангӣ дар заминаи барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастии муҳассилин пурзӯр карда шавад. Зимни барномаи таҳқиқотӣ муносибати онҳо ба фанҳои сикли эстетикӣ ва санъат афзун гардад.

Инчунин, барнома на танҳо фаъолияти таълимӣ, балки корҳои беруназаудитории донишҷӯёнро низ фаро мегирифт. “Онҳо ба эҷодиёти бадеӣ ва намудҳои гуногуни ҳунарҳои мардумӣ тариқи шаклҳои доимоамалкунанда ва номуташаккил бояд васеътар ҷалб карда мешуданд» [144,16], ки фарҳанги эстетикии онҳоро ташаккул медод.

Ҳамин тариқ, вазифаи муҳимми дигаре, ки дар рафти корҳои озмоишӣ ҳалли худро ёфт, аз он иборат буд, ки тавассути кори тарбиявӣ-эстетикӣ бо истифода аз воситаҳои санъат имкониятҳои воқеии коллеҷ дар ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷуён васеъ ва ғанӣ гардонда шуда, онҳо ба фаъолияти бадеӣ-эҷодӣ шомил гарданд.

Ҳамчунин, дар ин раванд, иштироки фаъолонаи донишҷӯён ҷиҳати арзёбии асарҳои мутолиашуда, тамошои филм, намоишҳои театрикунонидашуда дар дараҷаи нисбатан баланд қарор дошта, иштирокашон дар маҳфилҳои эҷодиёти бадеӣ афзун гардида, дар озмуну ҷашнвораҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ бештар ширкат варзанд. Ҳамчунин, ҷиҳати ҷалбнамоии донишҷӯён ба шаклҳои гуногуни маърифати эстетикӣ ва фаъолияти эҷодии онҳо бо назардошти принсипи интегративӣ ва тафриқавӣ – баҳисобгирии аудиторияе, ки онҳо таҳсил менамоянд, ба роҳ монда шуд.

Ба ҷуз ин ҳама, дар доираи барномаи педагогӣ барқарор намудани робитаҳои доимии байни коллеҷ ва муассисаҳои фарҳангӣ ва таъсиси маҳфилҳои эҷодии донишҷӯён, васеъ намудани гурӯҳи дастаҳои хорӣ оид ба истиқболи меҳмонон, иштирок дар қасри фарҳанг, боғи фарҳангию фароғатии шаҳри Панҷакент ба номи Камоли Хуҷандӣ, ҷалби донишҷӯён ба намудҳои гуногуни сайёҳиву экскурсияҳо ба мавзеъҳои таърихӣ (махсусан, Саразми Бостонӣ) ва хона-музей боис шуд, ки теъдоди

иштироки донишҷӯён дар чорабиниҳои фарҳангӣ ва театрикунонидашуда, инчунин, маҳфилҳои таълимӣ-эҷодӣ хеле афзуд.

Нуктаҳои асосии барномаи таҳқиқотӣ оид ба муайян намудани дараҷаи маърифати эстетикӣ ва ҷалбнамоии донишҷуёни коллеҷ ба фаъолияти эстетикӣ, дар маҷмуъ, чунин буданд:

- ҷалби донишҷӯён ба раванди таълим ва чунин шаклҳои кори фарҳангию фароғатӣ ба монанди, конференсияи хонандагон ва муҳокимаи китобҳои хондашуда, иштирок дар намоишномаҳои театрӣ, филм, консерт, намоишҳои мусаввараҳо, чорабиниҳои театришуда ва баррасии онҳо, ки ба азхудкунии арзишҳои эстетикӣ бештар мусоидат мекунад;

- муҳокимаи дастаҷамъонаи асарҳои гуногунжанри адабиёт ва санъат дар заминаи мушоирати фарҳангӣ;

- созмон додани маҳфилҳои нави эҷодиёти бадеӣ, иштироки фаъолонаи донишҷӯён дар иттиҳодияҳои дӯстдорон, маҳфилҳо аз рӯйи шавқу ҳавас ва дастаҳои ҳунарӣ бадеӣ, озмуну ҷашнвораҳои маҳаллӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ;

- ташвиқи асарҳои муаллифони эҷодиёти худфаъолиятӣ - бадеӣ;

-таҳким бахшидани ҳамкориҳои инноватсионии коллеҷҳо бо муассисаҳои фарҳангӣ.

Дар барномаи таҳқиқотии ҳамкории педагогии коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён ва такмили он механизмҳои зерини иҷтимоӣ-фарҳангӣ мавриди истифода қарор гирифтанд:

- «ҳамкории зичи фаъолияти тарбиявӣ-эстетикӣ дар мазмун ва шаклҳои мухталифи кори коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанги шаҳр, аз ҷумла: шунавоии мусиқӣ, шиносоӣ ба созҳои мусиқӣ, сурудхонӣ бо ҳамовозии асбобҳои мусиқӣ, бозӣ, рақс, консертҳо, дарсҳои иловагӣ машваратҳо ва маҷлисҳои волидон, чорабиниҳои муштараки эстетикӣ, фаъолияти лоиҳавӣ, истифодаи технологияҳои муосир, ва дигар шаклҳои

кори маърифатӣ-фарҳангӣ ва ҷалбнамоӣ ба фаъолияти бадеӣ-эҷодӣ, ки ба инкишофи қобилиятҳои бадеӣ-эҷодии муҳассилини коллеҷ мусоидат намуда, таъсири ғоявӣ-ҳиссиӣ ва образнок мерасонанд» [15,160];

- донишҳои дар мактаб ва коллеҷ азхудкардаи муҳассилинро бо истифода аз фанҳои мусиқӣ, санъати тасвирӣ, фарҳангшиносӣ, этикаву эстетика, дар доираи мутассил ва бонизом гузаронидани чорабиниҳои беруназаудиторӣ бо роҳи усули ҳамроҳӣ, инфиродӣ, лоиҳавӣ доир ба тарбияи эстетикӣ ва методҳои мушоҳида, таҳлил, арзёбии асарҳои санъат ва ғ.;

- фаъолияти тарбиявӣ-эстетикии коллеҷ ва дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ, бахусус, муассисаҳои фарҳанги шаҳрро дар доираи фаъолияти фароғатии донишҷӯён ҳамоҳанг сохташуда ва тибқи нақшаи ягонаи таҳия ва тасдиқ кардашуд;

- дар коллективи донишҷӯён ба вуҷуд овардани муҳити солими фарҳангӣ-эстетикӣ;

- бо усулҳои инфиродӣ ва гурӯҳии кори тарбиявӣ-эстетикӣ таъсиррасонии педагогӣ ба шуур ва ҳиссиёти донишҷӯён, бо дарназардошти баҳисобгирии муносибат ва шавқу рағбати муҳассилин ба фаъолияти фарҳангию фароғатӣ.

Ин гуна шароитҳои педагогӣ имкон доданд, ки омӯзгорон, устоҳои техникӣ, падару модарон дар ҳамкорӣ бо менеҷерони фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ иштирокчиёни фаъол бошанд.

Шаклҳои ташкили фаъолияти маърифатӣ - фарҳангӣ дар пайвастагӣ бо намудҳои фаъолиятҳои дигари инкишофи қобилиятҳои бадеӣ-эҷодӣ ба рушди маърифати эстетикии донишҷӯён ва ҷалби онҳо ба маҳфилҳои эҷодӣ, иштирок дар озмуну ҷашнвораҳо мусоидат менамояд ва ба тарбияи сифатҳои ахлоқӣ-эстетикӣ замина мегузоранд.

Ҳамзамон, дар раванди озмоиши педагогӣ аз фаъолияти маҳфилҳои гуногуни эҷодиёти бадеӣ, бахуссус, ансамбли фолклорӣ-этнографии шаҳри Панҷакент, барномаи консертии он, ки зимни такя ба анъанаҳои

мусиқии маҳал ва шавқу ҳаваси донишҷӯён таҳия гардида буд, самаранок истифода бурда шуд.

Дар кори рушди эҷодиёти бадеӣ ва фарҳанги мардумӣ таъмин намудани ҳамоҳангсозии муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳои фарҳангӣ, муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ хеле зарур аст. Махсусан, фаъолияти якҷояи марказҳои эҷодиёти бадеӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, марказҳои эстетикӣ хеле муҳим ва мубрам буда, самаранокии корро дар ин самт таъмин карда метавонанд. Ин ҳамкорӣ имкон фароҳам меорад, ки ҷавонони аз ҷиҳати эстетикиву бадеӣ босавод, мусиқидону мусиқифаҳм, бобати ба асарҳои бадеӣ сарфаҳм рафтани онҳо, ҷалби онҳо ба эҷодиёти бадеӣ доимо ғамхорӣ зоҳир карда шавад. Ин вазифа танҳо «дар ҳамкории тарафайн: оила, муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг» [122, 89]. ба даст оварда мешавад**.** Дар ин раванд ҳамкориҳои олимони соҳаи педагогика ва фарҳангшиносӣ низ дар таҳқиқ ва арзёбии масъалаи мазкур ба мақсад мувофиқ мебошад. Танҳо дар ҳамин сурат, истифодаи намуд ва жанрҳои гуногуни эҷодиёти бадеӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар тарбияи эстетикии ҷавонон самараи хуб дода метавонад.

Вобаста ба ин, вазифаҳои зеринро ҳал намудан ба мақсад мувофиқ аст: - таҷрибаи кори муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ дар самти инкишоф эҷодиёти бадеии халқ бояд омӯхта ва ҷамъбаст карда шавад;

- «ба муассисаҳои клубӣ диққати ҷиддӣ зоҳир карда шуда, рушди фаъолонаи онҳо дастгирӣ гардад. Дар кори онҳо шаклҳои инноватсионии кори иттилоотӣ ва намунаҳову усулҳои анъанавӣ – фарҳанги мардумӣ бештар ҷорӣ карда шаванд» [41, 320-322];

- ҷалби фаъолонаи донишҷӯён ба театрҳо, филармонияҳо, намоишгоҳҳои рассомӣ, бунёди инфрасохтор ва муҳити зарурии эстетикиву эҷодӣ дар муассисаи таълимиву фарҳангӣ ва таъсиси маҳфилҳои мусиқӣ ва театрӣ, кружоку студияҳои рассомӣ;

- аз нав эҳё намудани ансамблҳои этнографии тарона ва рақсии донишҷӯён бо истифода аз анъанаҳои бадеии мардуми маҳал дар ҳар як шаҳру ноҳия;

Дар натиҷа, дар оғози озмоиш низоми муайяне ташаккул ёфт, ки дар он маърифати эстетикӣ дар заминаи барномаи таълимии ҳар як гурӯҳи коллеҷ ва кори маҳфилҳои назди муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ ва таълимгоҳ дар асоси шавқу ҳаваси иштирокчиён созмон дода шуда буд.

Чунончи:

- озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикистон – Ватани азизи ман” , ки дар он 109 нафар довталабон иштирок намуда, 61 нафар сазовори ҷойҳои ифтихорӣ ва 37 нафар ба даври вилоятӣ роҳхат гирифта, бо диплому мукофотпулиҳо қадрдонӣ гардиданд. Таърихи 19 июни соли ҷорӣ баъд аз ҷамъбасти даври вилоятии озмун 4 нафар ба даври ҷумҳуриявӣ роҳхат гирифтанд;

- барномаи консертӣ бахшида ба Рӯзи Шашмақом дар толори МД МЭФ “Кохи Лоиқ”;

- давраи якуми Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии телевизионии эҷодиёти халқ “Андалеб-2025”, ки 19-уми августи соли 2025 дар Кохи фарҳанги ба номи Олим Бобоев баргузор гардид. Барномаи ҳунарии дастаи ҳунармандон ва ҳаваскорону санъаткорони бахши фарҳанг иборат аз суруди ҳамсароён, рақси якка, суруди анъанавӣ, суйитаи вокалӣ ва ғайра, ки санъаткорони шаҳр бо маҳорати баланд иҷро намуданд, инчунин намоиши ҳунарҳои миллӣ аз ҷониби ҳайати ҳакамони Раёсати фарҳанги вилояти Суғд сазовори 116,7 хол дониста шуда, ба даври ҷумҳуриявии озмун роҳхат дода шуд.

Ҳамзамон дар таърихи 29-уми октябри соли 2025 дастаи ҳунармандон ва санъаткорону ҳаваскорони шаҳри Панҷакент дар даври ниҳоии Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии телевизионии эҷодиёти халқ “Андалеб - 2025” дар Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷӯраев иштирок намуда, дар марҳилаи ҷамъбастии озмун сазовори ҷойи дуюм гардид. Ин воқеаи муҳим дар таърихи фарҳанги шаҳр дигаргуниҳои ҷиддиро ба вуҷуд оварда, ба рушди ҳаёти маънавӣ

ва муҳими зебоипарастии ҷавонони шаҳру деҳоти Панҷакент мусоидат кард.

Ҷолиби қайд аст, ки дар ҳама хонаҳои фарҳангӣ, клубҳои ҷамоатҳои деҳот ва дигар муассисаҳои фарҳангӣ бахшида ба 34-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои мухталифи фарҳангӣ баргузор гардиданд, ки дар фарҷоми онҳо ба ҳозирин барномаи ҷолиби фарҳангию фароғатии ҳунармандони бахши фарҳанг ва донишҷӯёни коллеҷ иборат аз суруду рақсҳои тараннумгари озодиву истиқлол, ваҳдату якдилӣ ва сулҳу суботи ҷомеа буданд, пешкаш карда шуд. Инчунин аз ҷониби Китобхонаи марказии шаҳр дар саҳни Кохи фарҳанг намоиши китобӣ ташкил карда шуд. Баргузории чорабиниҳои мазкур тавассути телевизиони маҳаллии “Садо ва Симо” пахш гардиданд.

Инчунин, дар Кохи фарҳанги ба номи Лоиқ Шералӣ ба ифтихори Рӯзи Рӯдакӣ аз ҷониби санъаткорону ҳунармандони бахши фарҳанг барномаи рангини фарҳангӣ иборат аз шеъру сурудҳо, композитсияи адабӣ, намоиши театрикунонидашуда аз осори Рӯдакӣ пешкаши 300 нафар тамошобинон гардонида шуд. Ҳамзамон тибқи нақшаи корӣ чорабиниҳо бахшида ба Рӯзи Рӯдакӣ ва Рӯзи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар хонаҳои фарҳангӣ ва клубҳои шаҳру деҳот баргузор гардиданд.

4-уми октябри соли 2025 дар даври ҷумҳуриявии озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикистон – Ватани азизи ман” 4 нафар муҳассинин – Бобоев Мақсудҷон дар номинатсияи сарояндагӣ (аз 12 то 17 сола), Темурова Паймона дар номинатсия сарояндагӣ (аз 12 то 17 сола), Абдуллозода Парвина дар номинатсияи дизайн (аз 18 то 35 сола) ва Насриддинова Мавзуна дар номинатсияи санъати тасвирӣ (аз 12 то 17 сола) ғолибони озмун гардида, бо дипломҳо сарфарозонида шуданд.

25 - уми ноябри соли 2025 дар Кохи фарҳанги ба номи Олим Бобоев бахшида ба Рӯзи театри тоҷик ва 67-умин солгарди театри халқии шаҳри

Панҷакент барномаи ҷолиби фарҳангӣ иборат аз намоишномаҳои театрикунонидашуда рӯйи саҳна гузошта шуд;

- илова ба ин дар тӯли фаъолияти даҳсолаи коллеҷ як қатор корҳои бунёдкориву созандагӣ, илмиву тадқиқотӣ, конфронсҳои омӯзишӣ, семинар - машваратҳои таҷрибавӣ, маҳфилҳои илмӣ ва мусоҳибаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, нашри китобҳо ва дастурамалҳои методӣ, озмунҳои фаннӣ, вохӯриҳои судманд бо намояндагони ташкилотҳои хориҷӣ ва чорабиниҳои фарҳангиву фароғатӣ амалӣ гардид. Ҳамаи ин дастовардҳо далели равшани рушди босуръати фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва омӯзишии коллеҷ мебошанд.

Воқеаи аз ҳама муҳим ва таърихӣ дар давраи кори таҳқиқотӣ-озмоишӣ аз ҷониби Шӯрои ҷаҳонии ҳунармандӣ (World Crafts Council) ворид гардидани шаҳри Панҷакент ба Феҳристи "Шаҳри ҷаҳонии ҳунармандӣ барои сӯзанидӯзӣ" ва таҷлили Фестивали байналмилалии "Сӯзании Панҷакент" буд. Дар доираи баргузории Фестивали мазкур дар саҳни Кохи фарҳанги шаҳри Панҷакент ба номи Олим Бобоев намоиши байналмилалии ҳунарҳои мардумии ҳунармандони Тоҷикистон ва кишварҳои иштирокчӣ – Ӯзбекистон, Қазоқистон, Эрон, Қирғизистон, Ҳиндустон, Россия, Туркия, Озарбойҷон, Булғористон ва дигар кишварҳо доир гардид. Бахусус дар намоишгоҳ сӯзании офаридаи бонувони чирадасти шаҳри Панҷакент ба ифтихори ҷашнвора дар ҳаҷми 6 х 3, ки онро 35 - нафар бонувони ҳунарманд дар 25-рӯз бо истифода аз 5 миллион кӯк омода намуданд, хеле хуб пазируфта шуд. Ҳамзамон дар баргузории маросими тақдими Шаҳодатномаи "Панҷакент – Шаҳри ҷаҳонии ҳунармандӣ барои сӯзанидӯзӣ" аз ҷониби санъаткорони шаҳри Панҷакент барномаи ҷолиби ҳунарӣ, ки тараннумгари ифтихор аз Ватан, таъриху фарҳанги пурғановати миллат, ҳунари асили миллии тоҷикӣ ва дӯстию бародарӣ аст, пешкаши иштирокдорон гардид.

Комиссияи баҳодиҳӣ тибқи дархости ирсолшуда таърих, анъана ва густариши ҳунари сӯзанидӯзиро дар шаҳри Панҷакент омӯхта, бо намунаҳои он, маҳсули дасти бонувони ҳунарманд шинос шуд ва хулосаашро ба Шӯрои байналмилалии ҳунармандӣ пешниҳод намуд. Бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон санаи 20 октябр шаҳри Панҷакент унвони **“Шаҳри ҷаҳонии ҳунармандӣ” бо ҳунари сӯзаниро** соҳиб гардид.

Ин ва дигар чорабиниҳои фарҳангӣ ва озмунӣ дар доираи барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастии муҳассилини шаҳр таҳлил ва баррасӣ гардида, таъсири тарбиявии онҳо ба ҷавонон ва ғанӣ гардонидани ҳаёти маънавии ҷомеаи ш.Панҷакент барало ҳис карда шуд. Шаклгирии фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ оид ба тарбияи эстетикӣ мазмуни чорабиниҳои фарҳангӣ ва намудҳои онро гуногунранг ва ғанӣ гардонида, таъсирррасонии тарбиявиро афзун ва тавсеа бахшид. Ҳамкории ҳамаи ниҳодҳои тарбиявии шаҳрро қавитар гардонд, ҳамоҳангсозии кори онҳоро ба низоми муайян даровард.

Умуман, натиҷаи кӯшиши гуногуни мо бобати барқарор намудани робитаҳои доимии байни коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг ва таъсиси маҳфилҳои эҷодии донишҷӯён, васеъ намудани шабакаи дастаҳои ҳунарӣ ва маҳфилҳои ҳаваскорӣ дар назди китобхонаҳо, хонаҳои фарҳанг ва қасри ҷавонон, муассисаҳои дигари фарҳангию фароғатии ш. Панҷакент, ҷалби донишҷӯён ба сайёҳӣ ва экскурсияҳо ба мавзеъҳои таърихӣ (махсусан, ба мамнӯъгоҳи Саразми Бостонӣ) равона карда шуд.

Чи тавре, ки аз ҳисобти коллеҷ маълум шуд, ҳадафи асосии ин ҳамкориҳо таъмини таҷрибаомӯзии амалӣ барои донишҷӯён, таҳкими робитаи назария бо амалия ва омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат мебошад. Маҳз ба шарофати чунин муносибатҳои самарабахш, имрӯз Коллеҷи технологӣ ва инноватсионии

шаҳри Панҷакент ҳамчун намунаи **муассисаи ҳамоҳангсози таълим ва истеҳсолот** шинохта шудааст.

Илова ба ин, кори озмоишӣ-таҳқиқотӣ дар заминаи Муассисаи давлатии Коллеҷи технологӣ ва инноватсионӣ дар шаҳри Панҷакент дар муассасиҳои таълимӣ дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои фарҳанг, дигар ниҳодҳои тарбиявӣ, шаклу воситаҳои тарбияи эстетикии онҳо дар заминаи ҳуҷҷатҳои меърии ҳуқуқии Вазорати маорифу фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати фарҳанги вилояти Суғд ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент ба роҳ монда шуд.

Ҳамзамон Нақша-чорабиниҳои тарҳрезигардидаи шаҳр ба муносибаи 35-солагии истиқлоли давлатии Тоҷикистон татбиқи онҳо дар ш. Панчакент ҳамаҷониба ба инобат гирифта шуд.

Мазмуну муҳтавои барномаи таҳқиқотӣ ба монографияҳои олимони рус В.П.,Кузмина «оид ба методология ва методикаи равиши таҳқиқоти педагогӣ» [45], Ивлиева И.А. ва Эртман Е.В. «тарзи роҳандозӣ намудани таҳқиқот дар соҳаи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ» [31, 101-105] такя намудааст. Ҳамзамон паҳлуи бунёдии таҳқиқот аз такмили арзишҳои фарҳанги миллӣ, маънавиёту маърифати ҷомеа, тарбияи эстетикии ҷавонон, корҳои ташвиқотию тарғиботӣ тавассути баргузории силсилачорабиниҳои фарҳангӣ, созмон додани маҳфилҳои бадеӣ-эҷодӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат буд.

Муҳим аст, ки ташаккули маърифати эстетикӣ дар заминаи принсипи системанокӣ, пайдарҳамӣ ва мутассилӣ ба роҳ монда шавад. Кӯдак тавассути ҳамаи зинаҳои таҳсилот: томактабӣ, мактабӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ дар асоси принсипи ягонагии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва ба эътибор гирифтани махсусиятҳои синнусолӣ, психологӣ, этникӣ тарбия карда шавад.

3.2. Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг ҷиҳати ташаккули маърифати зебоипарастӣ ва ҷалби донишҷуён ба фаъолияти бадеӣ - эҷодӣ

Барномаи педагогии таъсири «ҳамкории мутақобилаи коллеҷ бо муассисаҳои фарҳангӣ ва дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ оид ба ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар заминаи консепсия ва стратегия» (В.А.Разумный) [70, 48-49] коркард шудааст.

Натиҷаҳои кори озмоиши таҳқиқотии педагогӣ боис шуд, ки теъдоди иштироки донишҷӯён ба чорабиниҳои фарҳангӣ, театрикунонидашуда ва маҳфилҳои бадеӣ 1,2 маротиба афзуд, ки ин ҳамаро метавон дар ҷадвали 1 мушоҳида намуд.

Ҷадвали №1. Нишондиҳандаи сатҳи азхудкунии арзишҳои эстетикӣ ва ҷалбнамоӣ ба фаъолияти эстетикӣ (гурӯҳҳои озмоишии донишҷӯёни коллеҷи техникии ш. Панҷакент

Шумораи умумии донишҷӯён 570-нафар								
Қисми маърифати эстетикӣ			Қисми эмотсионалӣ-баҳодиҳӣ			Қисми ҷалбнамоӣ ба фаъолияти эстетикӣ		
Донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ-286-н								
Баланд	Миёна	Паст	Баланд	Миёна	Паст	Баланд	Миёна	Паст
74%	15%	11%	72%	17%	12%	25%	35%	40%
Донишҷӯёни гурӯҳҳои муқаррарӣ-284-н								
Баланд	Миёна	Паст	Баланд	Миёна	Паст	Баланд	Миёна	Паст
26%	30%	44%	25%	32%	43%	23%	37%	40%

Диаграммаи 1.

Диаграммаи 2.



Илова ба ин, агар иштироки донишҷӯёни коллеҷро дар чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ ва фароғатии осорхона, китобхонаи мактабӣ ва китобхонаҳои оммавӣ, театри шаҳрӣ ва дигар чорабиниҳои театрӣшуда ба ҳисоб гирем, теъдоди онҳо то ду маротиба зиёд шуд (ё ин ки онҳо аз теъдоди иштирокдорони умумии донишҷӯён 86 фоизро ташкил дод).

Барои исботи гуфтаҳои боло метавонем фоизи бадастомадаи дараҷаи баланди ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯёнро дар раванди ҳамкории мутақобилаи коллеҷҳо ва муассисҳои фарҳанг дар ҷараёни азхудкунии арзишҳои эстетикӣ ва ҷалби онҳо ба фаъолияти эстетикӣ ҳамчун намуна нишон дода , ба санҷиши даврaи аввал муқоиса намоем: аз 286 нафар донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ дараҷаи баланди маърифати эстетикӣ ба 80%, эмотсионалӣ-баҳодиҳӣ ба 78% ва ҷалбнамоӣ ба фаъолияти эстетикӣ ба 77% расид, ки ин нисбат ба даврaи аввали санҷиши гузаронидашуда тақрибан 40% зиёд аст.

Дараҷаҳои ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишии коллеҷҳо дар зер, дар ҷадвали 2 баррасӣ мешавад.

Ҷадвали 2.

Дараҷаҳои ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишии коллеҷҳо

Қисми азхудкуни и арзишҳои эстетикӣ	Гурӯҳҳои озмоишӣ, миқдори донишҷӯён 286-н.			Гурӯҳҳои муқаррарӣ, миқдори донишҷӯён 284-н.		
Дараҷаҳо:	Баланд	Миёна	Паст	Баланд	Миёна	Паст
Маърифати эстетикӣ	80,5%	13,3%	6,2%	40,2%	20,5%	39,3%
Эмотсионалӣ-баҳодиҳӣ	78,7%	14,1%	7,2%	39,6%	20,3%	40,1%
Чалбнамоӣ ба фаъолияти эстетикӣ	77,2%	14,7%	8,1%	39,3%	20,6%	40,1%

Аз ҷумла, дар диаграммаи 1 нишондиҳандаҳо дар ҳар ду гурӯҳ дақиқ пешниҳод шудаанд.

Диаграммаи 3.



Ҳамин тариқ, агар иштироки донишҷӯёни коллеҷро дар осорхона, китобхонаи мактабӣ ва оммавӣ, театри шаҳрӣ ва чорабиниҳои оммавӣ-бадеӣ ба ҳисоб гирем, теъдоди онҳо то рафт маротиба зиёд шудааст (ё ин ки онҳо аз теъдоди иштирокдорони умумии донишҷӯён 40 фоизро ташкил додаанд). Натиҷаҳои сифатӣ низ вобаста ба мавқеи ахлоқӣ-эстетикии донишҷӯён ба тариқи куллӣ рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Чунончи, 74 фоизи донишҷӯёне, ки ба фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ ҷалб шуда буданд, монеаҳоро ҷиҳати дарки ҳиссӣ (эмотсионали)-и арзишҳои эстетикӣ бартараф намудаанд. Яъне, онҳо ба робитаҳои мазмунӣ-бадеӣ сарфаҳм мерафтагӣ шудаанду мушоҳидаҳои бадеиашон ҷиддитар гардидааст, ба қонуниятҳои умумии санъат бештар сарфаҳм рафта, амалӣ гардидани онҳоро дар зуҳуроти мушаххас мушоҳида мекардагӣ шудаанд. Аз 32 фоизи донишҷӯён дар давраи хотимавии таҳқиқот қобилияти офаридани намунаҳои нави образҳои бадеӣ зоҳир гардид, ки дар ибтидои озмоиш ин гуна сифатҳо танҳо дар ҳашт фоизи донишҷӯён мушоҳида гардида буд.

Дигаргуниҳои мусбат дар дараҷаи умумии ташаккули сифатҳои зебоипарастии донишҷӯён низ ба амал омадаанд. Чунончи, иштироки донишҷуёни гурӯҳи сеюм, (гурӯҳӣ инкишофёта аз 40,2 ба 80,5 фоиз, гурӯҳи миёна аз 39,6 ба 78,7 фоиз афзуда, дар гурӯҳи паст он таносубан аз 77,2 то 20,6 фоиз кам шуд.

Таҳқиқот нишон дод, ки ба ҷуз таъсиррасонии педагогӣ ба донишҷӯён дар доираи корҳои беруназаудиторӣ бо истифода аз ҳамоҳангсозии кӯшишҳои кормандони бахши фарҳанги мақомоти иҷрояи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ, кори мутассил бо волидайн ва дигар шаклҳои фарохи таъсиррасонии тарбиявӣ-эстетикӣ ба роҳ монда шаванд ҳам, муассисаҳои таълимӣ фаъолияти роҳбарии методии самаранокро оид ба тарбияи эстетикии муҳассилин пурра ба зиммаи худ гирифта, рушди эҷодиёти бадеии онҳоро пайдарҳам таъмин карда наметавонанд. Ин фаъолият ба муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ бештар иртибот дорад, то ки дар ҷараёни он ҳам роҳбарии салоҳиятнок ба маҳфилҳои эҷодиву худфаъолияти бадеии донишҷӯён, ҳам омӯзиши роҳбарони иттиҳодияҳои эҷодӣ ва фароғатӣ ва ҳам такмили барномаву репертуар ва ҷараёни таълимию тарбиявӣ дар маҳфилҳои бадеӣ-эҷодӣ хубтар ба роҳ монда шаванд.

Дар рафти кори озмоишӣ-таҳқиқотӣ ҷиҳати табдили муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ ба марказҳои ташкиливу методии роҳбарӣ ба ташаккули фарҳанги эстетикии муҳассилин, ва умуман ҷавонон дар мавзеи минтақаҳои шаҳрҳои хурд муайян намуданд, ки ҳоло дар ин самти кор захираҳои зиёди таъсиррасонии тарбиявӣ-эстетикӣ маҳфузанд. Масалан, ҷорӣ намудани низоми омӯзиши шаклҳои фаъоли корҳои тарбиявӣ-эстетикии муҳассилин доир ба технологияи муосир, такмили банақшагирӣ ва барномарезии ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг, ҷалби аҳли ҷамоатчигӣ, ходимони фарҳанг ва санъату олимони соҳаи фарҳанг, санъатшиносӣ ва соҳаи тарбияи эстетикӣ ба шумор мераванд.

Ҷалби муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ ба низоми тарбияи зебоипарастии муҳассилин дар заминаи бунёдӣ ва ё консепсия, барнома ва лоиҳаҳои таҳқиқотӣ доир ба корҳои таълимию тарбиявӣ вобаста аст. Зеро он дараҷаҳои рушди зебоипарастии муҳассилинро ба инобат мегирад. Ин амал имкон медиҳад, ки «шаклҳои тарбияи эстетикие, ки

дар муассисаҳои таълимӣ татбиқ мегарданд, мукаммал ва ғанӣ гардонда шаванд; хусусиятҳои инфиродии донишҷӯён ва зоҳирёбии шавқу ҳавас, фаҳмиши онҳо дар бораи нақши санъат дар фарҳанги ватанӣ ва тамаддуни ҷаҳонӣ беҳтар ба назар гирифта шаванд, таъсиррасонӣ ба муҳити эстетикии донишҷӯён беҳтару хубтар гардад; имконияти муошират педагогӣ вобаста ба масъалаҳои адабиёт ва санъат фарохтар ба роҳ монда шуда, онҳо аз ҷиҳати маънавӣ-эстетикӣ ташаккул ёбанд.

Муҳим он аст, ки ҷалби донишҷӯён ба намудҳои гуногуни эҷодиёти бадеӣ ва ташаккули маърифати зебоипарастии онҳо ҷараёни тарбиявии анҷомёфта маҳсуб ёфта, дониш ва маърифати эстетикӣ бо фаъолияти амалашон ҳамгиро гардад.

Мувофиқи таҳқиқоти олимон дар самти эҷодиёти бадеӣ дар оила, ҷалби аҳолӣ ба коллективҳои эҷодиёти бадеӣ дар соҳаи фароғатаи оилавӣ нисбат ба муассисаҳои клубӣ, бештар аст. «Агар он дар клубҳо 23,8 фоизро ташкил диҳад, дар фароғати оилавӣ фоизи он ба 44,5 баробар аст» [14,15]. Яъне оила чун маркази рушдёбии эҷодиёт имконияти бештар дорад. Хонавода барои рушди қобилиятҳои эҷодии ҳар як шаҳванд мусоидат карда метавонад. Дар ин маврид, ҳамкории оила бо муассисаҳои фарҳанг имконият медиҳад, ки рушди ҳунарҳои мардумӣ бо ёрии марказҳои фарҳангӣ дар сатҳи сифатан нав созмон дода шавад.

Дар натиҷаи фаъолияти амалии бадеӣ-эҷодӣ донишҳои зебоипарастӣ ба эътиқод, меъёр ва принсипҳои рафтор табдил хоҳанд ёфт.

Метавон гуфт, ки низоми маҷмӯи банақшагирии ҳамкории мутақобилаи муассисаҳои таълимӣ (масалан, ҳамкории коллеҷи шаҳри Панҷакент бо дигар муассисаҳои фарҳангӣ) оид ба ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён мувофиқи таҳқиқоти мо чун меъёр, барои мегаполиси минтақаи хурд шаҳрҳои хурд дуруст ҳисобида шуда, бартарӣ ва афзалияти худро тасдиқ намуд. Мебояд таъкид намуд, ки айни ҳол бо ташаббуси ниҳодҳои маориф ва фарҳанги мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент ин фаъолият дар барномаҳои давлатии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳрҳои минтақаи хурд ва дигар

минтақаҳо тасдиқ ва инъикоси худро ёфтаанд.

Таҳқиқоти мо собит сохт, ки ҳадафи тарбияи эстетикӣ бештар ташаккул додани фарҳанги зебоипарастӣ ба шумор мераваду он дараҷаи баланди фарҳанги инсонист. Зеро фарди фарҳангию зебоипараст дар муколама бо дигарон ҷои ҳар як сухану мақоми ҳар нуктаро медонад. Вай ҳеҷ гоҳ бо ҳарфи (алфози) фавқулодда касеро намеранҷонад. Тамоми рафтору одоби ӯ дилкаш ва зебост. Чунон ки Саъдии Шерозӣ фармудааст: «Тани одамӣ шараф аст ба ҷони одамият».

Ҳар қадами гузоштаи одам зебоии худро дорад, балки дар инсон ҳама чиз бояд зебо бошад – ҳам сурат ва сират.

Натиҷаи таҳқиқот собит сохт, ки маҳз робитаи мутақобилаи коллеҷҳои техникӣ бо ниҳодҳои фарҳангӣ, ягонагии таъсиррасонии ахборотӣ-мантиқӣ ва ҳиссӣ-образнокиро дар ниҳоди муҳассилин таъмин карда метавонад. Дар ин ҷода муассисаҳои фарҳанг ба барномаҳои таълимӣ такя карда, ҷиҳати азхудкунии асарҳои беҳтарини санъат ба донишҷӯён вобаста ба майлу рағбат, шавқу ҳавас, ва завқашон метавонанд, заминаи маърифати эстетикиро ғанӣ гардонида, ҷалбнамоии онҳоро ба ин ё он намуди эҷодиёти бадеӣ таъмин созанд.

Натиҷаи таҳқиқот ва ҷамъбасти таҷрибаи кори тарбиявӣ дар раванди ҳамкории мутақобилаи фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг дар шаҳрҳои аз ҷиҳати аҳолӣ камшумор нишон медиҳад, ки таҷрибаи мусбати кори тарбияи эстетикӣ бояд дарстраси дигар ниҳодҳои тарбиявӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ гардад. Таҳқиқоти мо дар давраи ташкил ва баргузории озмунҳои ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Илм – фурӯғи маърифат», «Донишҷӯ ва пешрафи илмӣ-техникӣ», озмунҳои сатҳи ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ доир ба намудҳои гуногуни санъат доир гардид. Ҷамъбасти натиҷаҳои озмун ва таҷрибаи онҳо гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки дар ин давра ҳамкории муассисаҳои маориф ва фарҳанг ҷиҳати рушди бадеӣ - эҷодӣ ва зебоипарастии ҷавонон ҷоннок шуда истодааст. Нақшаҳои ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг таҳия ва амалӣ шуда истодаанд. Қобили қайд аст, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

мувофиқи дархосту пешниҳоди мо низ дастури махсусро доир ба иштироки донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва коллеҷҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар намоишномаи театрҳо, таҳия ва ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ирсол намудааст.

Ҳамин тавр, ин ҳама нуктаҳои дар боло баррасишуда фарзияи пешниҳоднамудаи моро тасдиқ кард. Бахусус, мафҳумҳои моҳияти эстетикикунонии мундариҷаи таҳсилот (азхудкунии фанҳои силсилаи эстетикӣ), маърифати эстетикӣ, ташаккули малакаҳои зебоипарастӣ, истифодаи технологияи муосири таълимӣ ва фарҳангию фароғатӣ дар раванди корҳои таълимӣ ва беруназаудиторӣ бо донишҷӯёни коллеҷ, таъсиси мақомоти таъминкунандаи ҳамоҳангсозии кори муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг имкон медиҳад, ки муҳассилин арзишҳои эстетикиро хубтар азхуд намоянд ва ба фаъолияти эстетикӣ бештар ҷалб карда шаванд. Яъне, «ба вуҷуд овардани шароитҳои ташкиливу педагогии мусоид ва беҳтар дар тарбияи эстетикии донишҷӯён имкон медиҳанд, ки сатҳи баланди тарбиятгирандагии фарҳангиву зебоипарастӣ дар ниҳоди онҳо ва дар зиндагии ҳамарӯзаашон инъикос гарданд» [125, 98].

Барои аз падидаҳои зидди иҷтимоӣ раҳоӣ ёфтан дар вақтҳои холӣ ҳар одам бояд дар худ маҳорати оқилона истифодабарии фароғатро тарбия намояд, онро бо арзишҳои эстетикӣ ғанӣ гардонад. Яъне барои ҳар кас, махсусан, ҷавонон қадр кардани ҳар дақиқаву соати зиндагӣ ва онро ба кори фоидаовари ҷамъиятӣ ва шахсӣ сарф кардан бояд мақсади олӣ гардад. Дар ин бобат, ба донишҷӯёни коллеҷ ҷиҳати иштирок дар муассисаҳои фарҳанг, қасри ҷавонон, театри шаҳр, осорхона, ҷалби онҳо ба эҷодиёти илмӣ-техникӣ ва бадеӣ тавассути маҳфилҳои бадеӣ-эҷодӣ (санъати мусиқӣ, театрӣ, тасвирӣ, амалӣ-ороишии халқӣ, рақс ва дигар намудҳои фаъолияти эҷодӣ), машғулият ба техника, варзиш имконияти васеъ дода шудааст, ки ин ҳамаро самаранок истифода баранд.

Дар маркази таваҷҷуҳи омӯзгорон ва устоҳои таълимӣ-истеҳсолӣ бояд «чорабиниҳои беруназаудиторӣ ба мисли ҳамкории мутақобилаи мақсадноки онҳо ва донишҷӯён, муколамаи иштирокчиёни раванди

педагогӣ қарор дошта бошанд» [124, 68]. Дар рафти чунин ҳамкориҳо бояд омӯзгор донишҷӯро ба дарки танқидпазиронаи ҳақиқати бадеии атроф ва таҳкими рефлекси худшиносӣ низ водор созад.

Ҳамин тариқ, дар раванди таҳқиқоти озмоишӣ мо кӯшиш намудем, ки дар маҷмӯи боз ҳам самарабахшии тарзу усулҳои идоракунии раванди педагогии донишҷӯёни коллеҷ дар доираи барномаи инфиродӣ коркард ва такмил дода шуда, дар ин ҷода мустақилият ва худомӯзии ҳамагонии эстетикии онҳо рушд намояд.

Ҳамчунин, мо ҷидду ҷаҳд намудем, ки дар раванди корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ нерӯи тарбиявии анъанаҳои фарҳанги миллии мардуми тоҷик (аз ҷумла, дар маҳал) муайян карда шуда, хусусияти корҳои омӯзгорон, устоҳои истеҳсолӣ, кураторони коллеҷҳо, волидайн ва кормандони муассисаҳои фарҳангро низ дар ин самт тавсиф намуда, шартҳои истифодабарии анъанаҳои мардумӣ коркард шаванд, то ин ки истифодаи онҳоро дар фаъолияти муштараки ин ду ниҳод мавриди озмоиш қарор диҳем.

Масалан, дар давоми солҳои 2020-2022 ба кори озмоиш беш аз 70 нафар омӯзгорони коллеҷ, 40 оила (аз ҷумла 20 оила аз деҳот) ва 50 нафар донишҷӯёни коллеҷ фаро гирифта шуда буданд. Дар ин раванд иҷрои як қатор тадбирҳо дар мадди назар дошта шуда буд, ки аз ҳама муҳимтар барқарорсозии ҳамкории эҷодии коллеҷҳо, муассисаҳои фарҳанг ва волидайни онҳо дар самти истифодабарии расму ойину анъанаҳои маҳал дар бобати такомули фарҳанги эстетикӣ ва тарбияи маънавии доншҷӯён ба ҳисоб мерафт. Ғайр аз ин, дар ин марҳала мо сатҳи омодагии мураббиёнро дар ҳалли масоили мазкур таҳқиқ намуда, мушкилотеро ҳам ошкор сохтем, ки дар раванди чунин фаъолияти муштарак вуҷуд доштаанд.

Дар рафти таҳқиқот ба мақсади муайян намудани тайёрии омӯзгорон ва устоҳои таълимӣ-истеҳсолӣ оид ба тарбияи эстетикӣ мо дар байни онҳо хонапурӣ кардани анкета гузаронидем. Зимни ин усули кори таҳқиқотӣ мо роҳҳои беҳтар кардани ҷалби донишҷӯёнро ба

фаъолияти эстетикӣ ва истифодаи анъанаҳои бадеиро дар ин самти кори тарбиявӣ муайян кунем, ва беҳтар гардидани ташаккули фарҳанги эстетикиро назорат намоем.

Дар натиҷа, мушоҳидаҳои мустақим ва ғайримустақими давомнок, суҳбати инфиродӣ ва гурӯҳӣ, пурсишу мусоҳибаи доирнамудаи мо дар раванди озмоиш имкон доданд, ки бевосита сатҳи истифодаи арзишҳои эстетикӣ ва расму ойину суннатҳоро дар ташаккули фарҳанги эстетикии зебоипарастии донишҷуёни коллеҷҳо муайян намоем.

Дар раванди пажӯҳиш 100 нафар донишҷуёни коллеҷи техникӣ ба пурсиш фаро гирифта шуданд, ки аз ин теъдод 50 нафарашон аз деҳот буданд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, истифодаи анъанаҳои бадеӣ аз ҷониби омӯзгорон ва устоҳои таълимӣ-истеҳсолӣ дар кори тарбияи эстетикӣ имкон дод, ки сатҳи дониши эстетикии донишҷӯён баланд гардида, иштироки онҳо дар кори беруназаудитории самти эстетикӣ-дошта афзуда, онҳо ба муассисаҳои фарҳангии шаҳр бештар иштирок мекардагӣ шуданд.

Таваҷҷуҳи онҳо ба ҳаёти фарҳангӣ-эстетикии шаҳр ва иштироки фаъолонаашон дар чорабиниҳои сатҳи шаҳрӣ ва вилоятӣ бештар гардид. Зиёд шудани иштироки донишҷуён дар маҳфилҳои бадеии коллеҷ ва қасри фарҳангу қасри ҷавонони шаҳр низ далели равшани фаъолии иҷтимоӣ-фарҳангии онҳо мебошад. Зимни интихоби воситаи таъсирбахш, хусусиятҳои инфиродӣ, синну сол ва таҳсилоти донишҷӯён, инчунин, шавқу ҳаваси онҳо ба эътибор гирифта шуданд.

Натиҷаҳои пурсиш аз он муайян намуд, ки донишҷӯёни аз деҳот омада назар ба шаҳриҳо суннатҳои миллӣ ва расму оинро беҳтар медонанд. Умуман, дар деҳот мардум суннатҳои миллӣ ва саҳми онро дар раванди тарбияи маънавию эстетикии фарзандону наберагон хубтар дарк кардаанду риоя менамоянд. Масалан, ба саволи «Оё Шумо бо усулу тарзи ҳамкорӣ дар тарбияи эстетикӣ шинос ҳастед?» посух гирифта, муайян намудем, ки дар ин маврид донишҷӯёни шаҳрӣ назар ба деҳотиён дар бораи усулҳои умумӣ ва хоси тарбия се баробар зиёдтар маълумот

доранд.

Инчунин, зимни посух ба саволи «Оё анъана ва расму ойинҳои маҳалли Шумо ҳамкории ниҳодҳои гуногунро дар тарбияи эстетикӣ таъмин карда метавонанд?» – ба чунин хулоса омадем, ки дарки ойину суннатҳои миллӣ барои донишҷуёни шаҳриву деҳотӣ якхела нест.

Бояд қайд кард, ки фаъолияти дастаҷамъонаи муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг дар низоми тарбияи эстетикӣ, бахусус истифодаи анъанаҳои бадеӣ, тақозо мекунад, ки шаклу методҳои инноватсионии тарбия, ҷалби онҳо ба маҳфилҳои эҷодиёти бадеӣ, дастаҳои фолклорӣ ва ҷашну маросимҳои миллӣ ҳам дар муассисаҳои фарҳанг ва ҳам дар кори тарбиявии худи таълимгоҳ бештар истифода бурда шаванд.

Дар тарбияи эстетикӣ ҳамчунин ба мақсад мувофиқ аст, ки махсусияти коллеҷҳо ҳатман омӯхта шавад, ки дар он фарзандони ҳам шаҳриён ва деҳотиён таҳсили касб менамоянд.

Таҳқиқот (дар он усули дигари пажӯҳиш низ мавриди истифода қарор гирифтанд, чунончи, мушоҳида, омӯзиши ҳуҷҷатҳои коллеҷ, суҳбат бо муовинони директор ва кормандони муассисаҳои фарҳанг, таҳлили нақшаи дурнамои муассисаҳои таълимӣ) ошкор сохт, ки «шарти муҳимтарини самарабахшии тарбияи эстетикӣ аз он вобаста аст, ки шаклҳои чорабиниҳои эпизодӣ (яъне номунтазам, гоҳ-гоҳ ташкил шаванда) дар коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг на лаҳзавӣ, балки мунтазам гузаронида шаванд ва ҷалби донишҷӯёнро пайваста ба маҳфилҳои эҷодиёти бадеӣ таъмин намоянд» [31,68]. Чи тавре, Ю.Д.Красилников қайд мекунанд, «Тавасссути истифодаи консепсияи лоиҳаҳо дар соҳаи эҷодиёти халқ, таҳия ва ташкили барномаҳои истифодаи жанрҳои гуногуни фолклор дар муассисаҳои таълимӣ, коллективҳои худфаъолиятӣ, маҳфилҳоро тавсеа бахшанд» [41, 211].

Хонапурӣ намудани анкетаҳо, мушоҳида, омӯзиши ҳуҷҷатҳои коллеҷ, суҳбат бо муовинони директор, устоҳои таълимӣ-истеҳсолӣ ва кормандони муассисаҳои фарҳанг, таҳлили нақшаҳои кори тарбиявии коллеҷ ва барномаҳои дурнамои муассисаҳои таълимӣ имкон доданд, ки

баъзе норасоиҳо ҷиҳати ба роҳ мондани эстетикикунонии таҳсилот муайян карда шаванд. Чунончи:

а) устоҳои таълимӣ-истеҳсолӣ, омӯзгорони коллеҷ ва кормандони муассисаҳои фарҳанг бо мазмуну муҳтаво, технологияи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва педагогӣ, тарзҳои ҳамкории мутақобила ва кори муштараки ниҳодҳо дар самти ташаккули фарҳанги эстетикӣ начандон хабардоранд;

б) таҷрибаи кори муассисаҳои фарҳанг ва коллеҷҳо ҷиҳати тарбияи фарзандон дар руҳияи ойину суннатҳои миллӣ-фарҳангӣ кам истифода мешаваду дар байни волидон масъалаҳои тарбияи эстетикӣ ва ҳамкории ниҳодҳои тарбиявӣ ташвиқу тарғиб басо кам ба роҳ монда мешудаанд;

в) теъдоди ками волидайн дар шароити фориғ аз дарсҳо ба гузаронидани чорабиниҳо оид ба шинос намудани фарзандон бо арзишҳои эстетикӣ, анъана ва русуми миллӣ машғул мешаванд;

г) инчунин, донишҷӯён оид ба вазифаҳои тарбияи эстетикӣ, робитаи муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ, ойину суннатҳои миллӣ-фарҳангӣ ва бадеӣ донишу маҳорати кофӣ надоранд. Маълум гардид, ки танҳо 21,5% донишҷӯёни коллеҷ бо адабиёти соҳаи эстетикӣ ва анъанаҳои миллӣ-фарҳангӣ шиносанд; 49,8% чунин адабиётро аслан нахондаанд ва ба он шавқу рағбате надоранд; боқимондаҳо изҳор доштанд, ки чунин китобҳоро намехонанд, гӯё ки дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа онҳо кӯҳнаву нолозим шуда бошанд.

Муҷиби таъкид аст, ки омӯзишҳо ва таҳқиқот доир ба такмили фарҳанги зебоипарастӣ дар фаъолияти омӯзгорону мураббиён ҳамаи самтҳои маҷмуи раванди тарбиявиро фаро мегирад. Мисол, ташаккули фарҳанги эстетикӣ чун қисми таркибии тарбияи маънавӣ инкишофи мавқеи шаҳрвандӣ ва ҳуқуқии шахсияти донишҷӯёнро доир ба истифодаи арзишҳои маънавӣ-эстетикии онҳо дар назар дорад. «Иртиботи мутақобилаи тарбияи эстетикиро бо тарбияи маънавӣ, меҳнатӣ ва ахлоқӣ, иштироки озодонаро дар эҷодиёти бадеӣ ва илмӣ-техникӣ» [127,36] таъкид намуда, қайд кардан ҷоиз аст, ки донишҷӯён бобати дар худ зиёд намудани арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷомеа вазифаи шарҳвандӣ, ватанпарастии хешро ҳам иҷро мекунанд.

Дар коллеҷҳои техникии минтақаи шаҳрҳои хурд фаъолияти омӯзгор, ҳамчунин, зимни такя ба ташвиқоти корҳои техникӣ ва истеҳсолии маҳал анҷом дода мешавад.

Бо ташаббусу фаъолияти мураббиёни гурӯҳ, оилаҳо ва комиссияҳои ҷамъиятӣ доир ба анъанаву маросимҳои тантанавӣ ҷамъомадҳои гуногуни таърихӣ-фарҳангӣ низ гузаронида мешаванд. Махсусан, дар давраи таҳқиқоти гузаронидаи мо дар ш. Панҷакент ошноӣ пайдо кардан аз таърихи қадимаи Саразм, ки тамоми халқи тоҷик ва пешқадами ҷаҳон 5500 - солагии онро таҷлил намуданд, пиру ҷавони зиёде аз ин макони таърихӣ дидан карда, бо фарҳанги замони қадим ошноӣ пайдо намуданд. Дар ин раванд онҳо ҳам сатҳи маърифати эстетикӣ ва ҳам худшиносии хешро такмил доданд. Ё ин ки, масъалан, чунин маъракаҳо дар аксарияти шаҳру ноҳияҳои вилояту ҷумҳурӣ дар ҷараёни баргузории туйи арӯсӣ, домоду арӯс дар ҷойҳои шуҳратманд, чун дар назди муҷассамаҳои Садриддин Айнӣ, Исмоили Сомонӣ, Абуалӣ Сино ва мавзеъҳои таърихиву фарҳангии маҳаллаашон, ки муаррифгари дурахшони беҳдошти маънавии соҳаи фаъолияти ҳаётии зиндагӣ ба шумор мераванд, бо як зебоии махсус зебои адабӣ таъсис дода мешаванд. Ин маросимҳо низ ҳам нафосати инсонӣ ва ҳам меҳру муҳаббат, ишқу садоқат ва ҳам ҷиҳатҳои зебоипарастиро дар ҷавонон ташаккул медиҳанд. Бахусус, рафти корҳои озмоишӣ дар байни донишҷӯёни коллеҷи ш.Панҷакент имкон дод, ки арзишҳои миллӣ-фарҳангӣ дар доираи фаъолияти омӯзгор оид ба корҳои таълимию тарбиявӣ ва берун аз он, дар вақти фароғати онҳо дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои фарҳанг бештар имконпазир гардад.

Дар ҷамъбасти таҳқиқот бо дарназардошти принсипи интегративӣ ва тафриқавӣ, ҳамзамон гузаронидани тадбирҳои тарбияи эстетикӣ дар байни донишҷӯёни коллеҷ бобати дарку сарфаҳмравии онҳо ба арзишҳои зебоипарастӣ, ҷалбшваии онҳо ба эҷодиёти бадеӣ, ба анъанаву ойинҳо, аз ҷониби мо пажуҳишгарон, «барномаи педагогии ҳамкории педагогии коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг оид ба ташаккули

фарҳанги эстетикии донишҷӯён таҳия карда шуд, ки асосан бо назардошти гурӯҳҳои типологӣ [70,48-49]» коркард гардидааст. Чунончи:

Дар гурӯҳи якуму дуюм, яъне дар байни донишҷӯёни бо дараҷаи на чандон баланди фаҳмиши арзишҳои эстетикидошта чунин тадбирҳо андешида ва амалӣ карда мешаванд:

- истифодаи натиҷаи таълими фанни этика ва эстетика, хониши адабиёти бадеӣ, иштирок дар консерту спектаклҳои театри шаҳрӣ, намоишҳои ҳунарҳои мардумӣ бо мақсади таъсирбахшӣ ба шуур ва эҳсосоти донишҷӯён;

- ба тафаккури омӯзгорон таъсир расонидан ва баланд бардошатни сатҳи шиносонидани онҳо бо расму ойину суннатҳои фарҳангӣ ва махсусияти истифодабарии онҳо дар раванди таълим;

- омӯзиши таҷрибаи пешқадам дар асоси арзишҳои миллӣ-эстетикӣ ва универсалӣ, коркарди дастурамали методӣ, тавсияҳо ва дигар маводи таълимӣ-методӣ оид ба ташаккули фарҳанги эстетикӣ;

- дар кори тарбияи эстетикӣ ягонагии ҷиҳатҳои маърифати эстетикӣ ва ҷалбнамоии донишҷӯён ба фаъолияти эстетикӣ дар раванди ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ҳамроҳ бо муассисаҳои фарҳангӣ пешбинӣ ва моделҳои мувофиқ интихоб карда шаванд;

- вобаста ба ин система шакл ва воситаҳои самараноки тарбияи эстетикии донишҷӯён дар раванди таълим ва корҳои беруназаудиторӣ мавриди истифода қарор дода шаванд, ки на танҳо донишҳои эстетикӣ, балки малакаҳои арзёбӣ намудани асарҳои санъатро бояд ташаккул диҳанд.

Дар гурӯҳи сеюми донишҷӯён, ки дар онҳо фаҳмиши аҳаммияти иҷтимоӣ ва арзишҳои эстетикӣ, истифодаи ойину суннатҳои маҳаллӣ дар тарбияи фарҳангӣ-эстетикӣ мушоҳида карда шавад ҳам, дар амалия ниҳоят кам истифода мешаванд, ба мақсад мувофиқ аст, ки вазифаҳои зерин ба нақша гирифта шаванд:

- такмили методикаи таълими машғулиятҳои амалӣ аз фанни эстетика

ва этика, хубтар ба роҳ мондани ҳамкории маъмурияти коллеҷ, муассисаҳои фарҳанг ва хонавода дар тарбияи эстетикӣ;

- омодасозии нақшаву барномаҳои корҳои муштараки тарбиявӣ, сенария ва чорабиниҳо доир ба тарбияи эстетикӣ (муҳокимаи асарҳои адабиёт ва санъат, иштирок дар чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва шаҳриву ноҳиявӣ, намоишҳои телевизионӣ) зимни такя ба анъанаҳои бадеӣ, истифодаи намоишҳои ҳунарӣ, махсусан, ҳунарҳои мардумии шаҳру ҷамоатҳои деҳот дар корҳои тарбиявӣ;

- ҳавасмандгардонии донишҷӯёни дастаҳои худфаъолияти бадеӣ, ки дар чорабиниҳои тарбиявӣ-эстетикӣ фаъоланд;

- ташкили семинарҳо барои омӯзгорон ва устоҳои таълимӣ-истеҳсолӣ, суҳбатҳо, баҳсу мунозира дар атрофи асарҳои бадеӣ оид ба ғанигардонии мундариҷаи донишҳои эстетикӣ ва усули истифодабарии анъанаҳои фарҳангӣ дар корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ, мутобиқ ба синну соли гуногун ва категорияи донишҷӯён ва ғ.

- ғанӣ ва бой гардонидани мазмун ва шаклҳои самараноки таъсиррасонии ғоявӣ-ҳиссӣ дар тарбияи эстетикии донишҷӯён вобаста ба иштирокашон дар чорабиниҳои маърифативу эстетикӣ;

- истифодаи намоишҳои ҳунарӣ, махсусан, ҳунарҳои мардумӣ, тавсеаи ҷалбнамоӣ муҳассилин ба эҷодиёти бадеӣ бо дарназардошти анъанаҳои бадеии маҳал дар доираи ҳамкории муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг оид ба тарбияи эстетикӣ;

- дар семинар-машваратҳо баррасӣ намудани масъалаҳои тарбияи эстетикӣ ва бо маводи таълимӣ-методӣ таъмин намудани он:

- вусъат бахшидан ва ҷалб кардани волидайн ба корҳои ташкилӣ оид ба кори тарбиявӣ-эстетикии муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг;

- муҳокимаи асарҳои адабиёт ва санъат, иштирок дар чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва шаҳриву ноҳиявӣ, намоишҳои телевизион, истифодаи босифати фарҳанги ватанӣ ва тамаддуни ҷаҳонӣ, ки маърифати эстетикии омӯзгорон, устоҳои истеҳсолӣ, кормандони фарҳанг ва донишҷӯёнро баланд мебардорад.

Ҳамчунин, мебояд афзуд, ки дар ҳамаи гурӯҳҳо дар рафти корҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ «коркарди барнома универсиалии тарбияи эстетикии одамон дар шакли муташаккил ва номуташаккил» [70,77], табдили муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ ба марказҳои ташкиливу методии роҳбарӣ ҷиҳати ташаккули фарҳанги эстетикии муҳассилин, умуман, ҷавонон дар мавзеи шаҳрҳои аҳолиашон камшумор роҳандозӣ гардида, раванди гузаштани омӯзгорон аз курсҳои такмили ихтисос шарти татбиқи барномаи педагогӣ маҳсуб меёфт, ки ҳоло дар ин самти кор захираҳои зиёди таъсиррасонии тарбиявӣ-эстетикии муҳассилин дар мадди назаранд.

Бояд қайд кард, ки ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги зебоипарастии омӯзгорон ва донишҷӯён барномаи педагогӣ дар ҳар се гурӯҳ бобати истифодаи самараноки захираҳои ниҳодҳои муҳимми тарбияи эстетикӣ (маориф ва фарҳанг), таъмини равандҳои ҳамгиросозӣ, пайдарпайӣ ва риояи катъии иҷроишро тақозо менамояд, то ки ба ҳалли вазифаҳои тарбиявӣ-эстетикӣ мусоидат карда тавонад.

Инак, ин ҳама талаботи дар боло ироашуда барои он арзишманданд, ки мушаххасан ҳам дархости омӯзгорон ва ҳам талаботи донишҷӯёнро қонеъ менамоянд, ба фаъолшавии таблиғоти умумии педагогӣ ва тафсири масоили фарҳанги эстетикӣ мусоидат менамоянд. Барномаи мазкури педагогӣ дар ҳамаи гурӯҳҳо ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги эстетикии омӯзгорон ва донишҷӯён мусоидат карда метавонад. Бо вуҷуди он, на ҳамаи омӯзгорон, донишҷӯён ва кормандони соҳаи фарҳангро метавон якзайл дар сатҳи баланди шуурнокӣ ва фаъолнокӣ эстетикӣ тавсиф кард.

Дар марҳалаи шаклгирии таҳқиқоти мазкур дар доираи семинарҳои кормандони фарҳанги ш. Панҷакент дар чанд коллеҷҳои такягоҳӣ истифодаи барномаи педагогии таҳия намудаи мо оид ба ҳамкории фаъолияти тарбиявии коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ бобати такмили ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯёни ва ҳамзамон кори тарбиявӣ дар хобгоҳи истиқоматкунанда ҷоннок карда шуд, ки дар натиҷа донишҷӯён ба кори муассисаҳои фарҳангию

фароғатии шаҳр бештар ширкат меварзидагӣ шуданду робитаашон бо театри мусиқӣ-драмавӣ ва осорхонаи кишваршиносии ш. Панҷакент мустаҳкамтар шуд.

Мебояд таъкид сохт, ки фаъолияти муштараки коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳангӣ дар самти такмилу ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён, чунон ки таҳқиқоти иҷтимоӣ-педагогӣ нишон медиҳанд, аз ҳама ҷолибтар барои ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ ташкил намудани барномаи фарҳангӣ-фароғатӣ натанҳо дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг, балки дар ҷойи истиқомат маҳсуб меёфт. Вобаста ба ин он чорабиниҳои эстетикие, ки дар заминаи синтези кори иттилоотӣ-маърифатӣ ва ҳиссӣ-образнокӣ ташкил шуданд, аз ҷониби муҳассилин хеле хуб қабул карда шуда,тхотирмон буданд. Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», таъсиси мусобиқоти варзишӣ дар байни коллеҷҳо ва таълимгоҳҳои дигари шаҳр доир ба шаклҳои миллии варзиш, консерти ҳунармандони касбӣ ва худфаъолиятӣ низ теъдоди зиёди донишҷӯёнро ҷалб карда, ба кулли иштирокдорон таъсири хуби эстетикӣ расониданд.

Намоишҳои ҳунари духтарони коллеҷ низ ба шавқу рағбат ва завқи бадеии иштирокчиёни чорабиниҳо бедор кард ва онҳоро фаъол гардонд.

Албатта, донишҷӯёни коллеҷҳои самти техникӣ низ бобати иштирок дар чунин навъи фаъолият, монанди машқ дар коллективи эстрадӣ, маҳфили навозиш дар созҳои миллӣ, коллективи фолклорӣ майлу рағбати тамом доштанд. Аммо дар доираи ҳунарҳои мардумӣ ва эҷодиёти амалии ороишӣ, бадеӣ афзалият ба маҳфилҳои бурранда, дӯзанда, санъати амалӣ-ороишии бадеӣ, аксбардорӣ, кандакорӣ дар чӯб, зардӯзӣ, дизайни соҳаи маишӣ ва фароғатӣ, кулолгарӣ, гулдӯзӣ ва ниҳоят, ба технологияҳои компютерӣ дода шуданд. Ҳамчунин, дар шароити деҳот таъсис додани маҳфилҳои сайёҳӣ, варзишӣ, машғулшавӣ бо боғдорӣ, занбӯрпарварӣ, дигар анъанаҳои миллӣ, ки завқи зебоипарастиро бедор мекунанд, низ мароқ бештар зоҳир карда мешавад. Ин шавқмандӣ дар оянда низ нигоҳ дошта шуда, зарур аст, ки бартарияти татбиқи он дар доираи иттиҳодҳои эҷодии оммавӣ боз ҳам

бештар идома ёбад. Чунки мувофиқи таҳқиқоти Р.Амиров «ин ҳама шаклҳои фаъолият, ки дар охир номбар шудаанд, дар доираи шаклҳои клубии ташкили фароғату фарҳанги маишӣ низ бартарият доранд. Дар раванди таъсиси чунин фаъолиятҳои эҷодӣ муштариён ба муассисаи фарҳангӣ на танҳо чун ташкилкунандаи барномаи фарҳангӣ - фароғатӣ ва коллективи худфаъолиятӣ, балки ҳамчун ба маркази гузаронидани тадбирҳои тарбиявӣ назар меандозанд» [14,12-17].

Дар ин гуна ҷойҳо (дар муассисаҳои фарҳанг) гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ-демографӣ метавонанд вақти холии худро гузаронанд, бо дӯстон суҳбатҳо ороянд, шавқманд гардидаву бо фароғат истироҳат намоянд. Аудиторияи ҷавононро низ метавон бо ташкили консертҳои театришуда, озмунҳои хушҳолону ҳозирҷавобон, чорабиниҳои варзишӣ, маҳфилҳои рақсӣ, даъвати ҳунармандони касбӣ фаъолноктар намуд. Умуман, ҷавонон континенти асосии барномаи консертӣ-намоишӣ ва вақтхушии шавқангезро ташкил медиҳанд.

Аксари муштариён дар раванди корҳои ташкилӣ дар чунин барномаҳои фарҳангӣ рағбат зоҳир карда, дар он фаъолона иштирок карданро афзал мешуморанд. Аммо, дар маҷмуъ, майлу муносибати ҷавонон нисбат ба муассисаҳои фарҳангӣ хеле гуногунанд. Илова бар он, тамоил ба намудҳои фаъолияти ҳаматарафа бартарӣ дорад, ки на танҳо азхудкунии арзишҳои маънавӣ-эстетикӣ, балки шароити иштироки бевоситаро дар бунёди онҳо ҳам фароҳам меоварад.

Инак, бо вуҷуди ин ҳама, агар дар солҳои охир ба натиҷаҳои омӯзиши тамоили воқеии гурӯҳҳои мухталифи ҷавонон дар соҳаи фароғат рӯй орем, метавон хулоса намуд, ки мутобиқшавии онҳо ба азхудкунии арзишҳои эстетикӣ дар муассисаҳои фарҳангӣ ягона нестанд. Чунончӣ, фарогирии воқеъии ҷавонон ба машғулиятҳои фароғатӣ дар бисёр коллеҷҳои техникии шаҳру ноҳияҳо ночиз аст. Ба мо муяссар гардид, ки дар ин бобат шуғли маъмултари фароғатии гурӯҳҳои синну соли гуногунро муайян намоем. Аз ҷумла, мувофиқи натиҷаи таҳқиқот маълум гардид, ки рафтан ба синамо – 38%, ба тамошои барномаи

консертӣ – 32%, ба хондани адабиёти бадей – 28% - ро ташкил медодаасту бас. Дар ин бобат яке аз омилҳои носозгор дар барномаҳои фарҳангӣ - фароғатӣ кам ширкат доштани ҷавонон, дур будани марказҳои фароғатӣ аз хонаву хобгоҳ маҳсуб меёфтаанд. Аз ин лиҳоз, дуруст ба ҳисоб нагирифтани талаботи маънавӣ ва дархости гурӯҳи иҷтимоӣ - демографии омӯзанда ба он меоварад, ки дар аксари ҳолатҳо муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва умумияти маънавию эстетикӣ новобаста аз ҳамдигар арзи вуҷуд мекунанд. Аз ин рӯ, бобати ин нукта мебояд ҷиддӣ таъкид намуд, ки дар шароити муосир чунин ҷудоӣ яке аз омилҳои асосии коҳишёбии эътибори бисёр муассисаҳои фарҳангиву фароғатӣ ва камтаваҷуҳии нисбии донишҷуёни коллеҷҳо қарор гирифтааст.

Вобаста ба ин ҳалли ду вазифа мувофиқи мақсад аст:

1. Омӯзиши таҷрибаи таҳқиқи эҳтиёҷоти маънавии аҳолӣ, бахусус ҷавонон ва дар ин замина сохтани барномаҳои фарҳангию фароғатӣ;

2. Ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами кори муассисаҳои фарҳанг ва омӯзиши таҳқиқотҳои Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва иттилооти назди вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт;

3. Таҳия ва баргузор намудани барномаҳои фарҳангӣ - фароғатӣ бо роҳи созмон додани гурӯҳҳои гуногуни ташаббускор, аз ҷумла, фаъол гардонидани ҳамкорӣ бо Шурои занон, ҷавонон ва бонувон, созмонҳои ҷамъиятии коллеҷҳо ва ғ.

Дар ин бобат метавон гуфт, ки ҳоло ш. Панҷакент дар заминаи муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ зиёда аз даҳ маҳфили гуногуни ҳунарӣ ва санъат, навозандагӣ, шашмақомхонон, сарояндагони эстрадӣ ва маҳфилҳои гуногуни дӯстдорони санъат амал мекунанд, ки дар онҳо бештар донишҷӯёни коллеҷ иштироки фаъолона доранд. Ҳар яке аз самтҳои дар боло баррасишуда дорои корҳои махсуси тарбиявию эстетикӣ, фарҳангӣ-фароғатӣ ва хусусияти хоси худро доранд. Бо вуҷуди ин, дар ҳар кадоми ин маҳфилҳо чанд нишонаи умумӣ, дар маҷмуъ, ба дигар маҳфилҳо хосро метавон номбар намуд, ки ба манфиат ва

дархости донишҷӯён нигаронида шудаанд. Чунин дархостҳо метавонанд, минбаъд асоси захираи ҳамкории муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ гарданд.

Ин нуктаро олими рус В. А. Разумный, ки доир ба масъалаҳои тарбияи эстетикӣ тавассути фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ таҳқиқотҳои зиёде анҷом додааст, тасдиқ мекунад. Ӯ самаранокии тарбияи эстетикиро дар «**ҳамгиройи** фаъолияти осорхона, филармония, комплексҳои варзишӣ ва умуман, ҳамаи боигариҳои фарҳанги маънавӣ бо иқтидори моддии он дар заминаи эҷодӣ ва таъсири раванди таълим, иттилооти оммавӣ ва методикаи нави омӯзиши ҳамагонии эстетикӣ», мебинад [69, 51-52].

Ҳамин тариқ, хулоса бояд кард, ки ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ бо дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар заминаи барнома, консепсия ва стратегияҳои давлатӣ, вобастагии амиқи тақсим кардани нақшҳо, ҷойгоҳ ва коркарди дурусти механизме, ки иҷрои зарурии онҳоро муайян мекунад, хеле муҳим ва зарур мебошад.

Натиҷа ва нуктаҳои асосии таҳқиқот доир ба самаранокии истифодаи барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар раванди ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг, нақшаҳои корҳои тарбиявии коллеҷ ва барномаҳои эҷодии муассисаҳои фарҳангро таҳлил намуда, бояд зикр кард, ки натиҷаҳои истифодаи ин барнома дар соҳаи фарҳанг, шавқу рағбати кормандони коллеҷ, волидайн ва зиёда аз ин, худи шавқу рағбати муҳассилинро ба чорабиниҳои фарҳангии қасри фарҳанг, қасри ҷавонон ва намоишномаҳои театрӣ, консертҳо афзун гардонидаанд. Дар рафти таҳқиқот як шарти татбиқи барномаи педагогӣ ба раванди гузаштани омӯзгорон аз курси такмили ихтисос иртибот дошт, ки ин низ муҳиммияти хосро бобати ба корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ бештар ҷалб намудани донишҷӯён дар муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ барояшон тавсияҳо пешниҳод гардида буданд. Ҳамчунин, яке аз шартҳои дигар зарурати таъмини ҳамкории мутақобилаи коллеҷҳои техникӣ бо дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ - фарҳангӣ дар ташаккули фарҳанги эстетикӣ буд, ки

ин нукта мутобиқшавии онҳоро ба фаъолияти таълимиву истеҳсолӣ ва ҷалбнамоии онҳо ба фаъолияти эстетикии фароғатӣ таъмин намудан аст.

Ниҳоят, хулоса кардан мумкин аст, ки ташаккули маърифати эстетикии **ва ҷалби** муҳасилин **ба фаъолияти бадеӣ-эҷодӣ** унсурҳои муҳим ва афзалиятноки соҳаҳои маориф ва фарҳанг ба шумор меравад ва ҳамгиройии муассисаҳои ин система, яъне маорифу фарҳанг ва дигар ниҳодҳои ҷамъиятӣ зимни ҳамкорӣ, таҳқиқи махсус ва коркарди технологияҳои навро тақозо менамояд, ки дар ин хусус дар фавқ мо чанде аз андешаҳои худро баён намудем.

Хулосаи боби 3

Натиҷагирӣ аз роҳандозӣ намудани барномаи таҳқиқотии педагогӣ дар зинаҳои ҷустуҷӯӣ ва ташаккулдиҳандаи таҳқиқот моро ба чунин хулоса овард, ки ташаккули фарҳанги зебоипарстии донишҷӯёни коллеҷ дар шаҳрҳои хурд ба ифрасохтор, мавҷудияти муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг, фаъолияти самараноки онҳо дар ин самт вобастагии зич дорад.

Фаъолияти тарбиявӣ-эстетикӣ бо истифода аз имкониятҳои воқеии воситаҳои санъат, арзёбии асарҳои мутолиашуда, тамошои филм, намоишҳои театрикунонидашуда ва махсусан, тавассути ба фаъолияти бадеӣ-эҷодӣ шомил гардидани донишҷӯён ҷиҳати ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷуён васеъ ва ғанӣ гардонда мешавад.

Натиҷаҳои омӯзиш ва таҳлили мавзуи мазкур дар ҳамин боб имконияти пешниҳоди хулосаҳоеро ба миён овард, ки фишурдаашон ба тариқи зайл аст:

- дар самти тарбиявӣ-эстетикӣ омодасозии мутахассисони махсуси соҳаи фарҳанги мардумӣ, омӯзгорони фанҳои фарҳангшиносӣ ва тарбияи эстетикӣ тайёр карда шуда, ба онҳо таҷрибаи кор оид ба баланд бардоштани фарҳанги зебоипарастӣ бо ҷавонон омӯзонида шавад;

- кори курсҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф ва фарҳанг дар ин самт тақвият бахшида шуда, дар онҳо мавзуҳои

замонавӣ доир ба фарҳанг ва ҳунарҳои мардумӣ дар хонавода бештар ворид карда шаванд:

- таҷрибаи пешқадами кишварҳои дигар доир ба инкишофи фарҳанги эстетикӣ дар байни ҷавонон ба воситаи кори муассисаҳои маориф ва фарҳангию фароғатӣ омӯхта ва паҳн гардонида шавад.

Аммо, яке аз масъалаҳои муҳиме, ки имрӯз таваҷҷуҳи давлат ва ҷомеаро бештар ҷалб менамояд, ин инкишофу рушди анъанаҳои миллӣ дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ ва истифодаи онҳо дар тарбияи эстетикӣ мебошад. Эҳё гардидани анъанаҳои миллии бадеии халқ, мусиқии фолклорӣ, нуфузи давлатӣ ва умумибашарӣ пайдо кардани мусиқии суннатии миллии мо «Шашмақом», эҳёи нави «Фалак», дигар арзишҳои фарҳангӣ ва дар ин замина таъсис ёфтани дастаҳои хунарии давлатӣ, ҷалби ҷавонон аз тамоми манотиқи кишвар ба ин дастаҳо, ғанӣ гардидани анъанаву расму ойинҳо, дар ҳар як шаҳру ноҳия таъсис ёфтани дастаҳои ҳунарии мардумӣ, боиси беҳтар гардидани кори тарбиявӣ-эстетикӣ ва такмил ёфтани низоми омодасозии мутахассисон соҳаи фарҳанги бадеӣ дар ҷумҳурӣ гардидааст.

Таҳқиқот нишон дод, ки дар корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд. Дар ин бобат яке аз омилҳои носозгор дар чорабиниҳо ва барномаҳои фарҳангӣ - фароғатӣ кам иштирок доштани ҷавонон, дур будани марказҳои фароғатӣ аз хонаву хобгоҳ, ба талаботи замон ҷавобгӯ набудани баъзе муассисаҳои навъи клубӣ маҳсуб меёфтаанд. Аз ин лиҳоз, дуруст ба ҳисоб нагирифтани талаботи маънавӣ ва дархости гурӯҳи иҷтимоӣ - демографии омӯзанда ба он меоварад, ки дар аксари ҳолатҳо муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва умумияти маънавию эстетикӣ новобаста аз ҳамдигар арзи вуҷуд мекунанд. Аз ин рӯ, бобати ин нукта мебояд ҷиддӣ таъкид намуд, ки дар шароити муосир коста будани ҳамкории мутақобила яке аз омилҳои асосии коҳишёбии эътибори бисёр муассисаҳои фарҳангиву фароғатӣ ва камтаваҷҷӯҳии нисбии донишҷуёни коллеҷҳо қарор гирифтааст.

Дар ҷамъбасти таҳқиқот бо дарназардошти принсипи интегративӣ ва

тафриқавӣ, ҳамзамон гузаронидани тадбирҳои тарбияи эстетикӣ дар байни донишҷӯёни коллеҷ бобати дарку сарфаҳмравии онҳо ба арзишҳои зебоипарастӣ, ҷалбшваии онҳо ба эҷодиёти бадеӣ, ба анъанаву ойинҳо, аз ҷониби мо пажуҳишгарон, барномаи педагогии ҳамкории педагогии коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг оид ба ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён таҳия ва татбиқ карда шуд, ки асосан бо назардошти се гурӯҳҳои типологӣ коркард ва вазифаҳои тарбиявӣ-эстетикӣ дар онҳо муайян гардидаанд.

Дар гурӯҳи якуму дуюм, ба тафаккури омӯзгорон таъсир расонидан ва баланд бардошатни сатҳи шиносонидани онҳо бо расму ойину суннатҳои фарҳангӣ ва махсусияти истифодабарии онҳо дар раванди таълим ва корҳои беруназаудиторӣ, тавсеаи система шакл ва воситаҳои самараноки тарбияи эстетикии донишҷӯён ки на танҳо донишҳои эстетикӣ, балки малакаҳои арзёбӣ намудани асарҳои санъатро бояд ташаккул диҳанд.

